Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№22 (12556)
4 июн
соли 2026

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

РОҲНАМО



Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

28 май таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар он, нахуст, дар бораи лоиҳаи Барномаи пешгирӣ ва назорати диабети қанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 ва лоиҳаи Барномаи рушди саноати фарматсевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 гузориши вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Ҷамолиддин Абдуллозода шунида шуд.

Таъкид гардид, ки Барномаи пешгирӣ ва назорати диабети қанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 бо мақсади коҳиш додани гирифторшавӣ ба беморӣ қанд ва фавти аҳолӣ аз он, истифодаи захираҳои мавҷуда барои ташхиси бармаҳал, мукаммалсозии ёрии махсуси эндокринологӣ, таъмини дастрасӣ ба ҳама намуди табобат, таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои тандурустӣ, тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва амалӣ таҳия шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки барои пешгирии самарабахш аз бемории қанд, дар баробари чораҳои анъанавӣ, ҳамчунин, рӯ овардан ба ғизои солим ва тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла, аз тариқи машғулшавӣ ба варзишу тарбияи ҷисмонӣ ва сайру гашт дар боғҳои фарҳангӣ ва табиати биҳиштосои кишвар басо муҳим аст.

Зимни баррасии лоиҳаи Барномаи рушди саноати фарматсевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, аз ҷумла, иттилоъ дода шуд, ки мақсад аз таҳия ва қабули он фароҳам овардани заминаи мусоид барои фаъолияти илмию тадқиқотӣ, истеҳсоли доруворӣ, рушди устувори саноати дорусозӣ дар асоси технологияҳои муосир, зиёд намудани маҳсулоти ивазкунандаи воридот, таъмини аҳолӣ ва соҳаи тандурустӣ бо дору ва молҳои тиббии ватанӣ, ба роҳ мондани парвариш, ҷамъоварӣ ва коркарди рустаниҳои шифобахш, инчунин, ҷалби сармояи хориҷӣ барои рушди соҳа мебошад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки барои бумисозии истеҳсоли доруворӣ дар дохили кишвар ва дастгирии соҳибкорони тавлидгари ин маҳсулот аз имконоти мавҷуда васеъ истифода бояд кард.

Дар идомаи маҷлис Раҳим Саидзода, вазири маориф ва илми кишвар, дар бораи лоиҳаи Барномаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 гузориш дод.

Зикр гардид, ки ҳадаф аз қабули ин лоиҳа таҳкими сиёсати иҷтимоии давлат дар самти ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, рушди низоми хидматрасонии иҷтимоӣ ва пешгирии ҳолатҳои зуроварӣ нисбат ба онҳо, инчунин, беҳтар намудани шароити нигоҳубин ва таълиму тарбияи кӯдакон мебошад.

Зимни баррасии лоиҳаи Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти мақомоти марбутаро дар ин самти кор ғайриқаноатбахш номида, барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта супоришҳои мушаххас доданд.

Сипас барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2026-2030 баррасӣ ва қабул шуд. Зимнан, таъкид гардид, ки раванди рақамикунонӣ дар ин соҳа тезонда шавад.

Дар кори маҷлис, ҳамчунин, вазъи истеҳсоли семент ва масъалаҳои вобаста ба таъмини бозори кишвар бо ин маҳсулот мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Таъкид гардид, ки семент имрӯз яке аз маҳсулоти муҳимми рушди инфрасохтор, саноат ва сохтмон ба ҳисоб рафта, таъмини устувори бозори дохилӣ бо он аҳаммияти муҳимми иқтисодиву иҷтимоӣ дорад.

Зикр карда шуд, ки солҳои охир бо дастгирии Ҳукумати кишвар иқтидорҳои истеҳсолии соҳа ба таври назаррас афзоиш ёфта, ҳаҷми истеҳсоли семент аз 300 ҳазор тоннаи соли 2014 ба зиёда аз 5 миллион тонна расидааст.

Ҳамзамон бо ин, Сарвари давлат ба вазъи кунунии бозори семент, аз ҷумла, болоравии нарх ва камчинии маҳсулот дар баъзе минтақаҳои кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд.

Гуфта шуд, ки сарфи назар аз афзоиши ҳаҷми истеҳсол, дар фаъолияти як қатор сохторҳои соҳавӣ вобаста ба ҳамоҳангсозии фаъолияти истеҳсолӣ, истифодаи иқтидорҳо, танзими бозор ва назорати фаъолияти шабакаҳои фурӯш камбудиҳо ҷой доранд.

Аз ҷумла, зикр гардид, ки баъзе корхонаҳои истеҳсолӣ дар мавсими фаъоли сохтмон барои таъмир бозбаста шуда, инчунин, фаъолияти миёнаравҳо ва дилерҳо дар баъзе ҳолатҳо ба болоравии нархи маҳсулот таъсир расондааст.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки болоравии нархи семент метавонад ба суръати корҳои сохтмонӣ, арзиши манзил, татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва рушди иқтисоди миллӣ таъсир расонад.

Баъд аз баррасии масъала ба мақомоти масъул барои ба эътидол овардани вазъ ва таъмини бозори дохилӣ бо семент супоришҳои мушаххас дода шуд.

Аз ҷумла, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав супориш дода шуд, ки истифодаи пурраи иқтидорҳои истеҳсолӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти корхонаҳо ва ташкили низоми доимии мониторинги бозорро таъмин намояд.

Ба Хадамоти зиддиинҳисорӣ якҷо бо мақомоти марбута дастур дода шуд, ки фаъолияти шабакаҳои фурӯш ва миёнаравҳоро мавриди таҳлил ва санҷиш қарор диҳанд.

Ҳамчунин, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, Вазорати энергетика ва захираҳои об, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Саридораи геология, Вазорати нақлиёт ва КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» вобаста ба таъмини устувори бозор, рушди иқтидорҳои истеҳсолӣ, беҳтар намудани логистика, таъмини неруи барқ ва риояи меъёрҳои экологӣ супоришҳои дахлдор дода шуд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки вазорату идораҳои масъул бояд барои ҳарчи зудтар ба эътидол овардани вазъи бозори семент, ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва таъмини рушди устувори соҳаи сохтмон чораҳои амалӣ андешанд.

Ба роҳбарони Агентии захираҳои моддии давлатӣ ва ҷамъияти «Тоҷикматлубот» дастур дода шуд, ки хариди сементро аз истеҳсолкунандагон ва фурӯши онро дар минтақаҳои дурдаст ба роҳ монанд.

Дар робита ба вазъи бозори дохилӣ, ба роҳбарони ширкатҳои истеҳсолкунандаи семент барои ба низом даровардани корҳои таъмириву истеҳсолӣ дастуру ҳидоятҳои мушаххас дода шуд.

Масъулини соҳа супориш гирифтанд, ки вазъи бозори сементро пурра таҳлилу баррасӣ намуда, дар муддати як ҳафта ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур намоянд.

Таъкид гардид, ки аз ҳолатҳои ба таври сунъӣ болобарии нархи семент, ки аз ҷониби баъзе миёнаравону тоҷирон ба хотири даромади муфт ба миён оварда мешавад, ҷиддан пешгирӣ карда шавад.

Дар фароварди маҷлис ба вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои вусъат бахшидан ба корҳои ободонию созандагӣ ва омодагии ҳамаҷониба ба истиқболи сазовори ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дастуру тавсияҳо дода шуд. Аз ҷумла, супориш дода шуд, ки дар доираи омӯзиш ва тарғибу ташвиқи таъриху фарҳанги ориёӣ сифати таълими алифбои ниёгон дар муассисаҳои соҳаи маориф беҳтар карда шавад.

www.president.tj

Басо коре, ки аз ёре барояд,
Бибояд ёр, то коре барояд.
Низомии Ганҷавӣ

ПАҲНОИ СИЁСАТ



Марҳалаи нави ҳамкориҳо дар соҳаи об

Суханронии Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси чоруми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал: «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»

Оличанобон,
Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо,
Хонумҳо ва ҷанобон,

Пеш аз ҳама, ташрифи ҳар яки шуморо ба сарзамини бостонии Тоҷикистон самимона хайрамақдам мегӯям!

Барои мо мояи ифтихор аст, ки имрӯз дар доираи Раванди оби Душанбе Конфронси чоруми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» баргузор мегардад.

Ин конфронс ба ташаккули уҳдадориҳои муштараки мо барои таҳкими ҳамкорӣ ва суръат бахшидан ба амалҳо ҷиҳати ҳалли яке аз мавзуъҳои ҳассоси замони муосир мусоидат мекунад.

Мо иштироки фаъол ва саҳмгузории шуморо дар пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об баланд қадр менамоем.

Иштирокчиёни гиромӣ,

Тайи солҳои охир Тоҷикистон ба мақсади дар маркази рӯзномаи рушди байналмилалӣ қарор додани масъалаи об як силсила тадбирҳои амалӣ андешид.

Дар ин ҷода кишвари мо тавассути ташаббусҳои худ дар соҳаи об, ки аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ҳамеша дастгирӣ ёфтанд, пайваста талош варзид.

Ҷавҳари ин талошҳои мо аз масъалаҳои баланд бардоштани мақому манзалати об - сарвати бебаҳои ҳаёт иборат аст.

Тоҷикистон ҳамоно ҷонибдори барҳурди мутавозин, фарогир ва ба самараи амалӣ нигаронидашуда мебошад.

Эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» гувоҳи возеҳи кӯшишҳои муштараки мо дар ин самт мебошад.

Илова бар ин, баргузории муваффақонаи Конфронси таърихии оби Созмони Милали Муттаҳид дар соли 2023 таҳти мизбонии Тоҷикистону Нидерландия зарурати уҳдадориҳои ҷаҳониро барои тезонидани амалҳо дар соҳаи об возеҳан нишон дод.

Мо дар доираи Раванди оби Душанбе ба талошҳои худ дар самти ташкили платформаи байналмилалии фарогир ва шаффоф идома дода, имрӯз чун анъана, ҳукуматҳо ва дигар ҷонибҳои манфиатдорро аз саросари ҷаҳон барои дар амал татбиқ намудани уҳдадориҳои марбут ба об гирди ҳам овардаем.

Бояд эътироф кард, ки бо вуҷуди пешравиҳо дар мавзуи об, ҷаҳон ҳанӯз ҳам бо як зумра мушкилиҳое рӯ ба рӯ мебошад, ки раванди ноилшавӣ ба Ҳадафи шашуми рушди устуворро душвор кардааст.

Ҳоло миллиардҳо нафар одам ба оби нӯшокии бехатар ва хизматрасониҳои беҳдоштӣ дастрасӣ надоранд, наздик ба 4 миллиард нафар ҳар сол ҳадди аққал як моҳ бо норасоии шадиди об дучор мешаванд.

Тамоюлҳои ҷорӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ин мушкилиҳо дар оянда ба таври назаррас афзоиш хоҳанд ёфт.

Тибқи таҳқиқоти нави коршиносон, талаботи ҷаҳон ба оби ошомиданӣ то соли 2050 ҳадди аққал ба 25 фоиз зиёд мешавад ва ин зарурати истеҳсоли 50 фоиз бештари ғизоро барои аҳолии рӯ ба афзоиш тақозо менамояд.

Ҳамзамон бо ин, қариб нисфи аҳолии шаҳрнишини ҷаҳон метавонад бо норасоии об рӯ ба рӯ гардад.

Соҳаҳои нав ва босуръат рушдёбанда, аз ҷумла, саноати «сабз», шаҳрсозӣ, истеҳсоли озуқаворӣ ва инфрасохтори рақамӣ талабот ба обро боз ҳам зиёд хоҳанд кард.

Ин раванд зарурати гузариш ба технологияҳои сарфакоронаи об, мудирияти муассири захираҳо ва ҳамоҳангсозии беҳтари сиёсати об, энергетика ва озуқавориро дучанд месозад.

Илова бар ин, таъсири пайомадҳои тағйирёбии иқлим, аз ҷумла, хушксолӣ, обхезиҳо, обшавии босуръати пиряхҳо ва баландшавии сатҳи баҳр вазъи ҷориро дучанд шиддат мебахшад.

Воқеияти зикршуда барои низомҳои аллакай осебпазир фишори иловагӣ эҷод мекунад.

Ин нишондиҳандаҳо танҳо пешгӯӣ нестанд, балки ҳушдори ҷиддӣ ва даъват ба амал ба ҳар яки мо мебошанд.

Иштирокдорони муҳтарам,

Ҷиҳати ҳалли фасли мушкилиҳои марбута, Тоҷикистон дар сатҳи милливу минтақавӣ низ чорабиниҳои зарурӣ меандешад.

Дар доираи Барномаи ислоҳоти соҳаи об заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ барои татбиқи марҳалавии мудирияти ҳамгироии захираҳои об ба таври назаррас таҳким ёфта, инфрасохтори калидӣ навсозӣ гардидааст, ки аллакай самаранокӣ ва устувории истифодаи обро беҳтар мекунад.

Барои суръат бахшидан ба раванди ноилшавӣ ба Ҳадафи шашуми рушди устувор дар кишвари мо Стратегияи миллии об то соли 2040 ва Барномаи давлатии таъминоти оби нӯшокӣ ва беҳдошт барои солҳои 2025-2029 қабул гардидаанд.

Ин санадҳо афзалиятҳои дарозмуддат ва тадбирҳои мушаххасро барои рушди соҳаи об муайян менамоянд.

Мо ният дорем, ки то соли 2030 татбиқи пурраи мудирияти ҳамоҳангшудаи захираҳои обро дар сатҳи миллӣ ва ҳавзавӣ таъмин намуда, низоми муосири илман асоснок, устувор ва самаранокро таъсис диҳем.

Ҳамзамон бо ин, мо талош дорем, ки то соли 2040 дастрасӣ ба оби мутамарказро ҳадди ақал барои 90 фоизи аҳолӣ таъмин намоем.

Мо тасмим гирифтаем, ки ба ин васила дастрасии ҳар як шаҳрвандро ба оби тозаи ошомиданӣ кафолат диҳем.

Дар баробари ин, Тоҷикистон нақша дорад, ки миқёси технологияҳои сарфакунандаи обро зиёда аз чил баробар афзоиш дода, истифодаи самаранокии ин неъмати бебаҳоро ба як абзори калидии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим табдил диҳад.

Гузашта аз ин, мо ният дорем, ки то соли 2040 рақамикунонии мудирияти захираҳои обро то 80 фоиз афзоиш дода, бо ин роҳ шаффофият, самаранокӣ ва устувории қабули қарорҳои марбутаро таъмин намоем.

Дӯстони гиромӣ,

Мо ба рушди ҳамкориҳои фаромарзӣ дар соҳаи об аҳаммияти хоса медиҳем.

Ҷиҳати таҳкими минбаъдаи эътимод, шарикӣ ва муколамаи созанда дар Осиёи Марказӣ оид ба ҳалли масъалаҳои муҳимми об ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳем.

Тоҷикистон ба Фонди байналмилалии наҷоти баҳри Арал ҳамчун платформаи мусоиди минтақавӣ барои баррасӣ ва ҳалли маҷмуи масъалаҳои об ба хотири рушди устувор менигарад.

Вобаста ба ин ва бо дарназардошти мушкилоти муосир ва ниёзҳои кишварҳои минтақа, мо ҷонибдори такмили сохтори ин фонд ва дар чорчӯби он таъсис додани Комиссияи байнидавлатии энергетикӣ барои Осиёи Марказӣ ҳастем.

Ин комиссия метавонад ҳамчун як абзори муҳимми таҳкими ҳамкории минтақавӣ ва таъмини рушди устувори ҳавзаи баҳри Арал хизмат намояд.

Ҳозирини муҳтарам,

Дар солҳои охир, Даҳсолаи байналмилалии амали об ва Рӯзномаи амали об барои ҳаллу фасли мушкилоти марбут ба об заминаҳои мустаҳкам фароҳам сохтанд.

Бо вуҷуди ин, дар ҷодаи рафъи ин мушкилот ба нафъи имрӯзу ояндаи сайёра мо ҳанӯз дучори монеаҳои ҷиддӣ ҳастем.

Барои бартараф кардани ин монеаҳо дар саросари ҷаҳон, дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ иқдомҳои назаррас роҳандозӣ мешаванд, ки бояд ягонагӣ ва ҳамкориро дар самти об тақвият бахшанд.



Дар ин росто, мо ба талошҳои мутавозин, муассир ва фарогири манфиатҳои муштарак ниёз дорем.

Тоҷикистон бар ин назар аст, ки ба мақсади тавсеаи ин талошҳо ва амалисозии онҳо имрӯз зарурати гузариш ба марҳалаи нави ҳамкории ҷаҳонӣ дар соҳаи об ба миён омадааст.

Аз ин лиҳоз, мо пешниҳод менамоем, ки «Чаҳорчӯби Душанбе барои об» таъсис дода шавад.

Ин чаҳорчӯб метавонад равандҳои ҷориро дар масъалаҳои об таҳким бахшида, заминаи мусоидро барои ҳамоҳангӣ ва ҳамгироии талошҳои муштарак ҷиҳати расидан ба натиҷаҳои амалӣ муҳайё созад.

Ҳозирини гиромӣ,

Мо ба марҳилаи ҷамъбастии Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» наздик мешавем.

Зарур аст, ки аз ҳоло дар бораи рӯзномаи ҷаҳонии об баъди соли 2030 андеша намоем.

Иқдомҳои мо дар ин ҷода бояд аз дастовардҳои Даҳсола, Рӯзномаи амали об ва таҷрибаи Раванди оби Душанбе манша гирифта, ба ҳалли масъалаҳои рӯзафзуни марбут ба об равона карда шаванд.

Ёдовар мешавам, ки мо дар пешорӯи баргузории силсила ҳамоишҳои муҳимми сатҳи ҷаҳонӣ дар соҳаи об, аз ҷумла, Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид дар соли 2026 ва Саммити Ҳадафҳои рушди устувор дар соли 2027 қарор дорем.

Ҳамзамон бо ин, дар соли 2028 шаҳри Душанбе мизбони Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид хоҳад гардид, ки аз Даҳсолаи ҷории байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» натиҷагирӣ хоҳад кард.

Бар ин боварам, ки натиҷаҳои ин ҳамоишҳо ба ташаккули Рӯзномаи ҷаҳонии об пас аз соли 2030 мусоидат хоҳанд кард.

Дар ин раванд, расидан ба натиҷаҳои амалӣ, маблағгузории устувор, ҳамгироии сиёсати об бо иқлиму энергетика, озуқаворӣ ва низомҳои муҳитзистӣ, инчунин, тақвияти ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ бояд мавзуъҳои калидии Рӯзномаи нави обро ташкил диҳанд.

Дар ин замина, «Чаҳорчӯби Душанбе барои об» муҳаррики пешбурди Рӯзномаи ҷаҳонии об пас аз соли 2030 хоҳад шуд.

Хонумҳо ва ҷанобон,

Комёб гардидани мо дар ин масир, пеш аз ҳама, ба ҳамкории боэътимод, дарки муштараки мушкилот ва дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо вобастагӣ дорад.

Биёед, аз имкониятҳои конфронси имрӯза ҳамчун нуқтаи гардиш дар ҳаллу фасли масоили об истифода намоем.

Ҳамаи мо масъулияти муштараки муҳим дорем – ганҷинаи бебаҳои сайёра, яъне, захираҳои обро бояд барои наслҳои имрӯзу оянда оқилона ва самаранок идора намоем.

Ҳозирини гиромӣ,

Дар хотима, мехоҳам эълон намоям, ки мо ба мақсади пешбурд ва тақвияти дипломатияи об ва муттаҳид кардани талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ояндаи устувор ва бехатар Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи об таъсис додем.

Ин ҷоиза барои эътироф намудани саҳми барҷаста дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, таҳқиқоти илмӣ, сиёсати устувори об ва пешбурди роҳҳои ҳалли муассири мушкилоти ҷаҳонии об нигаронида шудааст.

Ташаккур аз таваҷҷуҳатон.

Лоиҳаи Барномаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030 баррасӣ гардид.

ҲАМОИШ

САРМОЯГУЗОРӢ БА КӮДАКОН



Бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 майи соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон таҳти унвони «Сармоягузорӣ ба кӯдакон – заминаи рушди устувори давлат ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» баргузор гардид.

Дар кори конференсия муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак Дилрабо Мансурӣ, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, намояндагони вазорату идораҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд иштирок намуданд.

Конференсияро муовини Сарвазири кишвар Дилрабо Мансурӣ ифтитоҳ намуда, зимни суханронии худ ҳозиринро ба муносибати Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон табрик намуда, таъкид кард, ки таваҷҷуҳ, ҳифз ва сармоягузорӣ ба кӯдакон яке аз самтҳои калидии сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, он заминаи асосии рушди устувори ҷомеа ва таҳкими сармояи инсонӣ мебошад.

Зикр гардид, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ давлатҳое муваффақ мешаванд, ки ба рушди инсон, бахусус, кӯдакон афзалият медиҳанд. Дар ин замина, сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушду камолоти кӯдакон равона гардидааст.

Вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода дар суханронии худ иброз дошт, ки таваҷҷуҳ ва сармоягузорӣ ба кӯдакон сармоягузорӣ ба зеҳн, маърифат, саломатӣ, фарҳанг ва амнияти онҳо мебошад.

Дар идомаи суханронии худ вазири маориф ва илм ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак таваҷҷуҳ намуда, қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд дар самти таъмини ҳуқуқҳои кӯдакон заминаҳои ҳуқуқиро такмил дода, як қатор барномаҳои давлатӣ қабул намудааст.

Қайд гардид, ки Вазорати маориф ва илм дар ҳамоҳангӣ бо дигар мақомоти давлатӣ ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон, таъмини муҳити бехатари таълимӣ, рушди фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҳифзи кӯдакон аз таъсири манфии муҳити рақамӣ тадбирҳои мушаххас амалӣ менамояд.

Дар шароити густариши технологияҳои рақамӣ масъалаи амнияти иттилоотии кӯдакон яке аз масъалаҳои муҳимми замони муосир арзёбӣ гардида, зарурати ташаккули саводнокии рақамӣ, баланд бардоштани маърифати иттилоотӣ ва рушди малакаҳои муосири хонандагон таъкид шуд.

Ҳамзамон, ба масъалаҳои вобаста ба дастрасӣ ба таҳсилоти босифат, тақвияти инфрасохтори рақамӣ, баланд бардоштани сатҳи омодагии омӯзгорон, муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба тарбияи кӯдакон таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Қайд гардид, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, ЮНИСЕФ ва ЮНЕСКО дар самти рушди таҳсилоти фарогир, рақамикунонии соҳаи маориф ва ҳифзи иҷтимоии кӯдакон натиҷаҳои назаррас ба бор оварда истодаанд.

Дар фароварди суханронии вазири маориф ва илм таъкид намуд, ки татбиқи ҳадафҳои рушди устувор, бахусус, дар самти таъмини таҳсилоти босифат ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти стратегӣ дорад.

Дар ҷараёни муҳокимаҳо иштирокчиён таъкид карданд, ки ҳифзи манфиатҳои беҳтарини ҳар як кӯдак ҳамоно яке аз самтҳои афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Конференсияи мазкур ҳамчун майдони муҳимми мубодилаи афкор дар самти таҳкими сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва рушди соҳаи маориф арзёбӣ гардида, иштирокчиён омодагии худро барои густариши ҳамкориҳои минбаъда изҳор намуданд.

Ҷаласаи навбатии ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илм

29 майи соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ҷаласаи навбатии ҳайати мушовара баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа аъзои ҳайати мушовара, муовинони вазир, роҳбарони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, муассисаҳои тобеи вазорат ва дигар кормандони соҳаи маориф иштирок намуданд.

Ҷаласаро вазири маориф ва илм ифтитоҳ намуда, таъкид кард, ки соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат таҳти таваҷҷуҳ ва ғамхории доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, барои рушди устувори он шароити мусоид муҳайё гардидааст. Гуфта шуд, ки маҳз бо роҳнамоӣ ва дастгириҳои ҳамаҷонибаи Пешвои миллат дар солҳои охир корҳои зиёде ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, фароҳам овардани инфрасохтори муосири соҳа, такмили заминаҳои моддиву техникӣ, боло бурдани нуфузи омӯзгорон ва густариши дастрасӣ ба таҳсилот анҷом ёфта истодаанд.

Дар идомаи ҷаласа масъалаи омодагӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027 дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ва муайян намудани эҳтиёҷоти онҳо ба маводи сӯхт, аз ҷумла, ангишту ҳезум мавриди баррасӣ қарор гирифт. Доир ба ин масъала сардори шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ М. Тоирзода гузориш пешниҳод намуда, оид ба тадбирҳои андешидашуда барои таъмини муассисаҳои таълимӣ бо маводи зарурии сӯхт, омодасозии иншооти соҳа ба мавсими сармо ва ҳамоҳангсозии корҳои вобаста маълумот дод.

Сипас лоиҳаи Нақшаи кори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи дуюми соли 2026 баррасӣ гардид. Мушовири вазири маориф ва илм И. Аминов зимни баромади худ оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти вазорат, нақшаи чорабиниҳои пешбинишуда ва вазифаҳои асосии сохторҳои соҳавӣ маълумот пешниҳод намуд.

Ҳамзамон, дар ҷаласа вазъи таълиму тарбия ва сифати омода намудани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайридавлатии ҷумҳурӣ мавриди муҳокима қарор гирифт. Сардори раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ Ҳ. Саидзода оид ба вазъи фаъолияти муассисаҳои мазкур, сатҳи таълиму тарбия, таъминоти кадрӣ ва зарурати тақвияти назорати сифати таҳсилот гузориш дод.

Инчунин, масъалаи тасдиқи Низомномаи истироҳати тобистонаи солимгардонии наздимуассисавӣ баррасӣ гардид. Директори Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ М. Давлатзода доир ба муҳтавои низомнома, тартиби ташкили истироҳати тобистонаи хонандагон ва фароҳамсозии шароити мусоид барои фароғату солимгардонии кӯдакону наврасон маълумот пешниҳод намуд.

Бо дарназардошти пешниҳоду мулоҳизаҳои иштирокчиён аз рӯйи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Дар фарҷоми ҷаласа вазири маориф ва илм ба масъулин ҷиҳати иҷрои саривақтӣ ва босифати қарорҳои қабулшуда, омодагии ҳамаҷониба ба давраи тирамоҳу зимистон, таҳкими назорати сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ, татбиқи нақшаи корияи вазорат ва ташкили самараноки истироҳати тобистонаи хонандагон дастуру супоришҳои мушаххас дод.

ШОДБОШӢ

Фардои дурахшони Тоҷикистон аз табассуми кӯдакон оғоз мешавад

Паёми табрикии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ба муносибати Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон



Ҳамватанони арҷманд!
Муҳтарам аҳли маориф!

Кӯдакон бузургтарин неъмати зиндагӣ, идомабахши наслҳо ва рамзи ҷовидонии миллатанд. Табассуми кӯдакон муждаи фардои нек, қадамҳои онҳо оғози роҳи ободии Ватан ва ҳар муваффақияти онҳо дастоварди ҷомеа ба шумор меравад. Аз ҳамин ҷост, ки дар тамоми ҷаҳон ғамхорӣ ба кӯдакон ҳамчун яке аз муҳимтарин вазифаҳои давлат ва ҷомеа эътироф гардида, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ба меҳвари сиёсати иҷтимоии кишварҳои пешрафта табдил ёфтааст.

Боиси сарфарозист, ки ҳамасола дар қатори дигар кишварҳои ҷаҳон 1 июн дар Тоҷикистони соҳибистиқлол низ ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон таҷлил мегардад ва ин далелу бозгӯи дастгирию ҳимояи кӯдакон ва эҳтирому арҷгузории ҳуқуқу манфиатҳои онҳо мебошад. Ҳамчунин, таҷлили ин сана як навъ даъват аз аҳли ҷомеа, омӯзгорон, волидайн ва тамоми сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ мебошад, ки барои ҳаёти хушбахтона, таълиму тарбия ва таъмини фардои дурахшони насли наврас пайваста ғамхорӣ зоҳир намоянд, зеро кӯдакон ояндаи ободу осудаи ҳар як давлату миллат, сарвати нодиру беназири ҳар як оила ба шумор мераванд ва ифодагари бахту саодати ҷомеа мебошанд. Аз ин ҷост, ки дар саросари олам ба таъмини зиндагии шоистаи кӯдакон, дастгирии ҳаматарафаи онҳо ва ба таҳсили наврасон таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир карда мешавад.

Бо ҳадафи ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдакон Созмони Милали Муттаҳид санади муҳимми байналмилалӣ – Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдакро таҳия ва қабул намудааст. Иҷрои кулли талаботу дастурҳои ин санад аз ҷониби тамоми кишварҳои дунё ҳатмист ва зимни он тақозо мешавад, ки дар ҳамаи олам кӯдакон ба ғамхорию муҳофизат фаро гирифта шаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳибистиқлол гаштан Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдакро соли 1993 ба тасвиб расонд, уҳдадор шуд, ки ҳамеша баҳри риояву иҷрои талаботи ин санади байналмилалӣ чидду ҷаҳд хоҳад кард. Тибқи Конвенсияи мазкур, ҳар фарди аз 18-сола хурд кӯдак ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар сиёсати хирадмандонаи худ ба ғамхорӣ нисбат ба кӯдакон ҳамчун ояндасозони миллат эътибори пайваста ва махсус зоҳир менамоянд, вобаста ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон чунин зикр намудаанд: «Ин сана ба мо-калонсолон ҳамеша ҳушдор медиҳад, ки масъулияти саломатӣ, тарбияи маънавии кӯдакону наврасон, фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму тарбияи онҳо дар мактаб ва оила, инкишофи эҷодиёти бачагон ва тайёр намудани онҳо ба зиндагии оянда ба дӯши мост. Мо кӯдаконро бояд самимона дӯст дорем ва меҳру муҳаббати худро дар вучуди поки онҳо ҷой диҳем. Кӯдакон ояндаи моянд ва ба мо фараҳу шодмонӣ, бахту саодат эҳдо мекунанд».

Бояд гуфт, ки бештар аз 41 дарсади аҳолии кишвари моро кӯдакон ташкил медиҳанд ва барои рушду такомули ҳаматарафаи онҳо дар мамлакат тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Дар ҷумҳуриамон дар заминаи қонун «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифаи муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар кишвар – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ҷумҳурӣ таъсис дода шудааст, ки далели эҳтиром ба кӯдакон ва риояи қатъии тамоми ҳуқуқҳои онҳо мебошад.

Хушбахтона, соҳаи маорифи мамлакат дар самти кор бо кӯдакон, фароҳамоварии шароити зарурию созгор барои таҳсил ва тарбияи онҳо хеле фаъол аст ва ин масъала дар меҳвари тадбирҳои ҳамешагии Вазорати маориф ва илм қарор дорад. Дар давоми 35 соли соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар садҳо кӯдакистон, муассисаи таълимӣ, маркази рушди кӯдак ва иншооти варзишию фарҳангӣ бунёд гардидаанд ва бунёдкорию созандагиҳо дар ин самт бомаром идома доранд. Тамоми кӯдакони мо бо таҳсил дар шароити беҳтарин фаро гирифта шудаанд ва ба таълиму тарбияи онҳо мураббиёну омӯзгорони фаъолу соҳибтаҷриба ва ғамхору фидокор машғуланд.

Дар диёри арҷманди мо дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» барои дастгирию раҳнамоӣ ва тарбияву омӯзиши кӯдакон ҳар як узви ҷомеа масъулу вазифадор аст, яъне, таъмини ҳаёти шоиставу файзбори насли наврас вазифаи ҳамагонист.

Муҳимтар аз ҳама, боиси ифтихори мост, ки имрӯз таҳти сиёсати маорифпарварона ва инсонмеҳваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кӯдакону наврасон дар меҳвари таваҷҷуҳи давлат қарор дошта, барои таълиму тарбия, рушди истеъдод ва ташаккули шахсияти онҳо беҳтарин имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд.

Ба ифтихори Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон тамоми кӯдакон, волидону устодон ва аҳли кишварро самимона табрик мегӯям ва таманнои онро дорам, ки фазои кӯдакони Тоҷикистони азиз ҳамеша софу беғубор бошад, табассум аз лабони кӯдакон ҳаргиз канда нашавад ва онҳо доимо дар заминаи сулҳу ваҳдати кишвар ҳаёти осоиштаву хушбахтона дошта бошанд.

Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон фархунда бод!

Дар Тоҷикистон низоми электронии E-PERMIT ба кор дароварда шуд.

Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.
Ибни Сино

ИФТИХОР

АБУАЛӢ ИБНИ СИНО: АЗ МЕРОСИ МИЛЛӢ ТО САРМОЯИ ИЛМИИ БАШАРИЯТ

Дар ҳошияи ташаббуси навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб

Дар таърихи давлатҳои соҳибтамаддун даврае фаро мерасанд, ки таваҷҷуҳ ба шахсиятҳои бузурги миллӣ дар баробари арҷгузории фарҳангӣ ба ҷузъи муҳимми сиёсати давлатӣ табдил меёбад. Дар чунин марҳилаҳо миллатҳо дар баробари гузаштагони худро гиромӣ доштан, бо такя ба мероси онҳо роҳи рушди ояндаи худро муайян менамоянд. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 23 майи соли 2026 дар бораи таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб маҳз аз ҷумлаи ҳамин гуна иқдомҳои таърихӣ мебошад.



Дар назари аввал, ин санад ба таъсиси як ҷоизаи нави илмӣ иртибот дорад. Аммо дар асл, моҳияти он бисёр фарохтар аст. Ин ташаббус дар худ чанд ҳадафи муҳимми сиёсӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва маънавиро муттаҳид месозад: гиромидошти хотираи яке аз бузургтарин фарзандони миллати тоҷик, таҳкими ҷойгоҳи Тоҷикистон дар фазои илмии ҷаҳон, ҳавасмандсозии таҳқиқоти нав дар соҳаи тиб ва муаррифии саҳми тамаддуни тоҷикон дар рушди фарҳанги башарӣ.

Дар сиёсати фарҳангии даврони истиқлол масъалаи эҳёи хотираи таърихӣ ва муаррифии шахсиятҳои бузурги миллӣ мавқеи махсус касб кардааст. Ҷашнҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Бобоҷон Ғафуров ва дигар чеҳраҳои барҷастаи таъриху фарҳанги тоҷик аз ҳамин сиёсат сарчашма мегиранд. Аммо дар миёни ҳамаи ин шахсиятҳо Абуалӣ ибни Сино ҷойгоҳи махсус дорад. Агар Рӯдакӣ рамзи адабиёти тоҷик ва Фирдавсӣ рамзи ҳифзи забон ва ҳувияти миллӣ бошад, Абуалӣ ибни Сино рамзи нубуғи илмӣ ва тафаккури ақлгароёнаи миллат маҳсуб мешавад.

Бузургии Шайхурраис дар он аст, ки ӯ тавонист аз муҳити маҳаллӣ берун рафта, ба яке аз чеҳраҳои сарнавиштсози таърихи илм табдил ёбад. Осори ӯ дар Шарқу Ғарб садсолаҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Асари машҳури ӯ «Ал-Қонун фи-т-тиб» дар тӯли чандин аср ҳамчун муҳимтарин китоби дарсӣ дар донишгоҳҳои Аврупо истифода мешуд. Баъд аз ихтирои дастгоҳи чоп маҳз ҳамин китоб яке аз аввалин асарҳое гардид, ки борҳо нашр шуд ва аз рӯйи шумораи табъ бо баъзе аз маъруфтарин китобҳои ҷаҳонӣ рақобат мекард.

Аммо аҳаммияти фаъолияти илмии Абуалӣ ибни Сино дар он аст, ки дар баробари донандаи соҳаи тиб, аз ҷумлаи донишмандони энсиклопедистест, ки дар таърихи башар камназир мебошанд. Фалсафа, мантиқ, риёзиёт, физика, мусиқӣ, равоншиносӣ, ахлоқ, сиёсат ва ҷомеашиносӣ танҳо бахше аз соҳаҳоеанд, ки дар онҳо осори арзишманд аз худ ба ёдгор гузоштааст.

Имрӯзҳо мо шоҳиди онем, ки асри XXI асри дониш ва рақобати зеҳнӣ ба ҳисоб меравад. Агар дар асрҳои гузашта сарвати табиӣ ва иқтидори ҳарбӣ ҷойгоҳи давлатҳоро муайян мекарданд, имрӯз сармояи асосии миллатҳо илм, технология ва захираҳои инсонӣ мебошанд. Дар чунин шароит давлатҳое пешрафтаанд, ки тавонистаанд донишро ба неруи пешбарандаи ҷомеа табдил диҳанд.

Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар, таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино ба ҳар яки мо паёми равшан медиҳад, ки мо бояд рушди тамоми соҳаҳоро бо илм, таҳқиқот ва маърифат пайванд диҳем.

Яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои ин масъала ба мансубияти таърихии худи Абуалӣ ибни Сино иртибот дорад, зеро дар даҳсолаҳои охир баъзан баҳсҳое дар атрофи ҳувияти миллии ин нобиға ба миён омадаанд. Вале ҳангоми муроҷиат ба сарчашмаҳои илмии муътамад, маълум мегардад, ки дар ин масъала ҷойи баҳси ҷиддӣ вуҷуд надорад.

Далели муҳимтаринро метавон дар «Большая Советская Энциклопедия» пайдо кард, ки солҳои 1949-1958 аз ҷониби даҳҳо донишманди маъруфи Иттиҳоди Шуравӣ таҳия гардидааст. Дар ҷилди 17-уми ин энсиклопедия Абуалӣ ибни Сино ҳамчун «файласуф, табиатшинос, табиб, риёзидон ва шоири барҷастаи тоҷик» муаррифӣ мешавад. Ҳамчунин, махсус таъкид гардидааст, ки падари ӯ Абдуллоҳ тоҷик аз Балх ва модараш Ситорабону тоҷик аз Афшана будааст.

Аҳаммияти ин маълумот дар он аст, ки сухан аз арзёбии муҳаққиқони тоҷик ё муаллифони муосир намеравад. Ин хулосаи олимони рус ва Шуравӣ мебошад, ки ҳанӯз дар миёнаҳои асри гузашта дар яке аз муътабартарин энсиклопедияҳои илмии ҷаҳон нашр гардидааст. Муҳимтар аз ҳама, ин китоб дар муҳите ба табъ расидааст, ки масъалаҳои илмӣ нисбатан аз баҳсҳои сиёсии имрӯзӣ дур буданд. Аз ин рӯ, имрӯз вақте аз мансубияти миллии Абуалӣ ибни Сино сухан мегӯем, ба далелҳои илмӣ такя мекунем.

Боиси таваҷҷуҳи хос он аст, ки ин мавқеи илмӣ ҳанӯз пеш аз нашри энсиклопедияи мазкур аз ҷониби устод Садриддин Айнӣ асосноқ гардида буд. Дар солҳои сиюми асри гузашта, вақте ки масъалаи таърих ва ҳувияти тоҷикон ҳанӯз баҳсбарангез буд, С. Айнӣ рисолаи машҳури «Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино»-ро таълиф намуд. Ӯ бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ, таҳлили муҳити фарҳангии замони Сомониён ва омӯзиши осори худи Сино исбот кард, ки ин донишманди бузург дар муҳити тоҷикӣ ташаккул ёфтааст.

Махсусан, таъкиди С. Айнӣ ба «Донишнома» аҳаммияти бузург дорад. Ин асар ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф гардида, яке аз нахустин донишномаҳои илмӣ ба ин забон маҳсуб мешавад. Ба андешаи устод Айнӣ, худи ҳамин воқеият нишон медиҳад, ки забони модарии Сино форсӣ-тоҷикӣ буда, ӯ худро ҷузъи ҳамин муҳити фарҳангӣ медонист.

Дар воқеъ, нақши Садриддин Айнӣ ва Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳифзи мероси Абуалӣ ибни Сино аз арзиши махсус бархӯрдор аст. Агар имрӯз ҷаҳон Синоро ҳамчун яке аз бузургтарин намояндагони тамаддуни тоҷик мешиносад, дар ин шинохт, саҳми ин ду нафар Қаҳрамони Тоҷикистон хеле бузург мебошад, зеро устод Айнӣ тавонист дар давраи бисёр ҳассоси таърихӣ дар асоси далелҳои илмӣ шахсияти Синоро аз баҳсҳои сиёсӣ берун оварад ва Пешвои миллат тавонистанд дар замони муосир дар муаррифию шинохти бештари Сино саҳми назаррас гузоранд.

Дар баробари ин, муҳим аст, дарк намоем, ки Абуалӣ ибни Сино ҳамчун фарзанди баруманди тоҷик яке аз бузургтарин намояндагони башарият шинохта шудааст. Бузургии ӯ маҳз дар ҳамин аст, ки аз муҳити миллии худ барҳоста, ба сарвати умумии инсоният табдил ёфт. Аз ин рӯ, вақте Тоҷикистон имрӯз ҷоизаи байналмилалиро ба номи ӯ таъсис медиҳад, дар асл, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муроҷиат мекунад ва аз номи яке аз фарзандони бузурги худ ба рушди илми ҷаҳонӣ саҳм мегузорад.

Маҳз ҳамин ҷанба ба ташаббуси мазкур аҳаммияти махсус мебахшад. Ҷоиза дар баробари он ки ҳамчун як василаи қадршиносии олимон аст, дар зимн, метавонад ба василаи муҳимми дипломатияи илмӣ табдил ёбад, зеро дар ҷаҳони муосир илм беш аз ҳар вақти дигар василаи ҳамкории байналмилалӣ гардидааст.

Аз ҳамин рӯ, Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино метавонад минбари нави ҳамоиши олимон, табибон ва муҳаққиқони ҷаҳон гардад. Ин иқдом имконият фароҳам меорад, ки номи Тоҷикистон на танҳо бо мероси таърихӣ, балки бо ташаббусҳои муосири илмӣ низ иртибот пайдо кунад.

Дар шарҳи расмии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ махсус таъкид гардидааст, ки таъсиси ҷоиза барои рушди илми тиб ва низоми байналмилалии тандурустӣ нақши муассир хоҳад гузошт. Ҳамчунин, зикр шудааст, ки ба ин ҷоиза шахсоне мушарраф мегарданд, ки дар рушди соҳаи тандурустии байналмилалӣ ва илми тибби ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

Ин маънои онро дорад, ки ҷоиза аз оғоз хусусияти фаромиллӣ дорад ва ба арзишҳое такя мекунад, ки худи Абуалӣ ибни Сино дар осораш тарғиб мекард: хизмат ба инсон, ҷустуҷӯи дониш ва истифодаи илм ба нафъи ҷомеа.

Дар ниҳоят, метавон гуфт, ки таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб дар баробари як рӯйдоди фарҳангӣ ё илмӣ, рамзи сиёсати давлатест, ки рушди худро бар пояи илм, маърифат ва эҳёи хотираи таърихӣ бунёд мекунад. Он, аз як тараф, гиромидошти шахсияти нобиғаест, ки ҳазор сол пеш бо қудрати ақл ҷаҳонро тасхир кард ва аз ҷониби дигар, даъватест ба насли имрӯз, ки роҳи дониш, таҳқиқ ва навоварио идома диҳанд.

Абуалӣ ибни Сино ҳазор сол пеш бо осори худ собит сохт, ки фарзанди ин сарзамин метавонад ба муаллими башарият табдил ёбад. Таъсиси Ҷоизаи байналмилалӣ ба номи ӯ бошад, имрӯз бори дигар ин ҳақиқатро собит месозад, ки миллати тоҷик на танҳо соҳиби гузаштаи пурифтихор, балки дорои имкониятҳои бузурги илмӣ барои оянда низ мебошад. Ба ибораи дигар, агар Абуалӣ ибни Сино ҳазор сол пеш бо чароғи хирад роҳи инсониятро равшан карда бошад, имрӯз Пешвои миллат бо таъсиси Ҷоизаи байналмилалӣ ба номи ӯ метавонанд чароғи дигареро фурӯзон созанд – чароғи таҳқиқоти нав, кашфиёти тоза ва орзуҳои бузурги насли ҷавоне, ки мехоҳад роҳи донишро идома диҳад. Ва маҳз дар ҳамин аст аҳаммияти воқеии ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – табдил додани номи Абуалӣ ибни Сино ба рамзи ҷовидонаи илму маърифат, худшиносии миллӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дар роҳи хидмат ба инсоният.

Раҳим САИДЗОДА,
вазири маориф ва илм,
доктори илмҳои техникӣ, профессор

ҲАМОИШ

Сухан аз ҳаёти кӯдакон

Бо ташаббуси Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе дар муассисаи томактабии №59-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон таҳти унвони «Такмили заминаҳои педагогиву психологии мазмуни таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ» баргузор гардид.

Дар кори конференсия намояндагони соҳаи маориф, олимону муҳаққиқон, устодони варзида, роҳбарон ва кормандони муассисаҳои томактабии шаҳри Душанбе иштирок намуданд. Ҳадафи асосии чорабинӣ баррасии масъалаҳои муҳимми таълиму тарбия, ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, такмили мазмуни таҳсилоти томактабӣ ва истифодаи равишҳои муосири педагогӣ дар рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон арзёбӣ гардид.

Дар ҷараёни конференсия доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Б. Маҷидова дар мавзуи «Ҳимоя ва ҳуқуқҳои кӯдакон дар замони соҳибистиқлолии мамлакат», доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими пажуҳишгоҳ Л. Иматзода дар мавзуи «Таҳияи барномаҳои таҳсилоти томактабӣ ва маводи методӣ барои таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ» ва номзади илмҳои педагогӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии пажуҳишгоҳ, дотсент М. Шарифиён дар мавзуи «Равишҳои муосири солимгардонии кӯдакон тавассути бозӣ» суханронӣ намуданд. Таъкид шуд, ки таҳсилоти томактабӣ ҳамчун зинаи аввалини низоми таҳсилот дар ташаккули шахсияти кӯдак, рушди ҷисмонӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ ва зеҳнии ӯ нақши муҳим дорад.

Дар доираи чорабинӣ аз ҷониби кӯдакони муассисаҳои томактабӣ барномаи варзишӣ намоиш дода шуд, ки он рӯҳияи шодиву нишот, фаъолиятнокӣ ва солимии кӯдаконро инъикос мекард. Намоиши мазкур ҳамчун намунаи равшани истифодаи бозӣ ва ҳаракат дар тарбияи ҷисмонию иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ арзёбӣ гардид.

Дар фарҷоми конференсия кӯдакон аз ҷониби роҳбарияти Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ бо туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.

Дар даври ноҳиявии Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» дар ноҳияи Сино 114 нафар иштирок намуд.

ШИНОХТ

АБУАЛӢ ИБНИ СИНО ВА ЭҲЁИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ: АҲАММИЯТИ ТАЪСИСИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТӢ БА НОМИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

Дар таърихи ҳар миллат шахсиятҳое ҳастанд, ки аз ҳудуди замону макон фаротар рафта, ба рамзи ҳувият, худшиносӣ ва ифтихори миллии он миллат табдил меёбанд. Агар барои юнониён Арасту, барои олмониён Гёте, барои англисҳо Шекспир ва барои русҳо Ломоносов аз ҷумлаи чунин чеҳраҳо бошанд, барои тоҷикон яке аз барҷастатарин чунин шахсиятҳо бидуни шак Абуалӣ ибни Сино мебошад. Ӯ дар баробари як донишманди бузурги асри миёна будам, яке аз сутунҳои тамаддуни ҷаҳонӣ, намояндаи дурахшони фарҳанги тоҷик ва рамзи ҷовидонаи неруи зеҳнии миллати тоҷик аст.

Дар шароите, ки ҷаҳон ба сӯйи иқтисодиёти донишбунёд ва рақобати зеҳнӣ ҳаракат мекунад, бозгашт ба мероси шахсиятҳое чун Ибни Сино на танҳо як иқдоми фарҳангӣ, балки то як андоза, зарурати стратегии миллӣ маҳсуб меёбад. Маҳз аз ҳамин дидгоҳ метавон ташаббуси навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар бораи таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб арзёбӣ кард ва ин иқдом як паёми сиёсӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ ба ҷомеа мебошад, ки давлат мехоҳад рушди ояндаи худро бар пояи илм, маърифат, навоварӣ ва эҳёи анъанаҳои бузурги фикрии миллат бунёд намояд.

Барои дарки аҳаммияти ин ташаббус, пеш аз ҳама, бояд ба шахсияти худи Ибни Сино ва ҷойгоҳи ӯ дар таърихи фарҳанги тоҷик назар афканд.

Абуалӣ ибни Сино соли 980 дар деҳаи Афшанаи назди Бухоро, ки он замон қисми қаламрави давлати Сомониён буд, ба дунё омадааст. Давлати Сомониён нахустин давлати бузурги тоҷикон баъд аз истилои араб ба шумор меравад ва маҳз дар ҳамин муҳити сиёсиву фарҳангӣ эҳёи забон, адабиёт ва тафаккури миллӣ сурат гирифт. Дар ҳамин фазо чеҳраҳое чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Закариёи Розӣ ва Ибни Сино парвариш ёфтанд.

Дар бисёр сарчашмаҳои илмии ҷаҳонӣ ва ҳатто дар «Энсиклопедияи Бузурги Советӣ» («Большая Советская Энциклопедия»), ки зери сармуҳарририи Б.А. Введенский аз ҷониби 25 нафар олимону пажуҳишгарони Шуравӣ таҳия шуда, солҳои панҷоҳуми асри гузашта дар 51 ҷилд маротибаи дуюм ба табъ расидааст, Ибни Сино ҳамчун донишманди барҷастаи Шарқ ва намояндаи муҳити фарҳангии Осиёи Марказӣ муаррифӣ мешавад. Қисмати «Ибн-Сина» дар ҷилди 17-уми ин энсиклопедия ӯро яке аз бузургтарин мутафаккирони асрҳои миёна арзёбӣ намуда, тоҷик будани ӯву падару модараш махсус таъкид мешавад ва саҳми ӯро дар рушди фалсафа, тиб, мантиқ, математика ва илмҳои табиатшиносӣ нишон медиҳад. Таваҷҷуҳ мекунем ба ду иқтибос аз китоби «Энсиклопедияи Бузурги Советӣ» («Большая Советская Энциклопедия»), ки айнан меорем:

1. «АВИЦЕННА – выдающийся таджиксий философ, учёный и писатель 11 в. См. Ибн-Мина.»

2. «ИБН-СИНА, Абу-Али (латинизированное – Авиценна) (ок.980-1037) – выдающийся таджикский философ, естествоиспытатель, врач, математик, поэт, самостоятельный и оригинальный мыслитель. ... Отец И. С. – Абдаллах, таджик из Балха... Мать И. С. – таджичка Сетард или Ситарбону из с. Афшана...»

Иқтибоси якум аз саҳифаи 114-уми ҷилди 1-ум, ки соли 1949 нашр шудааст, гирифта шудааст. Иқтибоси дуюм аз ҷилди 17-уми китоб аст, ки соли 1952 ба табъ расида, дар саҳифаҳои 257-258 дарҷ шудааст.

Худи ҳамин арзёбӣ нишон медиҳад, ки ҳатто илми Шуравӣ низ наметавонист ҷойгоҳи фавқулодаи ӯро дар таърихи тамаддуни башар нодида бигирад.

Бо вуҷуди ин, дар тӯли солҳои зиёд баъзе доираҳо кӯшиш намудаанд, ки ҳувияти миллии Ибни Синоро таҳриф кунанд ва ӯро ба миллатҳои дигар мансуб донанд. Ҳатто дар рисолаи Садриддин Айнӣ – «Шайхурраис Абуалӣ Сино», ки соли 1939 таълиф гаштааст, вобаста ба ин масъала, изҳори ақида шудааст. Сабаби асосии чунин муносибат дар он аст, ки бузургии шахсияти ӯ аз марзҳои миллӣ гузаштааст ва ҳар миллат мехоҳад худро ба чунин нобиға нисбат диҳад. Аммо воқеиятҳои таърихӣ дар ин масъала хеле равшананд.

Якум, Ибни Сино дар муҳити фарҳангии тоҷикӣ ба воя расидааст. Ӯ фарзанди сарзамини Сомониён буд. **Дуюм,** яке аз муҳимтарин осори ӯ – «Донишнома» ба забони тоҷикӣ навишта шудааст. Ин асар нахустин донишномаи бузурги илмӣ ба забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Агар Ибни Сино худро ба ин муҳити забонӣ ва фарҳангӣ мансуб намедонист, ҳаргиз чунин асари муҳимро ба ҳамин забон намеофарид. **Сеюм,** худи равандҳои фарҳангии замони ӯ низ шаҳодат медиҳанд, ки ӯ маҳсули мактаби фикрии Хуросону Мовароуннаҳр буд. Ин мактаб, ки аз замони Сомониён ташаккул ёфта буд, маҳз бо забон ва фарҳанги тоҷикӣ алоқамандии амиқ дошт.

Дар рисолаи худ устод Айнӣ яке аз сабабҳои пешравии илму адабиётро дар он давра бо шарофати ташкили давлати миллӣ, чун сулолаи Сомониён дониста, қайд мекунад, ки «Дар замони Сомониён Мовароуннаҳр ва Хуросон… аз зулми миллии онҳо (арабҳо - Э. С.) ҳам раҳоӣ ёфт… Дар замони Сомониён баробар мустақил шудани ҳокимияти миллии феодалӣ забон ва адабиёти миллӣ-форсӣ, ки дар охирҳо дар Осиёи Миёна номи тоҷикиро гирифт, ташкил ёфт…забони форсии маҳаллӣ ба вуҷуд омад, ки ин забон ҷойи забонҳои суғдӣ ва хоразмии Осиёи Миёнаро… гирифт».

Устод Айнӣ хуб медонист, ки барои муаррифии миллат беҳтарин роҳ истифода аз шахсиятҳои маъруф аст. Ӯ бо муаррифии Рӯдакӣ ҳамчун падари адабиёти тоҷик, Фирдавсӣ ҳамчун офарандаи «Шоҳнома» ва Ибни Сино ҳамчун нобиғаи ҷаҳонӣ, миллати тоҷикро дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ намуд.

С. Айнӣ менависад: «... яке аз он олимони маҳаллӣ, ки дар давраи Сомониён дар Бухоро бо саъй ва кӯшиши худ ба воситаи он китобҳои нодир расида, аҳаммияти ҷаҳонӣ пайдо кардааст, соҳиби тарҷумаи ҳол – Абуалӣ ибни Сино аст».

Устод Айнӣ бо далелҳо собит мекунад, ки Абуалӣ ибни Сино дар муҳити тоҷикӣ зода шуда, ба камол расидааст ва тоҷик будани Синоро устод яке аз аввалинҳо шуда дар байни донишмандони Шуравӣ зикр мекунад: «Абуалӣ ибни Сино… бо хоҳиши Улоуддавла китоби «Донишнома»-ро ба забони модарии худ – форсӣ-тоҷикӣ таълиф намуд».

Исботи ин гуфтаҳоро дар очерки С. Улуғзода «Саёҳати Бухоро бо ҳамроҳии Айнӣ» дидан мумкин аст. Дар ин асар, ба он маъно ишора шудааст, ки муҳимтарини ин «санад»-ҳо ақидаи худи халқ аст: авлод-авлоди аҳолии Лаглақа, Бухоро ва атрофи он деҳаи мазкурро ватани Абуалӣ ибни Сино медонанд, ки бесабаб нест. Бисёр деҳаҳои вилояти Бухоро монанди худи Бухоро дар муддати бештар аз ҳазор сол дар ҷойи худашон истодаанд, бинобар ин, дар ин муддат ватани Ибни Сино, ки дар байни халқ аз ҳар бузургвори дигар бештар шуҳрат дорад, мумкин набуд аз хотири мардум фаромӯш шавад…

Дар асарҳои худ С. Айнӣ кӯшиш кард, ки Синоро ҳамчун фарзанди миллати тоҷик бо забони илмӣ ва бо истифода аз ривоятҳои мардумӣ муаррифӣ кунад. Ӯ на танҳо зодгоҳ ва забони модарии Синоро равшан сохт, балки саҳми ӯро дар илмҳои тиб, фалсафа, риёзиёт ва адабиёт нишон дод. Ҳамин тавр, устод Айнӣ бо далелҳои муътамад исбот намуд, ки Сино аз оилаи тоҷик бархоста, дар муҳити фарҳанги тоҷикию форсӣ тарбия ёфтааст.

Дар ҷойи дигари рисола устод Айнӣ менависад: «Аз асарҳои ба шакли китоб ҷилд шудааш танҳо «Донишнома» ва «Рисолаи набз» ба забони модариаш – забони форсӣ-тоҷикӣ навишта шудааст».

Тавре аз мисолҳо дидем, яке аз бурҳонҳои асосии С. Айнӣ ин таъкид буд, ки забони модарии Ибни Сино тоҷикӣ будааст. Ӯ дар рисолаи худ ба такрор зикр мекунад, ки Сино дар муҳите ба воя расидааст, ки дар он забони гуфтугӯӣ ва адабӣ тоҷикӣ буд.

Аз ин рӯ, вақте мо имрӯз дар бораи тоҷик будани Ибни Сино сухан мегӯем, ин на эҳсоси миллӣ, балки як воқеияти таърихӣ мебошад. Ҳамон гуна ки ҷаҳон Рӯдакиро падари адабиёти тоҷик мешиносад ва Фирдавсиро яке аз бузургтарин шоирони форсизабон медонад, Ибни Сино низ ба ҳамин муҳити таърихию фарҳангӣ тааллуқ дорад.

Аммо аҳаммияти Ибни Сино танҳо дар мансубияти миллии ӯ нест. Бузургии воқеии ӯ дар он аст, ки тавонист фарҳанги тоҷикиро ба сатҳи ҷаҳонӣ барорад. Ӯ яке аз аввалин намояндагони миллати тоҷик аст, ки номи худро дар таърихи илмҳои ҷаҳон ҷовидона сабт намудааст.

Асари машҳури ӯ «Ал-Қонун фи-т-тиб» қариб шашсад сол дар донишгоҳҳои Аврупо ҳамчун китоби асосии тиб омӯзонда мешуд. Дар бисёр донишгоҳҳои Аврупо то асри XVII донишҷӯён тибро маҳз аз рӯйи осори Ибни Сино меомӯхтанд. Ин воқеият нишон медиҳад, ки вақте дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон илм ҳанӯз дар марҳалаи ибтидоӣ қарор дошт, як донишманди тоҷик аллакай ба сатҳи роҳнамои илмии инсоният расида буд.

Аз ҳамин ҷиҳат, номи Ибни Сино имрӯз ба як рамзи тамаддун табдил ёфтааст. Номи ӯ рамзи дониш, ақл, хирад, таҳқиқ, навоварӣ ва ҷустуҷӯи ҳақиқат мебошад ва маҳз ҳамин арзишҳо имрӯз барои мо аҳаммияти ҳаётӣ доранд.

Дар шароити кунунӣ, дар ҷаҳони муосир сарвати асосии давлатҳо на танҳо захираҳои табиӣ, балки сармояи инсонӣ мебошад. Давлатҳое пешрафтаанд, ки шахрвандони донишманд, олимони соҳибистеъдод, муҳаққиқони навовар ва ҷавонони эҷодкор доранд. Аз ин рӯ, ҳар иқдоме, ки барои рушди илм ва қадршиносии олимон равона шудааст, дар асл, сармоягузорӣ ба ояндаи миллат мебошад.

Таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб маҳз аз ҳамин нуқтаи назар аҳаммияти бузург дорад. Ин ҷоиза метавонад ба яке аз муҳимтарин воситаҳои ҳавасмандгардонии олимон табдил ёбад. Солҳои охир Тоҷикистон дар самти рушди илм, омодасозии кадрҳои илмӣ ва густариши фаъолияти таҳқиқотӣ корҳои назаррас анҷом медиҳад. Бо вуҷуди ин, ҷомеаи илмӣ ҳамеша ба намунаҳои нави ҳавасмандсозӣ ниёз дорад. Ҷоизаҳое, ки номи шахсиятҳои бузурги миллӣ доранд, дар ташаккули муҳити солими рақобати илмӣ нақши муассир мебозанд.

Ҳамзамон, таъсиси чунин ҷоиза аҳаммияти бузурги тарбиявӣ низ дорад. Ҷавонон вақте мебинанд, ки давлат олимонро қадр мекунад ва ба номи бузургтарин донишманди тоҷик ҷоизаи махсус таъсис медиҳад, муносибати онҳо нисбат ба илм тағйир меёбад. Дар шуури онҳо тадриҷан фаҳмиш шакл мегирад, ки роҳи муваффақият танҳо аз тариқи дониш ва заҳмати илмӣ мегузарад.

Дар асл, яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи имрӯз маҳз тағйири низоми арзишҳост. Агар ҷомеа мехоҳад пешрафт кунад, бояд шахсияти марказии он на сарватманд, балки донишманд бошад. Қаҳрамони ҷомеаи муосир бояд олим, омӯзгор, муҳаққиқ ва ихтироъкор бошад. Таъсиси ҷоизаи ба номи Ибни Сино маҳз ба ҳамин тағйири низоми арзишҳо мусоидат мекунад.

Аз ҷониби дигар, ин ташаббус ҷанбаи муҳимми сиёсати ҳувиятсозӣ низ дорад. Дар замони ҷаҳонишавӣ бисёр миллатҳо барои ҳифзи ҳувияти худ мубориза мебаранд. Яке аз роҳҳои муассири ҳифзи ҳувияти миллӣ эҳёи мероси шахсиятҳои бузург мебошад.

Тоҷикистон дар даврони истиқлол дар ин самт корҳои назаррас анҷом додааст. Таҷлили ҷашнҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигар бузургони миллат ба таҳкими худшиносии миллӣ мусоидат намуд. Акнун таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб низ идомаи мантиқии ҳамин сиёсат мебошад.

Ин иқдом ба ҷомеа хотирасон мекунад, ки миллати тоҷик



танҳо соҳиби таърихи сиёсӣ нест, балки дорои таърихи бузурги илмӣ низ ҳаст. Мо миллате ҳастем, ки дар домани худ нобиғаҳое чун Ибни Сино парвариш кардааст. Аз ин рӯ, рушди илм барои мо идомаи рисолати таърихии миллат мебошад.

Дар воқеъ, агар ба мероси Ибни Сино бо чашми амиқтар назар кунем, мебинем, ки ӯ намунаи комили зиёии миллӣ буд.

Имрӯз ҷомеаи Тоҷикистон маҳз ба ҳамин гуна шахсиятҳо эҳтиёҷ дорад. Мо ба насли ҷавоне ниёз дорем, ки мисли Ибни Сино донишро ҳадафи зиндагӣ қарор диҳад, андешаи илмиро аз ҳама гуна хурофот болотар гузорад ва рушди кишварро рисолати шахрвандии худ шуморад.

Аз ҳамин рӯ, таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тибро метавон як иқдоми илмӣ ва як рӯйдоди муҳимми фарҳангӣ, сиёсӣ ва маънавӣ арзёбӣ кард. Ин ташаббус нишон медиҳад, ки Тоҷикистон роҳи худро дар оянда бар пояи илм, дониш ва маърифат мебинад.

Имрӯз, вақте ки ҷаҳон ба марҳалаи нави инқилоби технологӣ ворид мешавад, миллатҳое муваффақ хоҳанд шуд, ки тавонанд мероси бузурги илмии худро бо талаботи замони нав пайваст намоянд. Барои тоҷикон чунин пули пайванд маҳз Ибни Сино мебошад. Ӯ аз гузаштаи пурифтихори мо сухан мегӯяд, аммо ҳамзамон, моро ба сӯйи ояндаи донишбунёд раҳнамун месозад.

Аз ин нигоҳ, ташаббуси Пешвои миллат дар бораи таъсиси ҷоизаи махсус ба номи Абуалӣ ибни Сино на танҳо гиромидошти як шахсияти таърихӣ, балки даъват ба эҳёи фарҳанги илм, арҷгузорӣ ба дониш ва таҳкими худшиносии миллӣ мебошад. Ва шояд муҳимтарин паёми ин ташаббус ҳамин бошад: миллате, ки Ибни Синоро ба ҷаҳон додааст, ҳақ дорад, ки бояд бори дигар ба яке аз миллатҳои пешсафи илм ва маърифат табдил ёбад.

Эҳсон САФАРЗОДА,
номзади илми филология

P.S. ***P.S.: Барои дарёфти маълумоти бештар таваҷҷуҳ шавад ба: Большая Советская Энциклопедия. Изд. 2-е. Т. 1. – Москва: Государственное научное издательство «Большая Советская Энциклопедия», 1949. – С. 114, Большая Советская Энциклопедия. Изд. 2-е. Т. 17. – Москва: Государственное научное издательство «Большая Советская Энциклопедия», 1952. – С. 257-258 ва С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 11. Китоби 1-ум. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 507 с.***

Ба некӣ гарою маёзор кас,
Раҳи растагорӣ ҳамин асту бас.
Абулқосими Фирдавсӣ

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

Ҷаласаи навбатии назоратӣ



26 майи соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии назоратӣ таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода баргузор гардид.

Дар ҷаласа муовинони вазир, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, директорони марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, инчунин, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба таври ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

Дар оғози ҷаласа вазири маориф ва илм аз дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба соҳаи илму маориф ёдовар шуда, таъкид намуд, ки дар шароити муосир рушди устувори соҳа, баланд бардоштани сифати таҳсилот, тақвияти раванди тарбияи насли соҳибмаърифат ва омодасозии мутахассисони баландихтисос аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи рӯзномаи ҷаласа, нахуст, директори Марказии ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо М. Ғафорзода гузориш дода, натиҷаҳои иштироки хонандагонро дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ таҳлил намуд. Сипас, сардори раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки вазорат Ҷ. Бобоҷон аз рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар вилояти Суғд маълумот пешниҳод кард.

Дар ҷараёни муҳокимаҳо масъалаҳои марбут ба тақвияти ҳаракати олимпӣ, баланд бардоштани сатҳи омодагии хонандагони болаёқат, беҳтарсозии шароити фаъолияти марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, инчунин, тақвияти ҳамкории сохторҳои дахлдор баррасӣ гардиданд.

Дар қисмати ҷамъбастии ҷаласа вазири маориф ва илм ҷиҳати такмили минбаъдаи фаъолияти соҳа ва баланд бардоштани самаранокии кор ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас дод. Аз ҷумла, таъкид гардид, ки барои таҳкими ҳаракати олимпӣ, густариши иштироки хонандагони болаёқат дар олимпиадаҳои фаннӣ, такмили низоми ҳавасмандгардонии ғолибон ва омӯзгорони фаъол, баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорону методистони марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, таҳияи таҳлилҳои муфассали оморӣ бо усули рейтингӣ вобаста ба натиҷаҳои олимпиадаҳо, инчунин, пурзӯр намудани назорат аз болои иҷрои қонунгузорӣ дар самти таълиму тарбияи кӯдак тадбирҳои муассир андешида шаванд.

26 майи соли 2026 дар доираи Конфронси чоруми байналмилалии сатҳи баланд оид ба «Даҳсолаи байналмилалии амал: «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028» вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо ректори Донишгоҳи Созмони Милали Муттаҳид Тшилидзи Марвала вохӯрӣ анҷом дод.

Мулоқоти вазир бо ректори Донишгоҳи СММ

Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои марбут ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар самтҳои таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсия, истифодаи технологияҳои муосир, аз ҷумла, зеҳни сунъӣ, рақамикунонии соҳаи маориф ва татбиқи технологияҳои «сабз»-ро мавриди баррасӣ қарор доданд. Ҳамчунин, масъалаи баланд бардоштани маърифати истифодаи оқилонаи об ва ҳифзи захираҳои обӣ дар миёни муҳассилини ҳамаи зинаҳои таҳсилот муҳим арзёбӣ гардид.

Дар рафти мулоқот имкониятҳои таъсиси филиали Донишгоҳи Созмони Милали Муттаҳид (United Nations University) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳандозии барномаҳои муштараки таълимӣ ва таҳқиқотӣ, инчунин, омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи иқтисоди рақамӣ муҳокима шуданд.

Қайд гардид, ки густариши робитаҳои илмию амалии олимону муҳаққиқон ва коршиносони тоҷик бо ин ниҳоди бонуфузи байналмилалӣ метавонад барои рушди таҳқиқоти илмӣ, омодасозии мутахассисони рақобатпазир ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи маориф заминаи мусоид фароҳам оварад.

Ҳамзамон, таъкид шуд, ки истифодаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар раванди таълим, таҳқиқоти илмӣ ва идоракунии соҳа метавонад ба баланд гардидани сифати таҳсилот ва рушди захираҳои инсонӣ мусоидат намояд.

Боздид аз вазъи соҳилмустаҳкамкунӣ

30 майи соли 2026 намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар якҷоягӣ бо раиси ноҳия Муҳамадшариф Холзода аз рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар деҳаи Сариҳавзи Ҷамоати шаҳраки Бохтариён ноҳия дидан намуданд.

Бояд қайд намуд, ки бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, соҳибкорон, корхонаву ташкилотҳо корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ шабонарӯзӣ бо маром идома меёбанд ва камбудиҳо дар ин самт бартараф гардида истодааст.

Вобаста ба рафти корҳо ситоди доимоамалкунанда таъсис дода шудааст.

Намояндаи Ҳукумати кишвар, вазири маориф ва илм ҷиҳати бо сифати баланд анҷом додани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва бартараф намудани оқибатҳои шусташавии соҳили дарё дар маҳалли аҳолинишин пешниҳоду тавсияҳои судманд доданд.

Шиносоӣ аз рафти баргузории озмуни Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

30 майи соли 2026 вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз ҷараёни баргузории озмуни Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дидан намуда, бо шароити ташкил ва раванди гузаронидани озмун аз наздик шинос гардид.

Зимни шиносоӣ вазири маориф ва илм таъкид намуд, ки Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ташаббусҳои муҳимми иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, барои фароҳам овардани имкониятҳои баробари таҳсил ба ҷавонони лаёқатманд аз минтақаҳои дурдаст ва кӯҳистони мамлакат нақши муассир дорад.

Қайд гардид, ки бо дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таваҷҷуҳи хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола шумораи зиёди ҷавонон тавассути ин имтиёз ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар роҳ ёфта, ҳамчун мутахассисони соҳибкасб барои рушди соҳаҳои гуногуни кишвар саҳм мегузоранд.

Вазири маориф ва илм бо иштирокчиёни озмун суҳбат намуда, онҳоро ба омӯзиши амиқи дониш, азхуд намудани технологияҳои муосир ва истифодаи самараноки имкониятҳои фароҳамгардида ҳидоят намуд. Ҳамчунин, таъкид гардид, ки дастгирии ҷавононе боистеъдод яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон ва маориф ба ҳисоб меравад.

Дар идома вазир бо фаъолияти комиссияҳои имтиҳонӣ ва шароити ташкили озмун шинос шуда, ба масъулини дахлдор ҷиҳати таъмини шаффофият, риояи меъёрҳои муқарраргардида, пешгирии ҳама гуна омилҳои субъективӣ ва баргузор намудани озмуни мазкур дар сатҳи баланд дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Таъкид карда шуд, ки шаффофият, адолат ва баробарии имкониятҳо бояд принсипҳои асосии баргузории озмуни Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд, то ҳар як довталаби арзанда тавонад аз рӯйи дониш ва қобилияти худ ба таҳсил фаро гирифта шавад.

Ҳамзамон, вазири маориф ва илм бо падару модарони довталабон мулоқот намуда, барои саҳмашон дар тарбия ва ба камол расонидани фарзандон изҳори миннатдорӣ кард. Зимни суҳбат таъкид гардид, ки тарбияи ҷавонони худогоҳ, ватандӯст ва донишманд, пеш аз ҳама, аз оила ва масъулияти падару модар вобаста мебошад. Вазир ба волидон тавсия дод, ки ба донишандӯзӣ, рушди қобилият ва интихоби дурусти касби фарзандонашон диққати бештар диҳанд. Таъкид шуд, ки танҳо ҷавонони соҳибилм ва соҳиби таҳассус метавонанд дар пешрафти ҷомеа саҳм гузошта, барои ободиву шукуфоии Ватан хидмат намоянд.

Идомаи корҳои сохтмонӣ

Дар доираи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ҳамроҳ бо муовини раиси вилояти Хатлон А. Қурбонзода аз ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №33-и деҳаи Пистамазори шаҳри Кӯлоб дидан намуд.

Зимни боздид вазири маориф ва илм бо рафти корҳои сохтмонӣ, сифати иҷрои корҳои бунёдӣ ва муҳлати ба истифода супоридани иншоот шинос шуда, бо масъулини соҳа ва намояндагони ташкилоти сохтмонӣ суҳбат анҷом дод.

Ба вазири маориф ва илм иттилоъ дода шуд, ки бинои нави муассиса аз ду ошёна иборат буда, барои 240 нафар хонанда дар як баст пешбинӣ гардидааст. Дар муассиса 10 синфхона, маҷлисгоҳ ва дигар иншооти ёрирасон бунёд шуда истодаанд, ки баъди мавриди истифода қарор гирифтани онҳо барои таълиму тарбияи хонандагон шароити мусоид фароҳам хоҳад омад.

Ҳамзамон, қайд гардид, ки сохтмони бинои мазкур бо маблағгузории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази миллии патенту иттилооти назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, тибқи нақша, то охири соли ҷорӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Вазир зимни шиносоӣ бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ таъкид намуд, ки бунёди муассисаҳои нави таълимӣ ва муҳайё намудани шароити арзандаи таҳсил барои хонандагон яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Зикр гардид, ки таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои охир дар саросари кишвар садҳо муассисаи нави таълимӣ сохта, ба истифода дода шуданд, ки ин тадбирҳо барои беҳтар гардидани сифати таълим ва фарогирии бештари хонандагон ба таҳсил мусоидат менамоянд.

Вазири маориф ва илм ба масъулини корҳои сохтмонӣ ҷиҳати таъмини сифати баланд, риояи таълаботи меъморию шаҳрсозӣ ва сари вақт анҷом додани корҳои сохтмонӣ дастуру супоришҳои мушаххас дода, таъкид намуд, ки муассиса бояд мутобиқ ба талаботи муосири таълимӣ сохта, барои омӯзгорону хонандагон тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Дар фарҷоми боздид таъкид гардид, ки ба истифода додани бинои нави муассисаи таълимӣ дар деҳаи Пистамазор барои беҳтар намудани шароити таҳсил, фароҳам овардани муҳити мусоиди таълимӣ ва баланд бардоштани сатҳи донишандӯзии хонандагон заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард.

Ҳамзамон, вазир аз рафти дарсҳо дар МТМУ №33 дидан намуда, дар суҳбат бо хонандагон иброз дошт, ки маҳз бо шарофати сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат дар кишвар барои фароҳам овардани шароити муосири таҳсил, бунёду навсозии муассисаҳои таълимӣ, таъмин бо таҷҳизоти таълимӣ ва баланд бардоштани сатҳи донишу ҷаҳонбинии хонандагон имкониятҳои васеъ муҳайё гардидаанд.

Гардиши савдо байни Тоҷикистон ва Эрон қариб 9 миллион доллар афзоиш ёфтааст.

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ



Боздид аз муассисаи таълимӣ дар Балҷувон

Дар доираи сафари корӣ ба шаҳру навоҳии вилояти Хатлон вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо вазъи таълиму тарбия дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и ноҳияи Балҷувон шинос гардид.

Зимни боздид вазири маориф ва илм аз раванди таълиму тарбия, ҳолати синфхонаҳо, таъминоти моддию техникӣ ва ҷараёни баргузории дарсҳо шиносоӣ пайдо намуда, бо роҳбарият, омӯзгорон ва хонандагон суҳбат анҷом дод.

Дар ҷараёни шиносоӣ, мутаассифона, маълум гардид, ки қисме аз хонандагон дар дарсҳо ҳузур надошта, баъзе аз синфхонаҳо ва муҳити таълимӣ ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ нестанд.

Вазири маориф ва илм ба чунин вазъият ишора намуда, таъкид кард, ки таъмин намудани иштироки мунтазами хонандагон дар дарсҳо, риояи қатъии ҷадвали дарсӣ ва фароҳам овардани шароити мувофиқи таълимӣ аз уҳдадориҳои аввалиндараҷаи роҳбарияти муассиса ва ҳайати омӯзгорон ба ҳисоб меравад.

Қайд гардид, ки беэътиноӣ нисбат ба раванди таълим, бахусус, дар синфҳои хатмкунанда метавонад ба сатҳи донишандӯзии хонандагон таъсири манфӣ расонида, омодагии онҳоро ба имтиҳонҳои давлатӣ ва идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ халалдор намояд.

Ҳамзамон, зимни суҳбат бо роҳбарияти муассиса ва омӯзгорон вазир чиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, беҳтар намудани ҳолати санитарию гигиении синфхонаҳо, тақвияти назорат аз болои иштироки хонандагон, баланд бардоштани сифати таълим ва омодасозии хатмкунандагон ба имтиҳонҳои давлатӣ ва дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Дар фарҷоми боздид таъкид гардид, ки роҳбарияти муассиса бояд бо масъулияти баланд барои ислоҳи камбудиҳо тадбирҳои фаврӣ ва муассир андешад.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода зимни сафари корӣ ба шаҳру навоҳии вилояти Хатлон бо мақсади шиносоӣ аз раванди таълиму тарбия, сатҳи донишандӯзии хонандагон, омодагии онҳо ба имтиҳонҳои давлатии хатм ва дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17-и ноҳияи Данғара дидан намуд.

Шиносоӣ аз раванди таълиму тарбия дар МТМУ №17-и ноҳияи Данғара

Зимни боздид вазири маориф ва илм аз синфхонаҳо, раванди дарсгузаронӣ, ҳуҷраҳои фаннӣ ва шароити таълиму тарбия дидан намуда, бо омӯзгорону хонандагон суҳбати судманд анҷом дод.

Дар ҷараёни шиносоӣ вазир аз рафти дарсҳои хонандагони синфҳои 9 ва 11 ошно гардида, ба сатҳи омодагии онҳо ба имтиҳонҳои давлатии хатм таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд. Вазир бо хонандагон суҳбати озод доир намуда, онҳоро ҷиҳати омодагии ҳамаҷониба ба имтиҳонҳои давлатӣ, истифодаи самараноки вақт, такмили дониш ва баланд бардоштани малакаҳои амалӣ ҳидоят кард ва ҳамзамон, аз дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди соҳаи маориф ёдовар шуд.

Қайд гардид, ки маҳз бо шарофати сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат дар кишвар барои фароҳам овардани шароити муосири таҳсил, бунёду навсозии муассисаҳои таълимӣ, таъмин бо таҷҳизоти таълимӣ ва баланд бардоштани сатҳи донишу ҷаҳонбинии хонандагон имкониятҳои васеъ муҳайё гардидаанд. Вазир таъкид намуд, ки хонандагон бояд аз чунин шароити мусоид самаранок истифода намуда, бо азми қавӣ ва масъулияти баланд ба донишандӯзӣ машғул шаванд, то дар оянда ҳамчун мутахассисони соҳибкасб дар рушди давлат саҳми арзанда гузоранд.

Ҳамзамон, зимни мулоқот масъалаи иштироки хонандагон дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба онҳо чиҳати боз ҳам фаъол гардидани иштирок дар чунин чорабиниҳо тавсияҳои мушаххас дода шуд.

Таъкид гардид, ки имрӯз соҳаи маориф таҳти таваҷҷуҳ ва дастгириҳои пайвастаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, бо ташаббус ва роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди соҳа, фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи донишандӯзии хонандагон тадбирҳои муҳимму саривақтӣ амалӣ гардида истодаанд.

Вазир зимни суҳбат бо хонандагон таъкид намуд, ки истифодаи самараноки имкониятҳои фароҳамгардида, мутолиаи мунтазами китоб, иштирок дар озмунҳо ва худтакмилдиҳии пайваста метавонад заминаи муваффақияти онҳо дар оянда гардад. Ҳамчунин, ба хонандагон тавсия дода шуд, ки барои интихоби дурусти касб ва идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ омодагии ҷиддӣ бинанд.

Дар идомаи боздид вазири маориф ва илм ба роҳбарият ва ҳайати омӯзгорони муассисаҳо дастур дод, ки ба баланд бардоштани сифати таълим, таҳкими назорат аз болои иштироки хонандагон дар дарсҳо, омодасозии хонандагон ба имтиҳонҳои давлатӣ ва озмуну олимпиадаҳои фаннӣ, тақвияти корҳои тарбиявӣ ва татбиқи усулҳои муосири таълим диққати аввалиндараҷа диҳанд.

Ҳамкориҳо густариш меёбанд

29 майи соли 2026 дар Вазорати маориф ва илм вохӯрии муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷон Сонг Шик баргузор гардид.

Нахуст, муовини якуми вазири маориф ва илм иброз дошт, ки вохӯрии имрӯза барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея дар соҳаҳои илму маориф нақши бориз хоҳад гузошт.

Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои марбут ба тавсеа ва густариши ҳамкориҳо дар самти омода намудани мутахассисон дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Корея, инчунин, рушди касбии мутахассисонро вобаста ба бахшҳои воқеии иқтисоди миллӣ мавриди баррасӣ қарор доданд.

Ҳамчунин, дар ҷараёни суҳбат ҷонибҳо самтҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайнро дар бозори таҳсилотӣ ва ниҳодҳои илмию тадқиқотии Ҷумҳурии Корея муҳокима намуда, татбиқи як қатор нақша ва чорабиниҳоро, бо дарназардошти ниёзҳои кадрии кишвар ва ҳадафу мақсадҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манфиати кор арзёбӣ намуданд.

Дар навбати худ, сафири Ҷумҳурии Корея омодагии ҷониби Кореяро чиҳати мусоидат ва дастгирии ҷавонон дар доираи сиёсати давлатии ҷавонон иброз дошта, таъкид намуд, ки барои баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба ҳамкориҳои дуҷониба ҳамеша омода мебошад.

Дар фароварди вохӯрӣ ҷонибҳо таъкид намуданд, ки ба марҳалаи сифатан нав баровардани муносибатҳои дуҷониба дар соҳаи илму маориф, таҳсилот ва рушди захираҳои зеҳнӣ ба манфиати ҳар ду ҷониб буда, барои кашфи уфуқҳои нави ҳамкорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Вохӯрӣ бо сафири ғайримуқимии Ҷумҳурии Хорватия



Дар Вазорати маориф ва илм вохӯрии муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода бо сафири ғайримуқимии Ҷумҳурии Хорватия Рефик Шабанович баргузор гардид.

Дар оғоз муовини якуми вазир меҳмонро ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, аз ташрифи ӯ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон чиҳати иштирок дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028» истиқбол намуд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Хорватияро баланд арзёбӣ карданд. Таъкид намуданд, ки равобити ду кишвар дар солҳои охир тамоюли мусбат ва созандаро касб намудааст. Қайд гардид, ки миёни кишварҳо муколамаи сиёсӣ ва ҳамкориҳои байниидоравӣ тадричан густариш меёбанд.

Ҳамзамон, зикр шуд, ки сафарҳои мутақобилаи роҳбарони олии ду давлат дар соли 2009 барои таҳкими пояи муносибатҳои дуҷониба заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Инчунин, сафари вазири корҳои хориҷӣ ва аврупоии Ҷумҳурии Хорватия Гордан Грлич-Радман ба Тоҷикистон дар моҳи декабри соли 2024 ва мулоқотҳои сатҳи баланд дар доираи он ба рушду тавсеаи ҳамкориҳои ду кишвар такони нав бахшиданд.

Дар ҷараёни суҳбат муовини вазир таъкид намуд, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Хорватия дар соҳаҳои маориф, илм, инноватсия ва таҳсилоти олӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Аз ҷумла, имкониятҳои тавсеаи мубодилаи академӣ байни донишгоҳҳо, табодули донишҷӯён, татбиқи лоиҳаҳои муштараки илмӣ-тадқиқотӣ, инчунин, мубодилаи таҷриба дар самти рақамикунонии соҳаи маориф ва идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олӣ баррасӣ гардиданд.

Ҳамзамон, бо дарназардошти таҷрибаи муваффақи Ҷумҳурии Хорватия дар бахшҳои сайёҳӣ ва мутобиқсозии таҳсилот ба талаботи бозори меҳнат, ҷонибҳо ба роҳандозии ҳамкориҳои мустақими муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар ҳавасмандӣ зоҳир намуданд.

Дар ин замина, масъалаи таҳияи санадҳои ҳамкорӣ байни вазоратҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва сохторҳои дахлдори ду кишвар, инчунин, иштирок дар барномаҳои муштараки аврупоӣ ва мубодилаи таҷриба дар самти таҳсилоти касбӣ ва таҳсилоти байналмилалӣ баррасӣ гардид.

Дар фарҷом ҷонибҳо изҳори итминон намуданд, ки вохӯрии мазкур барои тавсеаи ҳамкориҳои амалии Тоҷикистону Хорватия дар соҳаи маорифу илм заминаи мусоид фароҳам меорад.

Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм

1 июн дар Боғи кӯдакони шаҳри Душанбе ба муносибати Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон бо ибтикори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе чорабинии бошукӯҳи идона таҳти унвони «Кӯдакон дунёи моянд» баргузор гардид.

Таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон

Дар чорабинӣ масъулини Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, сарраёсати маориф ва дигар сохторҳои дахлдори ҷумҳуриявию шаҳрӣ, мудирони шуъбаҳои маориф, омӯзгорону мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва гурӯҳи калони кӯдакону наврасон ширкат намуданд.

Чорабинӣ бо пешниҳоди намоиши ҳунару эҷод ва дастовардҳои кӯдакону наврасони пойтахт, озмуну мусобиқаҳои фарҳангиву маърифатӣ ва фароғативу варзишӣ бо ширкати кӯдакону наврасон ҷараён гирифта, сипас дар амфитеатри Боғи кӯдакон барномаи фарҳангии идона доир гардид. Дар оғози барномаи фарҳангӣ паёми шодбошии роҳбари Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба муносибати Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон ироа гардид.

Сипас ба ғолибони озмунҳои шаҳрии «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм», «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ», «Ҷамъияти илмӣ-эҷодии хонандагон»-и муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе ба муносибати Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон диплому сипоснома, мукофотпулӣ ва туҳфаҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар вазъияти тантанавӣ тақдим карда шуданд.

Байни шаҳри Хуҷанд ва Бонки аврупоии тараққиёт ва рушд Ёддошти тафоҳум ба имзо расид.

Аз гӯш мақӯй кори дида,
Фарқ аст зи дида то шунида.
Абдураҳмони Ҷомӣ

ОЗМУН

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ озмуни ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Ҷавонон – муқобили коррупсия» баргузор намуда буд, ки тайи як сол донишҷӯён аз рӯйи се номинатсия – мақолаи беҳтарин, ташаббуси зиддикоррупсионӣ бо истифода аз технологияи рақамӣ, эҷоди саҳначаҳо тавассути роликҳо ҳунару маҳорти худро нишон доданд.



ҶАВОНОН – МУҚОБИЛИ КОРРУПСИЯ

Дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев ҷамъбасти озмуни мазкур бо иштироки васеи аҳли маориф, вазорату идораҳои дахлдор, донишҷӯёну ҷавонони пешқадами ҷомеа ҷамъбаст гардид. Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майор Сулаймон Султонзода, Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфиқор Гулаҳмадзода доир ба нақши ҷавонон дар пешгирии амалҳои номатлуб ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба мавқеи онҳо дар ҷомеа андешаронӣ карданд. Аз ҷумла, С. Султонзода таъкид намуд, ки муқовимат ба коррупсия аз худи инсон оғоз мешавад. Вақте инсон ба адолат, ҳалолкорӣ ва поквиҷдонӣ такя мекунад, барои дигарон низ намунаи ибрат мегардад.

З. Гулаҳмадзода аз ғамхориву ташаббусҳои Роҳбари давлат нисбат ба ҷавонон изҳори назар намуда, афзуд, ки Пешвои миллат тамоми шароитро барои фаъолияти ин қишри ҷомеа муҳайё намуда, дар ҳама ҳолат ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Сипас ғолибони озмуни ҷумҳуриявии «Ҷавонон – муқобили коррупсия» эълон гардиданд. Ғолибон аз рӯйи ҳар се номинатсия ҳар кадом мутаносибан бо маблағи ҳафт, панҷ ва се ҳазор сомонӣ, планшет, диплому сипоснома ва дигар мукофотҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд. Ҳамчунин, як қатор роҳбарони ташкилоту муассисаҳои дахлдори ҷумҳурӣ барои ҳамкории доимиашон бо Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медали ифтихории «15-солагии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо ифтихономаву сипосномаҳои ин ниҳод мукофотонида шуданд.

Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

ИҶРОИ БАРНОМА

Ғизои мактабӣ барои хонандагон

Вазъ дар ноҳияҳо чӣ гуна аст?

Дар шароити муосир масъалаи таъмини гизои солим дар муассисаҳои таълимии кишвар яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад. Маҳз гизои дуруст метавонад ба рушди ҷисмонӣ ва зеҳнии кӯдакон таъсири мусбат расонида, сатҳи иштироки онҳоро дар раванди таълим баланд бардорад. Бо ҳамин мақсад, Барномаи давлатии рушди гизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027 амалӣ гардида истодааст, ки ба такмили низоми гизои мактабӣ ва беҳтар намудани шароити таълиму тарбияи хонандагон равона шудааст.

Барномаи мазкур дар заминаи Стратегияи рушди устувори ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027 таҳия гардида, ҳадафи асосии он ҷорӣ намудани механизмҳои самараноки таъмини амнияти озуқаворӣ ва беҳтар намудани саломатии аҳолӣ мебошад. Ҳамзамон, барнома барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати беҳсозии натиҷаҳои таълимӣ ва ҳифзи иҷимоии хонандагон аҳаммияти калон дорад.

Тибқи маълумот, имрӯз дар кишвар 3940 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият менамояд, ки аз онҳо 53,4% ошхона барои ғизои мактабӣ доранд. Ҳамзамон, 22 фоизи муассисаҳои таълимии кишвар дорои заминҳои наздиҳавлигӣ мебошанд, ки дар онҳо маҳсулоти хӯрокворӣ парвариш карда мешавад. Ҳамин тариқ, татбиқи барнома имкон медиҳад, ки сол ба сол шумораи муассисаҳои дорои ошхонаҳои замонавӣ ва имкониятҳои ташкили ғизои босифат зиёд гардад.

Яке аз самтҳои муҳимми барнома барқарорсозии инфрасохтор ва азнавтаҷҳизонидани қисмҳои ғизоии муассисаҳои таълимӣ мебошад. Дар доираи лоиҳа бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд корҳои таъмиру таҷдиди ошхонаҳои мактабӣ, муҳайё намудани нонпазхонаҳои байнимактабӣ, фароҳам овардани шароити мусоид ва сохтмони гармхонаҳои наздимактабӣ амалӣ мешаванд. Ду нақшаи таҷрибавӣ ҷиҳати рушди ғизои мактабӣ дар кишвар амалӣ гардид, ки бо шарофати он ошхонаҳои 58 муассисаи таҳсилоти умумӣ таъмир ва бо таҷҳизоти муосири технологӣ муҷаҳҳаз шуданд.

Ҳамзамон, барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ курсҳои такмили ихтисос барои ошпазҳо ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ташкил карда шудаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба рушди истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ низ зоҳир мегардад. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои ташкили истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ заминҳои иловагӣ ҷудо менамоянд.

Бо вуҷуди корҳои анҷомдодашуда, дар баъзе муассисаҳои таълимӣ масъалаи набудани ошхонаҳо ва таҷҳизоти зарурӣ ҳанӯз боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, барои рушди минбаъдаи ғизои мактабӣ таъмиру таҷҳизонидани ошхонаҳо, таъмин намудани онҳо бо мутахассисони соҳибкасб ва фароҳам овардани шароити мусоир зарур мебошад. Маблағҳои аз буҷети давлатӣ ҷудогардида бештар ба муассисаҳое равона карда мешаванд, ки имконияти ташкили ғизои босифатро доранд.

Татбиқи Барномаи давлатии рушди ғизои мактабӣ, асосан, бо ҷалби лоиҳаҳо ва шарикони рушд ба нақша гирифта шудааст. Барои шиносоӣ бо вазъи воқеии татбиқи барнома ба ноҳияҳои Темурмалик, Балҷувон ва Ховалинг сафар анҷом додем.

Дар ноҳияи Темурмалик, ки дар умум, 43 муассисаи таълимӣ фаъолият дорад, дар ду муассиса аз ҳисоби маблағҳои буҷетии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия хонандагон бо ғизои мактабӣ таъмин мебошанд. Барои равшан намудани масъала аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳия дидан намудем, ки ҳолат хуб ба назар расид. Вазъи санитарии ошхона мутобиқ ба талабот буда, дар он ошпаз ва дигар кормандон бо риояи талаботи гигиенӣ фаъолият доштанд.

Орзу Шарифхонов, директори МТМУ №1, иттилоъ дод, ки ҳамарӯза ба хонандагон ғизои гарм дода мешавад ва ошхонаи муассиса аз маблағҳои буҷетӣ бо гӯшти гов, гӯшти мурғ, равған, орд, картошка, сабзӣ, биринҷ, шакар, намак ва дигар маҳсулоти зарурӣ таъмин мегарданд.

Аз шуъбаи маорифи ноҳия иттилоъ доданд, ки мутобиқи нақша, дар назар аст, ки аз оғози соли таҳсили 2026-2027 шумораи муассисаҳои таълимӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ бо ғизои мактабӣ таъмин мешаванд, ба 5 адад расонида мешавад.

То моҳи декабри соли 2025 дар 40 муассисаи таҳсилоти умумии ноҳияи Балҷувон хонандагон бо ғизои мактабӣ таъмин буда, баъди қатъи маблағгузории он аз ҷониби шарикони рушд, ҳоло ду муассиса – МТМУ №1 ва МТМУ №9 аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бо ғизои гарм таъмин мебошанд. Вазъи санитарию гигиении ошхонаи МТМУ №1-и ноҳия мутобиқ ба талабот набуда, ошпазро дар ҳоли дар замин реза кардани маҳсулоти ғизоӣ дарёфтем. Ошхона, ки аз он бӯйи дуду ғализ берун меомад, тартиби муайян надошт. Дар як гӯша – дар замин хӯрок мепухтанду дар кунҷи дигар нон. Партовҳо низ гирду атрофро иҳота карда буданд...

Дар ноҳияи Ховалинг бошад, то моҳи декабри соли 2025 қариб тамоми муассисаҳои таълимӣ бо ғизои мактабӣ таъмин будаанд, аммо баъди қатъи маблағгузорӣ, айни замон ягон муассисаи таълимӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ маблағгузорӣ карда намешавад.

Барномаи давлатии рушди ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027 яке аз иқдомҳои муҳимми иҷтимоии давлат ба ҳисоб рафта, барои ташаккули насли солиму донишманд заминаи мусоид фароҳам меорад. Амалӣ гардидани ҳадафҳои барнома метавонад ба баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди устувори соҳаи маориф дар кишвар мусоидат намояд. Бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда, таҷрибаи баъзе ноҳияҳо нишон медиҳад, ки дар сурати дастгирии мақомоти маҳаллӣ ва ҷалби имкониятҳои иловагӣ, метавон низоми ғизои мактабиро ҳифз кард ва густариш бахшид.

Ҷасури ҚИЁМИДДИН,
«Омӯзгор»

1-УМИ ИЮН – РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ КӮДАКОН

РӮЗЕ САРШОР АЗ МЕҲР

Кӯдак неъмати бебаҳои зиндагӣ ва чароғи хонадон аст. Бо ба дунё омадани тифл дар зиндагии падару модар шодиву нишот ворид мегардад. Дар фарҳангу анъанаҳои мардуми тоҷик ба тарбияи кӯдак аз рӯзҳои аввали ҳаёташ аҳаммияти калон дода мешавад. Кӯдак гули боғи зиндагӣ, чароғи хонадон ва ояндаи миллат мебошад. Ҳар ҷомеае, ки ба тарбия ва таълими кӯдакон аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад, дар асл, ба ояндаи худ заминаи устувор мегузорад. Аз ҳамин ҷост, ки дар тамоми ҷаҳон ҳамчун рамзи ҳифзи ҳуқуқ, саломатӣ, таъмини таълиму тарбия ва хушбахтии кӯдакон рӯзҳои махсус муайян гардидааст. Яке аз чунин рӯзҳои муҳим 1 июн – Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон мебошад.

Ин рӯз ҳамасола дар бисёр кишварҳои ҷаҳон бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил мегардад. Ҳадафи асосии ин ҷашн на танҳо шод гардонидани кӯдакон, балки ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба риояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, тарбияи дуруст, таъмини зиндагии шоиста ва ҳифзи саломатии кӯдак аст.

Рӯзи байналмилалии кӯдакон бори аввал соли 1950 таҷлил карда шуд.

Баъди анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон вазъи кӯдакон дар бисёр давлатҳо хеле душвор гардид. Ҳазорон кӯдак аз меҳри падару модар маҳрум шуда, ба ғизо, сару либос ва шароити муносиб ниёз доштанд. Бо мақсади ҳифзи



кӯдакон созмонҳои байналмилалӣ масъалаи дастгирии онҳоро ба миён гузоштанд.

Соли 1949 Федератсияи байналмилалии демократии занон пешниҳод намуд, ки рӯзи махсус барои ҳифзи кӯдакон таъсис дода шавад. Ҳамин тавр, 1-уми июн ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон қабул гардид ва аз ҳамон вақт инҷониб ҳамасола ҷашн гирифта мешавад.

Якуми июн рамзи муҳаббат ба кӯдакон, ғамхорӣ нисбат ба онҳо ва масъулияти калонсолон дар назди насли наврас мебошад.

Дар ин рӯз дар тамоми кӯдакистонҳо, муассисаҳо ва боғҳои фарҳангӣ чорабиниҳои гуногун баргузор мегарданд. Барномаҳои гуногун – мусобиқаҳо, намоиши расмҳо, бозиҳои шавқовар ва барномаҳои фарҳангӣ ба кӯдакон руҳияи идона мебахшанд.

Давлатбӣ ҲАЛИМОВА,
омӯзгори МТМУ №2-и
ноҳияи Муъминобод

Дар Китобхонаи миллӣ оид ба таҳияи Консепсияи илмии Конуни тамаддуни ориёӣ маҳфили «Тоҷикшиносӣ» доир шуд.

БА ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ташаббусҳои башардӯстона – муҷиби пешрафти Тоҷикистон

Агар ба корҳои анҷомшудаи беш аз се даҳсолаи замони соҳибистиқлолии кишвар назар кунем, равшан хоҳем дид, ки Тоҷикистон дар ин давра бо тай кардани роҳҳои душвору пурпечутоб аз як кишвари ҷангзадаву парешон ба кишвари пешрафта табдил ёфтааст. Ин дастоварди бисёр муҳим аст. Ноил гаштан ба чунин дастовардро метавон бо саъйю талошҳои Ҳукумати кишвар, бахусус, сиёсати сулҳҷӯёнаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавъам донист.



Ба таври маълум, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иҷтимоиву иқтисодии кишвар дар чанд соли охир ба амалӣ намудани чунин ҳадафҳои стратегӣ: раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва дар заминаи он саноатикунонии кишвар таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Яке аз комёбиҳои чашмрас дар 35 соли Истиқлоли давлатӣ, ба андешаи инҷониб, ба таври мусбат шинохта шудани Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббусҳо оид ба обу пиряхҳо ва эътирофи роҳбари аввали Тоҷикистон ҳамчун шахсияти сулҳҳоҳу башардӯст мебошад.

Танҳо дар давоми беш аз 25 соли охир 5 ташаббуси Пешвои миллат вобаста ба обу иқлим, ки сирф ҷанбаи сулҳҷӯиву башардӯстӣ доранд, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф ва мавриди амал қарор дода шудааст.

Сарчашмаи ташаббусҳои Сарвари мамлакат ба 1-уми октябри соли 1999 мувофиқ меояд – эълон намудани соли 2003 ҳамчун «Соли оби тоза» (дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи умумии СММ). Дар заминаи ташаббуси мавриди назар 20-уми сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи умумии СММ соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза» эълон шуд. Аз 29-уми август то 1-уми сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор шуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар анҷоми форум зикр намуданд: «Тоҷикистон кишвари дорои кӯҳҳои сарбаланд, кӯлҳо, дарёҳои шӯх, шаршараҳо ва обанборҳо мебошад… Мо обро ҳамчун манбаи ҳаёт ва доди Худованд муқаддас мешуморем ва барои насли оянда онро бояд нигоҳ дорем». Дар форум намояндагони 53 кишвар, 91 созмони байналмилалӣ, 40 созмони ғайридавлатӣ ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ ширкат варзиданд. Дар доираи форуми мазкур 18 мавзуи марбут ба тоза нигоҳ доштани об мавриди муҳокимаву баррасии иштирокчиён қарор гирифт.

Дигар пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об-барои ҳаёт» (солҳои 2005-2015) идомаи мантиқии ташаббуси аввал буда, вобаста ба он 23-юми декабри соли 2003 Маҷмаи умумии СММ Қатъномаи дахлдорро қабул намуд. Рӯзҳои 30-31 майи соли 2005 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаи дарёҳои фаромарзӣ баргузор шуд, ки дар кори он намояндагони 50 кишвар ва 40 ташкилоти байналмилалӣ ширкат варзиданд.

Ташаббуси дигари Пешвои миллат эълон кардани соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» мебошад. Муҳимму саривақтӣ будани ин пешниҳод боис гардид, ки соли 2013 ҷомеаи байналмилалӣ бо истинод ба Қатъномаи Маҷмаи умумии СММ 67/204 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об»-ро таҷлил намуд. 11-уми феврали соли 2013 дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Париж баргузор гардидани маросими оғози «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» шаҳодати аҳаммият ва моҳияти ин ташаббус мебошад.

Аз 28 то 30 августи соли 2013 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалӣ доир гардид ва дар он масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳо дар соҳаи об, аз ҷумла, ҳамкории фаромарзӣ аз тариқи таблиғ намудани таҷрибаҳои беҳтарин баррасӣ гардиданд.

Дар натиҷаи муҳокимаҳои интерактивӣ ва мубодилаи афкор як қатор санадҳои ниҳоии конфронс қабул карда шуданд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки конфронси мазкур барои муҳокима ва баррасии раванди татбиқи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола (2005-2015) дар мавриди захираҳои обӣ ва тавсияҳову пешниҳодҳо бобати тарҳрезии Ҳадафҳои рушди устувор (SDGs) барои давраи рушди пас аз соли 2015 имконият фароҳам оварад.

Дар сатҳи хеле баланд баргузор шудани конфронс собит намуд, ки Тоҷикистон чун кишвари дорои захираҳои фаровони об ҷонибдори истифодаи одилонаву оқилонаи ин захираҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад ва татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро ягона василаи ҳалли мушкилот дар ин самт медонад.

Форуми ҷаҳонии об дар шаҳри Тегуи Ҷумҳурии Корея мутобиқ ба 12-уми апрели соли 2015 барои эълони солҳои 2018-2028 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об – барои рушди устувор» замина гузошт ва 21-уми декабри соли 2016 аз ҷониби Маҷмаи умумии СММ дар ин бобат Қатъномаи дахлдор қабул гардид.

Қобили зикр аст, ки дар робита ба иҷрои ҳадаф ва вазифаҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028 дар ҳар ду сол Конфронси сатҳи баланд бо иштироки сиёсатмадорон, намояндагони кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ташкилоту идораҳои давлатӣ, коршиносони мустақил, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, сохторҳои тиҷоратӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор баргузор мегардад.

Соли 2025 дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе дар доираи ташаббусҳои ҷаҳонӣ оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо баргузор шуд.

Баъдан, 12 декабри соли 2025, бо ташаббуси Тоҷикистон дар ҷаласаи 7-уми Маҷмаи Умумии СММ оид ба муҳити зист қатънома доир ба «Ҳифзи пиряхҳо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ» қабул гардид.

Ёдрас мегардем, ки дар арафаи 35-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ, 25-27 майи соли 2026 дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо СММ ва шарикони байналмилалӣ Конфронси чоруми байналмилалии сатҳи баланд оид ба «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028» баргузор гардид. Дар маросими ифтитоҳи Конфронс Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ якчанд нуктаи муҳимро барои ояндаи наздик таъкид намуданд. Аз ҷумла, зикр гардид, ки ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоти марбут ба об, бахусус, барои суръат бахшидан ба раванди ноилшавӣ ба Ҳадафи шашуми рушди устувор дар кишвари мо Стратегияи миллии об то соли 2040 ва Барномаи давлатии таъминоти оби нӯшокӣ ва беҳдошт барои солҳои 2025-2029 қабул гардидаанд, ки ин санадҳо афзалиятҳои дарозмуддат ва тадбирҳои мушаххасро барои рушди соҳаи об муайян менамоянд.

Дар конфронси чоруми байналмилалии сатҳи баланд оид ба «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028» тақрибан 2500 нафар, аз ҷумла, 1100 нафар аз 110 кишвари ҷаҳон, 75 ташкилоти байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин, 170 ташкилоти ғайриҳукуматӣ ва муассисаҳои академӣ иштирок доштанд. Агар конфронси солҳои 2024, 2025 ва 2026-ро бо конфронсҳои солҳои 2003, 2005 ва 2013 аз нигоҳи мавзую мундариҷа ва тарзу рафти ташкили чорабиниҳо таҳлилу муқоиса намоем, ба осонӣ пай мебарем, ки донишу таҷрибаи менеҷерии ташкилкунандагон дар солҳои охир хеле баланд шуда, чорабиниҳо мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ ҳастанд.

Дар ҷараёни конфронс таваҷҷуҳи махсус ба пешбурди ҳадафҳои «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028» ва суръат бахшидан ба ноилшавӣ ба Ҳадафи 6-и рушди устувор дар заминаи омодагӣ ба Конфронси СММ оид ба захираҳои об дар соли 2026 равона гардид.

Форумҳои дар доираи конфронс баргузоршуда, аз ҷумла, Форуми ҷавонон, Форуми занон ва захираҳои об, Форуми бахши хусусӣ бо тамаркуз ба Африқо ва дигар чорабиниҳо ба доираи васеи ҷонибҳои манфиатдор имкон доданд, ки дар муҳокимаи роҳҳои суръатбахшии ноилшавӣ ба ҳадафҳои Даҳсолаи амал саҳм гузоранд.

Яке аз унсурҳои муҳимми конфронс намоишгоҳи махсус буд, ки дар он технологияҳои муосир, дастовардҳои илмӣ, ҳалли инноватсионӣ ва таҷрибаи пешқадам дар соҳаи идоракунии захираҳои об ва ҳалли масъалаҳои об муаррифӣ гардиданд. Ин нишондиҳандаи он аст, ки масъалаҳои марбут ба захираҳои об мустақиман бо рушди устувор, рушди иқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ, ҳифзи муҳити зист ва некуаҳволии аҳолӣ вобастагии зич доранд.

Аз рӯйи натиҷаҳои конфронс Эъломияи Душанбе қабул гардид, инчунин, хулосаи ҳамраисон ва саҳми Раванди оби Душанбе дар Конфронси СММ оид ба захираҳои об дар соли 2026 омода ва пешниҳод шуд.

Ин санадҳо тавсияҳои калидӣ ва роҳнамоии амалӣ доранд, ки ба таҳкими ҳамкории байналмилалӣ, пешбурди шарикӣ ва суръат бахшидани иҷрои уҳдадориҳо вобаста ба захираҳои об равона шудаанд.

Бояд иқрор шуд, ки давоми ду даҳсолаи охир пойтахти Тоҷикистон – шаҳри зебои Душанбе ба маркази на танҳо конфронсҳои сатҳи баланд вобаста ба масъалаҳои об, балки ба майдони табодули афкору андешаҳои коршиносон дар соҳаи сулҳу пойдории амният, рушди соҳаи кишоварзӣ, баргузории мусобиқаҳои калони варзишиву чорабиниҳои сатҳи баланди фарҳангӣ, майдони муколамаҳои илмӣ табдил ёфтааст. Гузашта аз ин, Тоҷикистон ҳамчун яке аз даҳ кишвари амнтарин эътироф шудааст ва ин ҷо сол аз сол ташрифи сайёҳони хориҷӣ бештар ба мушоҳида мерасад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фароҳам овардани сулҳу суботи комил дар қаламрави кишвар ва ҳусни тафоҳум бо ҳама кишварҳои ҳамсоя инъикосгари он аст, ки пойдории сулҳу дӯстӣ аз омилҳои муҳимми рушду пешрафт ба ҳисоб меравад.

Ҷамолиддин ЯҚУБОВ,
дотсенти кафедраи журналистикаи байналхалқии ДМТ

Ҳамоиши идона дар Бохтар

Дар шаҳри Бохтар бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон чорабинии фарҳангиву фарогатии идона доир гардид, ки дар он намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, кормандони соҳаи маориф, омӯзгорон, падару модарон ва теъдоди зиёди кӯдакону наврасон ширкат варзиданд.

Нахуст, ҳозирин гӯшаҳои намоишии эҷодиёти кӯдакон, маҳсули корҳои дастӣ ва дастовардҳои хонандагонро тамошо карданд. Иштирокчиён ба маҳорати эҷодӣ ва истеъдоди наврасон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, барои рушди қобилияти онҳо муҳим будани чунин ташаббусҳоро таъкид карданд.

Зимни суханронӣ масъулини вилоят иброз доштанд, ки давлату Ҳукумати мамлакат ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон, фароҳамсозии шароити муносиб барои таҳсилу тарбия ва рушди қобилияти онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Зикр гардид, ки дар заминаи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои насли наврас тамоми имкониятҳои зарурӣ муҳайё гардида, кӯдакон ҳамчун неруи ояндасози ҷомеа ҳамеша таҳти ғамхорӣ қарор доранд.

Дар идомаи ҳамоиш як қатор хонандагони фаъол ва ғолибони озмунҳои гуногун бо сипоснома, ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд. Ҳамчунин, барномаи рангини фарҳангӣ манзури ҳозирин гардид, ки дар он кӯдакону наврасон бо қироати шеър, иҷрои тароналаҳои ватандӯстона, саҳналаҳои ҷолиби ҳунарӣ ва рақсу суруд ҳунару истеъдоди худро муаррифӣ намуданд.

Дар Тоҷикистон 4 корхонаи нави истеҳсоли семент ба истифода дода мешавад.

Ҳар кӣ ӯ баддил асту бадкор аст,
Гарчи зиндаст, кам зи мурдор аст.
Абулмаҷди Саноӣ

ЧЕҲРА

Симои зиёии муосир дар оинаи як зиндагии илмӣ



Муқаддима

Дар фазои илмию фарҳангӣ ва сиёсати иҷтимоии Тоҷикистони соҳибистиқлол кам нестанд шахсиятҳое, ки фаъолияти онҳо дар доираи маҳдуди касбӣ ҷамъбаст намешавад. Баръакс, онҳо бо ҳузури фаъол дар чандин соҳа – илм, маориф, журналистика ва идораи давлатӣ ба шаклгирии афкори ҷамъиятӣ ва сиёсати маънавии ҷомеа таъсири устувор мерасонанд. Ба ибораи дигар, дар ҳаёт инсонҳое ҳастанд, ки корномаю фаъолияти онҳо намунаи ибрату пайравӣ буда, донишу тачрибаи хешро аз дигарон дареғ намедоранд. Доктори илми филология, профессор Абдуллозода Масрур Аҳмад аз ҷумлаи ҳамин гуна муҳаққиқону устодонест, ки бо вуҷуди фаъолият доштан дар вазифаҳои масъул ва серташвиш, ҳамеша дастгиру роҳнамои ҳамкорону шогирдон мебошад. Ҳар касе, ки ба пажуҳиш дар соҳаи журналистикаю адабиётшиносӣ машғул аст, ҳатман аз маслиҳату роҳнамоии устод баҳравар мегардад. Яъне, фаъолияти бисёрсамтааш М. Абдуллозодаро ба симои шинохта ва таъсиргузор дар фазои илму маориф ва фарҳанги кишвар табдил додааст.

Муҳити оилавӣ

Ташаккули шахсияти илмӣ бе дарки муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангие, ки дар он ба камол мерасад, номумкин аст. Масрур Абдуллозода дар хонадоне ба дунё омадааст, ки фазои он бо баҳсҳои адабию илмӣ ва эҳтиром ба мероси фарҳанги миллӣ саршор буд. Падари ӯ адабиётшиноси маъруфи тоҷик Аҳмад Абдуллоев дар баробари сарпарасти оила будан, ҳамчун намунаи зиёии вораста ва донишманди ҳирфаӣ дар шаклгирии ҷаҳонбинии фарзандон нақши бориз гузошт.

Чунин фазои солими хонаводагӣ дар ниҳоди Масрур Абдуллозода масъулият ва муҳаббат ба фарҳанг, забон ва таърихро барвақт ба вуҷуд овард. Бинобар ин, шавқу рағбати ӯ ба омӯзиши масъалаҳои худшиносию ҳувияти миллӣ натиҷаи ҳамин заминаи иҷтимоию фарҳангист.

Соли 1983 Масрур Абдуллозода мактаби миёнаи №66-и шаҳри Душанберо хатм намуда, ба факултети забонҳои Шарқи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло ДМТ) дохил шуд. Ин давра ба замони таҳаввулоти ҷиддии иҷтимоӣ ва идеологӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ рост меояд, ки масъалаҳои худшиносии миллӣ ва бознигарии арзишҳо тадриҷан аҳаммият пайдо мекарданд.

Таҳсил дар факултети мазкур донишашро бештар намуда, ҷаҳонбинии муқоисавӣ ва тамаддуншиносиро ташаккул бахшид. Омӯзиши забонҳо ва фарҳангҳои шарқӣ барои дарки амиқи равандҳои таърихию фарҳангӣ ва чойгоҳи тоҷикон дар тамаддуни ҷаҳонӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Солҳои 1984-1986 М. Абдуллозода дар сафи Артиши Шуравӣ (дар вилояти Архангелски Федератсияи Россия) адои хидмат намудааст. Хидмати ҳарбӣ ҳамчун мактаби ҷавонмардӣ ва масъулият дар ташаккули ҷаҳонбинии иҷтимоиаш низ таъсир гузошт.

Дар муҳити гуногунмиллат ва дур аз Ватан будан, эҳсоси ҳувияти милллиаш боз ҳам бештар мегардад. Аз ин ҷост, ки ин раванд дар таҳқиқоти илмиаш оид ба масъалаҳои худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ аз нигоҳи назариявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Қадамҳои устувор дар фаъолияти илмию омӯзгорӣ

Пас аз хатми донишгоҳ, соли 1990 Масрур Абдуллозода фаъолияти худро дар муассисаҳои илмӣ ва таълимии кишвар оғоз намуд. Кор дар вазифаи лаборанти калони шуъбаи фалсафаи Академияи илмҳои Тоҷикистон (ҳоло АМИТ) бароямш мактаби муҳимми илмӣ гардид. Маҳз дар ин муҳит ӯ бо таҳқиқоти академӣ, усулҳои таҳлили фалсафӣ ва фарҳанги баҳси илмӣ ошно шуд.

Ҳамзамон, фаъолияти омӯзгорӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия ба ӯ имкон дод, ки донишҳои назариявии худро дар амал татбиқ намояд. Омӯзгорӣ барои Масрур Абдуллозода раванди ташаккули шахсияти соҳибандеша ва татбиқи донишҳои назариявӣ маҳсуб мешуд.

Ӯ ба донишҷӯён дарс мегӯяд ва дарсҳояш ҳамеша рангину ҷолиб баргузор мегарданд, зеро устод донишманди фарҳехтаю тавоно ва дорои ҷаҳонбинии васеъ буда, мавзуъҳои дарсиро бо ҳаёти воқеӣ пайванд месозад. Бешак, мавсуф дар рушду такомули журналистикаи тоҷик саҳми арзанда гузоштааст мегузорад.

Маълум аст, ки ҳамкорию робитаи пайвастаи устод бо ВАО ҷанбаи амалии дарсҳояшро боз ҳам қавитар мегардонад. Пайванди назария бо амалия шавқу рағбати донишҷӯёнро баланд бардошта, ба дарку азхудкунии мавзуъҳо мусоидат мекунад. Дарсҳои мавсуф ба мавзуъҳои мубрами журналистикаи муосир бахшида шуда, масоили муҳимми ҳифзи амнияти иттилоотӣ ва нақши воситаҳои ахбори оммаро дар ҷаҳони муосир дар бар мегирад.

Ҳамзамон, профессор М. Абдуллозода муаллифи як қатор асарҳои таълимӣ мебошад, ки барои донишҷӯёни риштаи рӯзномонигорӣ муфиду судманданд. Мавсуф муаллифи асарҳои таълимии «Асосҳои назарияи журналистика», «Амнияти иттилоотӣ ва ВАО» (бо ҳаммуаллифӣ), «Таърихи публитсистикаи тоҷик», «Публитсистикаи тоҷикиву форсӣ», «Хусусиятҳои жанрии воситаҳои ахбори оммаи муосири чопӣ ва электронии Тоҷикистон (солҳои 2000-2016)», «Воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои араб» мебошад. Бояд таъкид намуд, ки асарҳои мазкур бо забони русӣ таълиф гардида, заминаи мусоид барои рангину пурмуҳтаво баргузор шудани дарсҳо мегардонд.

Ташаккули мактаби илмӣ

Устод фазои журналистикаи тоҷикро хуб медонад ва пажуҳишҳояш низ ба муҳимтарин масъалаҳои журналистикаи миллӣ бахшида шудаанд.

Самимияту ҷиддияти устод дар пажуҳиш далели равшани садоқати ӯ ба илм мебошад. Фаъолияти М. Абдуллозода доманадору фарох буда, ҷанбаҳои таълимӣ, таҳқиқотӣ ва эҷодиро дар бар мегирад.

Устод ҳамчун муҳаққиқи варзидаи журналистикаи тоҷик низ шинохта гардидааст. Масъалаҳоеро, ки вай ҳамчун олим мавриди пажуҳиш қарор додааст, мубраму ҷолиб ва фарогир буда, ба худшиносиву худогоҳии миллӣ бахшида шудаанд. Табиист, ки масъалаи шинохту дарки ҳувияти миллӣ фарох буда, омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаро тақозо мекунад. Дар асоси адабӣ ва публитсистикаи тоҷик дар тӯли таърих ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи хос зоҳир гардидааст, зеро давлате пойдору устувор бокӣ мемонад, ки ҳувият, шинохти асолати миллӣ ва худогоҳии наврасону ҷавонон, умуман, аҳли ҷомеа дар он дар сатҳи баланд қарор гирифта бошад.

Аз ҳамин ҷост, ки устод М. Абдуллозода ба ин масъала аз чанд дидгоҳ рӯ оварда, дар иртибот ба он рисолаҳои номзадию доктории худро дифоъ кардааст. Пажуҳиши мавзуи мазкур заҳмати зиёд, талош ва дониши амиқро талаб менамояд. М. Абдуллозода бо омӯзиши густардаи манбаъҳои илмӣ ва таҳлили осори муҳаққиқону адабиётшиносон мавзуи мазкурро аз нигоҳи илмӣ бо маҳорату қобилияти баланд баррасӣ намуда, соли 1996 дар мавзуи «Масъалаҳои худшиносии миллӣ дар осори адабиётшиносии Садриддин Айнӣ» рисолаи номзадии худро ҳимоя кард. Ин таҳқиқот ба яке аз масъалаҳои меҳварии илмҳои ҷомеашиносии тоҷик – худшиносии миллӣ бахшида шуда, осори Айнӣ ҳамчун пояи назариявӣ ва фарҳангӣ таҳлил гардид.

Мусаллам аст, ки Садриддин Айнӣ аз саромадон ва заминагузорони шинохти ҳувияти миллӣ маҳсуб меёбад. Дар меҳвари осори устод Айнӣ масъалаи ҳувияти миллӣ аввалиндараҷа ба шумор рафта, эшон ба ин мавзуъ дар шароити ҳассоси сиёсӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Дар ҳамин замина, омӯзиш ва таҳқиқи масоили ҳувияти миллӣ дар осори Садриддин Айнӣ аҳаммияти махсус дошта, М. Абдуллозода дар рисолаи мазкур бо таҳлили амиқи илмӣ ин мавзуъро баррасӣ намуда, ба дастовардҳои тозаи илмӣ ноил гардидааст.

Мусаллам аст, ки мавзуи мазкур пажуҳишҳои амиқу густардаро тақозо менамояд, аз ин рӯ, сол то сол аҳаммияти бештарро касб мекунад. Ба ин хотир, муҳаққиқ мавзуи мазкурро минбаъд низ пайгирӣ намуда, ин навбат масоили ҳувияти миллиро дар осори публитсистӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ин марҳала доманаи мавзуъ боз ҳам васеъ ва ҷанбаи таърихии он қавитар гардидааст. Бояд гуфт, ки масъалаи ҳувияти миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ ба яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати идеологии кишвар табдил ёфтааст. Заминаҳои ин раванд ҳанӯз дар публитсистикаи асрҳои XIX ва XX ба таври амиқ инъикос ёфта, дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ва осори публитсистӣ мавқеи намоёнро ишғол карда буданд.

Муаллиф дар ин замина пажуҳиши бунёдӣ анҷом дода, соли 2011 дар мавзуи «Масъалаҳои таҳаввули ҳувияти миллӣ дар публитсистикаи тоҷикии чаҳоряки охири асри XIX ва нимаи аввали асри XX» рисолаи докторӣ дифоъ кард, ки маҳз таҳқиқоти мазкур заминаи асосӣ ва роҳнамои муҳим барои пажуҳишҳои минбаъда дар масъалаи ҳувият, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ гардид.

Муҳаққиқ дуруст дарёфтааст, ки маҳз ҳифз ва гиромидошти ҳувияти миллӣ дар тӯли таърих, фарҳанг ва тамаддуни тоҷикро аз парвезани шебу фарози таърих гузаронида, миллатро аз хатари парокандагӣ эмин нигоҳ доштааст. Аз ин рӯ, дар замони истиқлол низ таҳкими ҳувияти миллӣ метавонад ҷомеаро дар шароити ҷаҳонишавӣ ва муборизаҳои иттилоотӣ устувору рақобатпазир гардонад.

Ҳамин тариқ, фаъолияти илмии устод М. Абдуллозода дар самти таҳқиқи масъалаҳои ҳувияти миллӣ бориз буда, вай ҳамчун донишманди кӯшову ҷӯё дар рушду таҳкими худшиносии миллӣ саҳми арзанда мегузорад.

Адабиётшинос, публитсист ва рӯзномонигор

Яке аз самтҳои ҳадафманди пажуҳишҳои Масрур Абдуллозода масъалаҳои рушди адабиёт ва публитсистикаи тоҷик дар даврои истиқлол маҳсуб меёбад. Аз вижагиҳои дигари фаъолияти илмии устод дар он зоҳир мегардад, ки ӯ таҳқиқоти худро дар ду риштаи илмӣ – адабиётшиносӣ ва публитсистика тавъам ба роҳ мондааст.

Устод дорои дониши баланди адабиётшиносӣ мебошад, ки ин омил, бешубҳа, ба муҳити илмиву фарҳангии хонавода низ иртибот дорад. Аз ҷумла, падари муҳаққиқ, доктори илми филология, шодравон Аҳмад Абдуллоев аз чеҳраҳои шинохтаи илми адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбанд. Чунин заминаи устувори илмӣ ба устод имкон додааст, ки дар ду самт муваффақона фаъолият намояд.

Натиҷаи чунин пажуҳишҳои фарогир дар асари «Адабиёти тоҷик дар замони истиқлолият» (бо ҳаммуаллифӣ) таҷассум ёфтааст, ки дар он равандҳои муҳимми рушди адабиёти миллӣ дар давраи навин мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Бо вуҷуди иҷрои вазифаҳои масъул, устод ҳеҷ гоҳ аз таҳқиқу пажуҳиш дар канор намонда, ҳамеша ба омӯзишу баррасии масъалаҳои мубрами илми тоҷик машғул мебошад. Маҳз бо чунин фаъолияту ковишҳои илмӣ саҳифаҳои навро дар соҳаҳои адабиётшиносию публитсистика боз намуда, дар рушди илми тоҷик саҳми арзанда мегузорад. Ӯ муаллифи беш аз чаҳорсад асари илмӣ, илмӣ-публитсистӣ ва таълимӣ мебошад.

Устод М. Абдуллозода ҳамчун рӯзноманигор низ бо воситаҳои ахбори омма ҳамкории густарда дошта, навиштаҳои таҳлиливу публитсистии пурмуҳтавою ҳадафмандро дар саҳифаҳои матбуот ба нашр мерасонад. Нигоштаҳои устод бештар ба масъалаҳои мубрами замон, ҳифзи истиқлол, сулҳу субот, худшиносиву худогоҳии миллӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ бахшида шуда, дар тарбияи маънавӣ ва хештаншиносии ҷомеа аз аҳаммияти хос бархӯрдор мебошанд.

Устод хуб дарк менамояд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ танҳо бо боло бурдани ҳисси ҳувият ва худшиносии миллӣ, бахусус, дар миёни наврасону ҷавонон метавон ба дастовардҳои чашмрас дар самти маънавияту фарҳанг ноил гардид. Ӯ ҳамчун мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа фазои ҷомеаро хуб дарк ва амиқан эҳсос мекунад, ки маҳз тавассути татбиқи барномаҳо ва консепсияҳои мушаххас метавон сатҳи худшиносии шаҳрвандонро боло бурд ва ба нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешрафти кишвар мусоидат кард.

Роҳбару роҳнамо

Устод Масрур Абдуллозода роҳбар, роҳнамо ва мададгори содиқи шогирдон, пажуҳишгарон ва унвончӯён мебошад. Яке аз паҳлуҳои муҳимми фаъолияти омӯзгорӣ ва илмии ӯ, омода ва тарбия намудани олимони ҷавон аст. Ҷанбаи мазкур фаъолияти устодро шоистаи пайравӣ мегардонад, зеро рушди илм ва дастёбӣ ба бозёфтҳои нав ба тарбияи муҳаққиқони ҷавон иртибот дорад. Ин омил замина фароҳам меорад, ки мактаби илмӣ ташаккул ёбад ва анъанаи мактаби «устод ва шогирд» густариш ва робитаҳои илмӣ тақвият ёбанд. Аз ин рӯ, устод Масрур Абдуллозода ҳамеша дар интихоби мавзуъ ва роҳнамоию ҳидояти муҳаққиқони ҷавон бо масъулияти баланд муносибат менамояд. Дар натиҷаи заҳматҳои устод шогирдони зиёде ба камол расидаанд, ки дар мавзуъҳои гуногуни публитсистика ва адабиётшиносӣ рисолаҳои илмии худро ҳимоя намуда, дар ҷомеаи илмӣ ҷойгоҳи хешро пайдо кардаанд. Ҳар нафаре, ки ба устод мурочиат мекунад, аз роҳнамоӣ ва тавсияҳои судманди ӯ баҳравар мегардад. Ҳангоми иштирок дар баррасии рисолаҳо низ устод хайрхоҳона ва бо масъулият муносибат намуда, бо маслиҳатҳои судманд дар баланд гардидани сифати корҳои илмӣ саҳми босазо мегузоранд.

Бешак, яке аз нишонаҳои олим ва устоди муваффақ, таъсиси мактаби илмии фардӣ ва ҷалби шогирдон ба таҳқиқи масъалаҳои муҳимми замон мебошад. Таҳти роҳбарии илмии устод панҷ нафар рисолаҳои номзадӣ ва зери мушоварааи илмӣ чаҳор нафар рисолаҳои докторӣ дифоъ намудаанд, ки ин далели равшан аз саҳми арзандаи муҳаққиқ дар рушди илми ватанӣ ва тарбияи мутахассисони варзида мебошад.

Фаъолият дар вазифаҳои маъмурии илмӣ, аз ҷумла, ноиби ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия, нишон медиҳад, ки М. Абдуллозода на танҳо муҳаққиқ ё омӯзгор, балки роҳбари муваффақ низ мебошад. Вусъати пажуҳиши равандҳои нави илмӣ, дастгирии муҳаққиқони ҷавон ва ташаккули сиёсати илмӣ аз самтҳои муҳимми фаъолият ба шумор меравад.

Фаъолияти давлатӣ

Ҷалб гардидани устод Масрур Абдуллозода ба вазифаи давлатӣ аз соли 2017 инҷониб марҳалаи нав дар фаъолияташ маҳсуб мешавад. Пазируфта шудан дар вазифаи мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа эътирофи таҷрибаи илмӣ ва касбияти баланди ӯст.

Фаъолияти мавсуф дар ин вазифа бештар ба таҳлили равандҳои иҷтимоӣ, робитаи давлат бо ҷомеа, нақши иттилоот ва матбуот дар ташаккули афкори омма равона гардидааст. Таъйин гардидан (аз 3 ноябри соли 2025) ба вазифаи мушовири калони ҳамин бахш, аз бештар шудани масъулият ва эътимоду боварӣ ба донишу тачрибааш ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки Масрур Абдуллозода илму донишро ба сатҳи амалияи сиёсати иҷтимоӣ ҳамоҳанг месозад ва онро ба рушди маънавии ҷомеа корбаст менамояд.

Подоши заҳмат

Масрур Абдуллозода яке аз сермаҳсултарин донишмандони соҳа буда, муаллифи беш аз чаҳорсад асари илмӣ, илмӣ-публитсистӣ ва дарсӣ мебошад. Монографияҳояш оид ба публитсистика ва ҳувияти миллӣ дар илми тоҷик мавқеи хос доранд.

Мавсуф барои хидматҳои шоистааш дар рушди илму маориф ва фарҳанг бо нишонҳои «Аълочии матбуоти Тоҷикистон», «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон» ва медали «100-солагии матбуоти тоҷик» ва ғайра қадрдонӣ шудааст.

Хулоса

Бозтоби зиндагӣ ва фаъолияти илмӣ, омӯзгорӣ ва давлатии Масрур Абдуллозода нишон медиҳад, ки ба маънои воқеӣ намояндаи зиёии муосири тоҷик аст. Ӯ тавонистааст миёни пажуҳиши илмӣ ва публитсистика, аудиторияи донишгоҳӣ ва минбари сиёсати иҷтимоӣ, назария ва амалия пулиустувор эҷод намояд.

Таҳқиқоти ӯ дар хусуси масоили ҳувияти миллӣ, таърихи публитсистика ва журналистикаи тоҷик на танҳо аҳаммияти илмӣ доранд, балки дар ташаккули худогоҳии ҷомеа нақши муассир мегузоранд.

Дар маҷмуъ, Масрур Абдуллозода ҳамчун донишманд ва устод намунаи ибратбахши ҳамгироии масъулияти илмӣ, рисолати шаҳрвандӣ ва фаъолияти касбӣ мебошад. Пажуҳишҳо ва таҷрибаи амалиаш метавонанд барои насли ҷавони муҳаққиқон, рӯзноманигорон ва кормандони давлатӣ ҳамчун роҳнамо хидмат намоянд.

Ба доктори илми филология, профессор ва донишманди тоҷик Масрур Абдуллозода саломатии бардавом, саодати рӯзгор, комёбиҳои нав дар таълиму таҳқиқот ва неруи тоза баҳри хидмат дар пешрафти бештари Ватани азизамон – Тоҷикистон таманно дорем.

Эҳсон САФАРЗОДА,
номзади илми филология,
Насриддин ОХУНЗОДА,
номзади илми филология

Дар ноҳияи Қубодиён то 35-солагии Истиқлоли давлатӣ 171 иншоот бунёд мегардад.

ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

Ҳисоб намудани қиматҳои ифодаҳои алгебравӣ

Масъалаи 70. Агар ададҳои ҳақиқии x ва y баробарии $(x + \sqrt{x^2 + 2025})(y + \sqrt{x^2 + 2025}) = 2025$-ро қаноат намоянд, қимати $x + y$-ро ёбед.

Масъалаи 71. Агар $\begin{cases} ab - 2025, \\ bc - 243, \\ ac - 225 \end{cases}$ бошад, қимати ифодаи $a^2 + b^2 + c^2$-ро ёбед.

Масъалаи 72. Агар $a + b + c = 0$ бошад, исбот кунед, ки $\frac{a^2}{2a^2 + bc} + \frac{b^2}{2b^2 + ac} + \frac{c^2}{2c^2 + ab} = 1$ аст.

Ҳалли масъалаҳо

70. Ҳал. Ҳар ду тарафи ифодаи матлубро ба ҳамроҳшудаи $(x + \sqrt{x^2 + 2025})$ зарб мекунем:

$(x + \sqrt{x^2 + 2025})(x - \sqrt{x^2 + 2025})(y + \sqrt{y^2 + 2025}) =$
$= 2025\ (x - \sqrt{x^2 + 2025});$
$(x - (\sqrt{x^2 + 2025})^2\ (y + \sqrt{y^2 + 2025}) = 2025 =$
$= 2025\ (x - \sqrt{x^2 + 2025});$
$- 2025 \cdot (y + \sqrt{y^2 + 2025}) = 2025(x - \sqrt{x^2 + 2025});$
$- y + \sqrt{y^2 + 2025} = x - \sqrt{x^2 + 2025};$
$x + y = \sqrt{y^2 + 2025} - \sqrt{y^2 + 2025}.$ (1)

Ба ҳамин монанд, ҳар ду тарафи ифодаи матлубро ба ҳамроҳшудаи $y + \sqrt{y^2 + 2025}$ зарб карда, баробарии зеринро пайдо мекунем:

$x + y = -\sqrt{x^2 + 2025} + \sqrt{y^2 + 2025}$ (2)

Акнун баробариҳои (1) ва (2)-ро ҷамъ карда, $x + y = 0$-ро ҳосил мекунем.

Ҷавоб: 0.

71. Ҳал. Ҳар сеи муодилаҳои системаро бо ҳам зарб намуда, пайдо мекунем:

$ab \cdot bc \cdot a = 2025 \cdot 243 \cdot 225;$
$(abc)^2 = 45^2 \cdot 9^2 \cdot 3 \cdot 15^2.$

Аз ҳар ду тарафи баробарии ҳосилшуда решаи квадратӣ гирифта, пайдо мекунем:

$abc \pm 45 \cdot 9 \cdot 3 \cdot 15 \cdot \sqrt{3}.$ (1)

Акнун ҳар ду тарафи муодилаҳои системаи додашударо мувофиқан ба c, a ва b зарб намуда, ҳосил мекунем:

$\begin{cases} ab - 2025, \\ bc - 243, \\ ac - 225 \end{cases}$

Дар системаи ҳосилшуда ба ҷойи қимати abc ифода $\pm 45 \cdot 9 \cdot 3 \cdot 15 \cdot \sqrt{3}$-ро гузошта, ҳосил мекунем:

$\begin{cases} \pm 45 \cdot 9 \cdot 15 \cdot \sqrt{3} = 2025\ c, \\ \pm 45 \cdot 9 \cdot 15 \cdot \sqrt{3} = 243\ a, \\ \pm 45 \cdot 9 \cdot 15 \cdot \sqrt{3} = 225\ b; \end{cases}$ $\begin{cases} c = \frac{\pm 45 \cdot 9 \cdot 15 \cdot \sqrt{3}}{2025}, \\ a = \frac{\pm 45 \cdot 9 \cdot 15 \cdot \sqrt{3}}{243}, \\ b = \frac{\pm 45 \cdot 9 \cdot 15 \cdot \sqrt{3}}{225}; \end{cases}$

$\begin{cases} c = \frac{\pm 45 \cdot 3 \cdot 45 \cdot \sqrt{3}}{45 \cdot 45}, \\ a = \frac{\pm 5 \cdot 9 \cdot 9 \cdot 3 \cdot 5 \cdot \sqrt{3}}{9 \cdot 9 \cdot 3}, \\ b = \frac{\pm 3 \cdot 15 \cdot 9 \cdot 15 \cdot \sqrt{3}}{15 \cdot 15}; \end{cases}$ $\begin{cases} c - \pm 3\sqrt{3}, \\ a - \pm 25\sqrt{3}, \\ b - \pm 27\sqrt{3}. \end{cases}$

Пас, $a^2 + b^2 + c^2 = (25\sqrt{3})^2 + (27\sqrt{3})^2 + (3\sqrt{3})^2 =$
$= 625 \cdot 3 + 729 \cdot 3 + 9 \cdot 3 = 3(625 + 729 + 9) = 3 \cdot 1363$
$= 4089$ мешавад.

Ҷавоб: 4089.

Тарзҳои дигари ҳисобкунии қимати ифодаи додашуда ба хонандагон пешниҳод карда мешавад.

72. Исбот. Дар ҷамъшавандаи якум $\frac{a^2}{2a^2 + bc}$ ба ҷои $a = -(b + c)$ гузошта, онро табдил медиҳем:

$$\frac{a^2}{2a^2 + bc} = \frac{(b + c)^2}{2(b + c)} = \frac{(b + c)^2}{2b^2 + 5bc + 2c^2} =$$
$$= \frac{(b + c)^2}{2b^2 + bc + 4bc + 2c^2} = \frac{(b + c)^2}{b(2b + c) + 2c\ (2b + c)^2} =$$
$$= \frac{(b + c)^2}{2b + c)\ (b + 2c)^2} =$$

Азбаски $\frac{1^2}{2b + c} = \frac{1}{b + 2c} = \frac{3\ (b + c)}{(2b + c)(b + 2c)}$ ё ки $\frac{b + c}{(2b + c)(b + 2c)} = \frac{1}{3}\ \frac{1}{2b + c} + \frac{1}{b + 2c}$ аст, он гоҳ баробарии охиронро ба шакли зерин табдил медиҳем:

$$\frac{(b + c)^2}{(2b + c)(b + 2c)} = (b + c) \cdot \frac{b + c}{(2b + c)(b + 2c)} =$$
$$= (b + c)\ \frac{1}{3}\left(\frac{1}{2b + c} + \frac{1}{b + 2c}\right) = \frac{1}{3}\left(\frac{b + c}{2b + c} + \frac{b + c}{b + 2c}\right) =$$
$$= \frac{1}{3}\left(\frac{b + c}{b - a} + \frac{b + c}{c - a}\right).$$

Пас, $\frac{(b + c)^2}{(2b + c)(b + 2c)} = \frac{1}{3}\left(\frac{b + c}{b - a} + \frac{b + c}{c + a}\right)$ гардид.

Ба монанди ифодаи мазкур, ду ифодаҳои дуюм ва сеюмро низ табдил додан имкон дорад:

$$\frac{b^2}{2b + ac} = \frac{1}{3}\left(\frac{a + b}{a - c} + \frac{a + b}{b - c}\right);$$
$$\frac{c^2}{2c + bc} = \frac{1}{3}\left(\frac{a + b}{a - c} + \frac{a + b}{b - c}\right).$$

Ифодаҳои ҳосилшударо ба шарти масъала гузошта, пайдо мекунем:

$$\frac{a^2}{2a + bc} = \frac{b^2}{2b^2 + 2ac} + \frac{c^2}{2c^2 + 2ab} =$$
$$= \frac{1}{3}\left(\frac{b + c}{b - a} + \frac{b + c}{c - a} + \frac{a + c}{a - b} + \frac{a + c}{c - b} + \frac{a + b}{a - c} + \frac{a + b}{b - c}\right) =$$
$$= \frac{1}{3}\left(\frac{b + c}{b - a} + \frac{a + c}{a - b} + \frac{a + b}{a - c} + \frac{b + c}{c - a} + \frac{a + b}{c - b} + \frac{a + b}{b - c}\right) =$$
$$= \frac{1}{3}\left(\frac{a + c}{a - b} + \frac{b + c}{a - b} + \frac{a + b}{a - c} + \frac{b + c}{a - c} + \frac{a + b}{b - c} + \frac{a + c}{b - c}\right) =$$
$$= \frac{1}{3}\left(\frac{a + c - b - c}{a - b} + \frac{a + b - b - c}{a - c} + \frac{a + b - a - c}{b - c}\right) =$$
$$= \frac{1}{3}\left(\frac{a - b}{a - b} + \frac{a - c}{a - c} + \frac{b + c}{b - c}\right) = \frac{1}{3}(1 + 1 + 1) = \frac{1}{3} \cdot 3 = 1.$$

Ҷавоб: Исбот шуд.

Мамадҷон МАҲКАМОВ,
профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ

Машғулияти чордаҳум (синфҳои 8 ва 9)

Таърихи пайдоиши компютер

Соли 1642 математики 19-солаи фаронсавӣ Блез Паскал (1623-1662) дар ҷаҳон аввалин шуда мошини ҳисоббарории механикӣ (арифмометр)-ро ихтироъ намудааст, ки он бо ададҳои даҳӣ амалҳои ҷамъ ва тарҳро иҷро карда метавонист. Вале бояд зикр намуд, ки ҳам чӯт ва ҳам мошини Паскал имкониятҳои маҳдуди ҳисоббарорӣ доштанд. Набудани асбоби ҳисоббарорие, ки супоришҳоро зуд ва аниқ иҷро кунад, ба он овард, ки қисми зиёди таҷрибаҳои гузошташуда умуман иҷро нашуда монданд ё барои иҷрошон моҳҳо ва ҳатто солҳо лозим меомад.

Соли 1694 математики барҷастаи немис Готфрид Вилгелм фон Лейбнитс (1646-1716) мошини ҳисоббарории навбатиро сохт. Имкониятҳои ҳисоббарории мошини Лейбнитс аз мошини Паскал дида зиёдтар ва аз рӯйи сохт низ мураккабтар буд. Мошини Лейбнитс на танҳо чор амали арифметикиро иҷро карда метавонист, балки он аз решаи квадратӣ низ ададҳоро мебароварад. Вале ин мошин низ талаботи рӯзафзуни ҳисоббарориҳои математикиро қонеъ гардонида натавонист. Тақрибан пас аз 100 сол боз масъалаи сохтани мошини ҳисоббарории мукаммалтар пеш омад. Яке аз чунин намояндаи ин аср намоёнтарин математики англис Чарлз Беббиҷ (1792-1871) ба ҳисоб меравад. Маҳз ӯро асосгузори компютерҳои муосир меҳисобанд. Вале фарқи тадқиқоти Беббиҷ аз Паскал ва Лейбнитс дар он буд, ки ӯ назар ба татбиқи амалии ғояҳояш қисми бештари вақти худро ба лоиҳакашии мошинҳои ҳисоббарор бахшидааст. Сатҳи онрӯзаи технологии сохтани қисмҳои зарурӣ хеле паст буд. Ҳамаи ин норасоиҳо ва дараҷаи техникаи мавҷудаи он вақт ба Беббиҷ имконият надод, ки мошини худро ба пуррагӣ сохта тавонад. Ихтирои худро Чарлз Беббиҷ мошини таҳлилӣ (аналитикӣ) номид. Мувофиқи лоиҳа, мошини ӯ бояд бо ёрии қувваи буғ ба кор медаромад. Дар ин ҳангом мошин мебоист фармонҳоро қабул, ҳисоббариориҳоро иҷро ва натиҷаҳои заруриро дар коғаз чоп менамуд. Мошини таҳлилии Беббиҷ мувофиқи лоиҳа, ҳамаи қисмҳои асосии компютерро дар бар мегирифт. Масалан, мошини ӯ дорои хотира (ба ибораи Беббиҷ, анбор), қисми арифметикӣ (осиёб) ва қисмҳои идоракунӣ, дохилкунӣ ва хориҷкунӣ буд. Он мошин бояд амалҳои ҷамъу тарҳро дар як сония ва зарбу тақсимро тақрибан дар як дақиқа иҷро менамуд. Ихтирои олим аз рӯйи лоиҳа ҳамакор, яъне, универсалӣ буда, ба воситаи он мебоист масъалаҳои ҳисоббарории дилхоҳ ҳал карда мешуд. Вале бояд қайд намуд, ки ин мошин низ ба монанди мошинҳои арифметикии дар ҳамон давр амалкунанда, ҳамчун таҷҳизоти механикӣ фикр карда баромада шуда буд. Беббиҷ ғояи бениҳоят муҳимро пешниҳод кард, ки мувофиқи он вобаста ба натиҷаҳои мобайнӣ имконияти тағйирдиҳии самти ҳисоббарорӣ пайдо шуд. Ин хосият имконият фароҳам овард, ки мошин дар ҳалли масъалаҳои хеле душвор истифода бурда шавад. Ин фикри Беббиҷ, пеш аз ҳама, ба математики соҳибистеъдод Огаста Ада Лавлейс (1815-1852) хуш омад. Ада Лавлейс, ки духтари шоири бузурги англис Лорд Ҷон Байрон аст, муҳим будани усулҳои таҳлилиро хеле хуб дарк карда буд. Маҳз Ада барои мошини Беббиҷ барномаҳои аввалинро сохтааст ва ӯро, бешубҳа, барномасози аввалини ҷаҳон ном бурдан мумкин аст. Ада Беббиҷро бовар кунонид, ки дар ихтирооташ, ба ҷойи системаи ҳисоби даҳӣ, системаи ҳисоби дуиро истифода барад. Ҳамкории Ада ва Беббиҷ, ки оғози ғоя ва назарияҳои нав буд, имрӯз ҳам дар самти барномасозӣ ва ҳам инкишофи техникаи компютерӣ натиҷаҳои худро дода истодааст. Орзуҳои Беббиҷ тақрибан пас аз 100 сол дар ҳаёт амалӣ гашт.



Соли 1937 профессори Донишгоҳи Айоваи ИМА Ҷон Атанасов ба сохтани мошини ҳисоббароре сар кард, ки он барои ҳалли масъалаҳои физикаи математикӣ пешбинӣ шуда буд. Тақрибан дар ҳамон сол лоиҳаи мошини релегиро корманди Донишгоҳи Гарварди ИМА Говард Айткен пешниҳод намуд. Ин мошин Mark-1 номида шуд ва соли 1944 аз тарафи ширкати IBM сохта шуд, вале он низ на мошини электронӣ, балки электромеханикӣ буд. Танҳо соли 1946 дар ИМА аввалин МЭҲ бо номи ENIAC сохта шуд, ки муаллифони он кормандони Донишгоҳи Пенсилвания Преспер Эккерт ва Ҷон Моучли буданд.

Қадами навбатӣ ва хеле муҳимро дар пешрафти МЭҲ математики амрикоӣ Ҷон Фон Нейман гузошта аст. Ӯ соли 1945 пешниҳод намуд, ки дар баробари маълумоти ададии додашуда, барномаи коркарди ин маълумот низ ба хотираи мошин дохил карда шавад. Акнун имконият пайдо шуд, ки ба барнома низ ҳамчун ба объект таъсир расонида шавад. Фон Нейман ғояи худро дар шакли мақола ба олимони ҷаҳон пешниҳод намуд. Ӯ ба таври хеле сода ва фаҳмо тарзи кори таҷҳизоти ҳамакори ҳисоббарорро маънидод намуд, ки таҳти унвони нуқтаи назари Фон Нейман машҳур гашт. Аз ҷумла, Фон Нейман дар мақола овардааст, ки компютер бояд аз қисмҳои зерин иборат бошад: арифметикӣ-мантиқӣ барои иҷрои амалҳои арифметикӣ ва мантиқӣ, идоракунӣ барои идораи дигар қисмҳо ва раванди иҷрои барнома, хотира барои нигаҳдории барнома, захираи маълумот ва аз нав эҳё намудани онҳо, таҷҳизоти беруна барои дохил ва хориҷкунии иттилоот.

Хотираи компютер аз якчанд катаки рақамдор иборат буда, дар онҳо бояд фармонҳои барнома ва маълумоти коркардшаванда нигоҳ дошта шаванд. Катакҳо бояд ба таври хеле сода дастраси дигар қисмҳои компютер гарданд. Алоқамандии қисмҳои компютерро Фон Нейман чунин тасвир намудааст: Дар сохтори болоӣ бо ёрии аломати сигналҳои идоракунӣ ва бо ёрии сигналҳои иттилоотӣ ишорат карда шудаанд. Ба воситаи сигналҳои идоракунӣ қисми идоракунии компютер ҳамаи қисмҳои дигари онро идора менамояд ва бо ёрии сигналҳои иттилоотӣ бошад, раванди интиқоли иттилоотро дар байни қисмҳои компютер ба танзим меорад.

Маъруф НЕЪМАТОВ,
омӯзгори математика ва информатикаи МТМУ №9-и ноҳияи Шоҳмансур

Ба ҳар кор дар зӯр кардан машӯр,
Ки чора басе ҷой беҳтар зи зӯр.
Асадии Тӯсӣ

БА ОЗМУНИ «РУШДИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ»

ФАЪОЛИЯТИ «МАОРИФ» ВУСЪАТ МЕЁБАД

Дар низоми маориф аз огози таъсиси вазорати соҳавӣ таҳия, омодасозӣ, нашри китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб мерафт. Дар даврони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тарбияи ватандӯстӣ, худшиносӣ, худогоҳии миллии насли наврас ва бунёди ҷомеаи озоду обод ба ҷойи аввал баромад, ин вазифаи муҳим ба зиммаи сохторҳои таҳия, омодасозӣ ва табъу нашри маводи таълимӣ, аз ҷумла, Муассисаи нашриявии «Маориф» гузошта шуд.



Фаъолияти ин муассиса соли 1958 аз шуъбаи адабиёти таълимиву педагогии «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» – «Нашриёти давлатии адабиёти таълимиву педагогӣ» шуруъ шуда, минбаъд он бо номҳои нашриёти «Маориф» (1967), Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг» (2003), Муассисаи нашриявии «Маориф» (2014) идома ёфтааст.

Дар солҳои аввали Истиқлол (1992-1993) агар нашриёти «Маориф» ҳамагӣ 33 адад китоби дарсӣ омода карда бошад, соли 1998 ин рақам ба 63 адад расид. Баъди ташкили Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг» дар як сол (2003) зиёда аз 100 китоби дарсӣ омодаи чоп шуд. Ин рақам соли гузашта (2025) ба 122 адад расид, ки дар таърихи фаъолияти муассиса бесобиқа мебошад.

Аз соли 2001 сифати китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ беҳтар шуд.

Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаи маорифи кишвар (22.12.2005), ки дар ҳақиқат, воқеаи таърихӣ буд, ба кори таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо китобҳои дарсӣ низ такони бузург бахшид. Пешвои миллат изҳори нигаронӣ карданд, ки «хонандагони синфҳои болоӣ аз китобҳои дарсӣ қариб, ки бенасибанд». Вобаста ба ин, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.08.2007, №391 дар бораи «Барномаи давлатии таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ барои солҳои 2007-2010» қабул гардид ва имрӯз хонандагони синфҳои 10-11 бо китобҳои дарсӣ пурра таъминанд.

Маҳз даврони соҳибистиқлолӣ барои таҳияи китоб аз ҳамаи фанҳо ба забони давлатӣ имкон фароҳам оварда, зеро то ин вақт бештари китобҳо тарҷумавӣ буданд. Дар натиҷа, бо як қатор муаллифони худии китобҳои дарсӣ ҳамкорӣ ба роҳ монда шуд. Эълони озмун барои баланд бардоштани сифати китобҳои дарсӣ яке аз ташаббусҳои хуби Вазорати маориф ва илм буд. Дар натиҷа дар доираи маблағҳои ҷудонамудаи Бонки ҷаҳонӣ озмуни муаллифони китобҳои дарсӣ барои синфҳои ибтидоӣ доир гардида, аз тарафи муаллифону омӯзгорон аз тамоми минтақаҳои кишвар китобҳои насли нави «Забони модарӣ» ва «Математика» барои хонандагони синфҳои 1-4 мутобиқ ба меъёр ва талаботи байналмилалӣ омода карда шуданд.

Ҳамчунин, нахустин маротиба китобҳои дарсии алтернативӣ, яъне, ду китоб барои як фан ба табъ расид. «Алифбо» ва «Шиносоӣ бо табиат» (барои синфи 1), «Адабиёти тоҷик» (барои синфи 9) аз ҷумлаи онҳоянд.

Имрӯз вазифаҳои асосии Муассисаи нашриявии «Маориф» аз инҳо иборатанд:

– Ба роҳ даровардани низоми устувори нашри китобҳои дарсӣ;

– Таҳия, татбиқи китобҳои нави дарсӣ ва барномаҳои муосир ҳамчун бахши муҳимми таҷдиди низоми таҳсилот;

– Таълифи китобҳо бо дарназардошти стандартҳои нави таълимӣ;

– Таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии дорои мазмуни миллӣ ва мутобиқ ба замон;

– Ҷалби бештари муаллифони худӣ;

– Таваҷҷуҳ ба сифати чоп, тарроҳӣ ва ороиши китоб;

– Ба вуҷуд овардани китобҳои дарсӣ дар шакли электронӣ (PDF, платформаҳои онлайнӣ).

Аз зумраи аввалин китобҳои дарсии мутобиқ ба талаботи замон ва таҷдиди назаршуда «Табиатшиносӣ (Олами атроф)» синфҳои 1, 2, 3, 4; «Таърихи дин» синфи 9; «География» синфҳои 10 ва 11; «Маърифати оиладорӣ» синфи 10; «Асосҳои иқтисодиёт» синфи 11-ро номбар кардан мумкин аст. Бори аввал аз фанҳои технологияи иттилоотӣ, тарбияи ҷисмонӣ, технология (асосҳои касбу ҳунар) китобҳои дарсӣ, барои соатҳои тарбиявӣ дастурҳои таълимии гуногун таҳия ва нашр карда шуданд.

Қабули «Барномаи рушди илмҳои дақиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2005-2008» (2003), «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (2019) баробари ба омӯзиши фанҳои мазкур такон бахшидан, барои аз нав таҳия ва омодаи чоп кардани китобҳои дарсии равияҳои мазкур шароит фароҳам оварданд. Таҳия ва чопи аввалин китоби «Донишномаи биология» (ба забони тоҷикӣ), ки дар он кормандони илмии Муассисаи нашриявии «Маориф» низ саҳм гузоштанд, ҷавобгӯйи ин санадҳои муҳим мебошад.

Солҳои охир ду номгӯй китоби насли нав: «Математика» синфи 5, «Забони тоҷикӣ» синфи 5, бо «Роҳнамо» ва «Дафтари хонанда», «Забони тоҷикӣ» барои синфи 5 омода кардаву нашр шуданд. Китобҳои «Забони тоҷикӣ» (барои синфи 6) бо «Дафтари хонанда» ва таҳияи «Тавсияҳои методӣ барои омӯзгор» ва «Математика» барои синфи 6 бо «Дафтари хонанда»; «Тавсияҳои методӣ барои омӯзгор» ва «Зоология» барои синфи 6 «Зоология» барои синфи 7, «Биология» барои синфҳои 9, 10 ва ғайра идома дорад.

Яке аз самтҳои асосии сиёсати Ҳукумати кишвар баланд бардоштани тафаккуру ҷаҳонбинӣ, дар руҳияи одобу ахлоқи писандида, ҳисси ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ тарбия кардани хонандагон мебошад. Муассисаи нашриявии «Маориф» бо мақсади иҷрои пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар вохӯрӣ бо зиёиёни мамлакат (2007) зарурати аз нав эҳё намудани чопи асарҳои намояндагони бузурги адабиёти классикии тоҷику форс ва муосирони ватаниву ҷаҳониро бо номи силсилаи «Китобхонаи мактаб» таъкид намуда буданд, дар тӯли панҷ сол (2007-2011) аз ин силсила 51 номгӯй адабиёти бадеиро бо теъдоди 171500 нусха бо ороиши зебову сифати баланд аз чоп бароварда шуданд. Чанде аз ин китобҳо дар намоишгоҳҳои байналмилалии китоб сазовори ҷоизаҳо шуданд.

Солҳои охир барои хониши беруназсинфии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз силсилаи «Китобхонаи мактаб» ва «Гулбоғи адаб» зиёда аз 50 номгӯй адабиёти бадеӣ нашр карда шуд, ки ҳадафи он дар руҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани ҷавонон мебошад. Таҳриру тасҳеҳи бисёр китобҳои бадеӣ аз осори классикон ва шоиру нависандагони муосир аз тарафи Муассисаи нашриявии «Маориф» аз рӯйи номинатсияҳои Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ба роҳ монда шудааст. Соли гузашта ва имсол 18 номгӯй китоби бадеӣ аз осори классикон ва шоиру нависандагони муосир таҳриру тасҳеҳ карда шуд.

Муассисаи нашриявии «Маориф» корҳои зиёди нашириро низ ба анҷом расонидааст. Ба муносибати 80-солагии пойтахт – шаҳри Душанбе китоби «Меҳрнома» (2004) чоп карда шуд, ки беҳтарин шеъру таронаҳо дар васфи Душанберо дар бар мегирад. Ҳамчунин, овезаи тасвирӣ бо номи «Душанбе – пойтахти Тоҷикистон» бо теъдоди 5000 нусха ба табъ расид. Овезаи «Аркони сухан» бо акси шоирони тоҷику форс бо теъдоди 28 ҳазор нусха ба табъ расид. Боиси ифтихор аст, ки аксар сафоратхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, намоишгоҳҳои ватанию хориҷӣ, мактабҳои тоҷикии бурунмарзиро маҳз ин аксҳо зеб медиҳанд. Силсилаи мазкур дар намоишгоҳҳои китоби «Теҳрон», «Таҳсилот – 2005 ва 2006» (Москва), «Книги Белоруссии – 2007, 2008, 2009 ва 2010» ва «Китоби Туркманистон» сазовори баҳои баланд гардид. Муассиса нахустин бор дар ҷумҳурӣ 35 навъ дафтар ва ашёи дигари таълимиро бо акси шоиру нависандагони классику муосир ба чоп расонд. Бахшида ба ҷашнҳои бузурги таърихӣ – 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, бузургдошти Соли тамаддуни ориёӣ, 15-солагии Истиқлоли Тоҷикистон як қатор адабиёти илмиву оммавӣ ва тақвиму плакатҳо бароварда шуданд, ки аҳаммияти маърифатии онҳо дар равшан намудани саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик ва инъикоси дастовардҳои бузурги даврони истиқлол калон аст.

Шуъбаи адабиёти бачагонаи муассиса дар таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ, адабӣ ва соҳавӣ саҳмгузор аст. Аз тарафи ин шуъба солҳои 2003-2015 456 номгӯй китоби бачагона омода ва чоп карда шуд.

Соли равон фаъолияти Муассисаи нашриявии «Маориф» дар самти таҳия ва ба чоп омода кардани китобҳои дарсӣ ва бадеӣ боз ҳам густарда гардид. Таҳриру тасҳеҳи китобҳои насли нави «Забони тоҷикӣ» ва «Математика» бо «Дафтари хонанда» ва «Тавсияҳо барои омӯзгор» (дар маҷмуъ, 6 номгӯй китобу дастур) ба анҷом расид.

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони бузурги эҳёи миллат, забон, фарҳанг ва маорифро фароҳам оварад. Дар натиҷа Муассисаи нашриявии «Маориф» аз як сохтори соҳаи фарҳанг ба муассисаи калони таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ ва бадеӣ табдил ёфт.

М. РУСТАМЗОДА,
мудири шуъбаи Муассисаи нашриявии «Маориф»

ҲАМБАСТАГӢ

ТАРБИЯ КОРИ ҲАМАГОНИСТ

Тарбия замоне муваффақ хоҳад буд, ки шахсият ва хусусиятҳои психологии кӯдак ба таври мукаммал омӯхта шаванд. Дарки дурусти хусусиятҳои психологии кӯдак имкон медиҳад, ки лаёқат ва малакаю истеъдоди ӯро беҳтар шиносем ва мувофиқ ба он равиши таълиму тарбияро интихоб ва истифода кунем. Таълиму тарбияи кӯдак бояд аз хурдиаш шуруъ гардад. Падару модар шудан бахти бузургест. Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома»-аш чунин фармудааст: «Эй фарзанд, агар Худо ба ту фарзанд ато намуд, номи нек гузор, чунки яке аз ҳаққҳои падар нисбат ба фарзанд ин гузоштани номи нек аст». Падару модарон, ки сутуни хонавода ё оиларо ташкил медиҳанд, бояд ба таълиму тарбияи дурусти фарзандон диққати доимӣ зоҳир намоянд. Вазифаи волидайн ҳамин аст, ки фарзандро то ба мактаб омадан ахлоқи ҳамидаю одоби наку, сухан гуфтану дониш омӯхтанро омӯзонад.

Мутаассифона, аксар волидон дар тарбияи чигаргӯшаҳояшон саҳлангорӣ мекунанд. Бештар вақт мардҳо ҳамсарони худро масъули тарбияи фарзандон меҳисобанд. Дар муҳоҷирати меҳнатӣ будани волидон низ ба таълиму тарбияи фарзандон таъсири манфӣ мерасонад. Муносибтарин роҳи ҳалли мушкилот мустаҳкам намудани ҳамкории муассиса бо оила ва аҳли ҷомеа мебошад. Замоне ин иртибот қавитару пойдортар мегардад, ки муҳити созанда ва воқеӣ ба вуҷуд оварда шавад. Беҳтарин макон барои рушду нумуи маънавии наврасон мактаб мебошад. Дар тарбияи фарзандон масъулияти оила, муассисаи таълимӣ ва воситаҳои ахбори омма ниҳоят калон аст. Ба таҳсил рӯ овардан, дар руҳияи худогоҳиву худшиносии миллӣ парвариш ёфтан ва дӯст доштану арҷ гузоштан ба муқаддасоту арзишҳои миллӣ маҳз дар ин макони маърифат такмил ва тақвият дода мешавад.

Ҳокимбой НОСИРОВ,
омӯзгори МТМУ №19-и ноҳияи Айнӣ

Дар вилояти Хатлон курси азнавтайёркунии кадрҳои захиравии хизмати давлатӣ роҳандозӣ гардид.

МЕҲРНОМА

Устод – чароғи роҳи дониш



Омӯзгор меъмори руҳи инсон аст. Агар волидайн моро ба олами ҳастӣ оварда бошанд, устод он касест, ки ба ҳастии мо маъно, ҷило, ҳадаф ва ҳувияти маънавӣ мебахшад. Бесабаб нест, ки дар адабиёти классикии мо мақоми устодро аз мақоми падар болотар гузоштаанд. Устод мисли шамъест, ки дар масири илму маърифат месӯзад, то роҳи шогирдонро дар зулмати ҷаҳолат равшан намояд. Ҷомеае, ки ба омӯзгор эҳтиром мегузорад, ҳеҷ гоҳ ба завол рӯ ба рӯ намешавад. Илм нурест, ки роҳи фардоро мунаввар месозад, аммо ин нурро маҳз устод ба қалбҳои кучаки мо интиқол медиҳад. Рисолати омӯзгор дар ҷаҳони муосир, ки суръати баланди технология ва ҷаҳонишавӣ арзишҳои инсонро гоҳо дар ҳолати дуюмдараҷа мегузорад, боз ҳам афзудааст. Имрӯз устод на танҳо манбаи дониш, балки такягоҳи маънавӣ ва қутбнамоест, ки дар туфони зиндагӣ роҳи ростро ба шогирд нишон медиҳад. Заҳмати омӯзгорро ба ҳеҷ ганҷе наметавон қиёс кард.

Устод Насим Қӯшоқов дар қатори беҳтарин омӯзгорон қарор доранд. Эшон соли 1972 дар оғӯши кӯҳсори зебоманзари ноҳияи Шаҳристон ба дунё омадаанд. Муҳити маърифатбори мактаб ва тарбияи волидайни заҳматкаш дар ниҳоди устод меҳри беандоза ба илму дониш ва муҳаббат ба пешаи омӯзгориро ҷой намуд. Устод тамоми ҳастии хеш, неруи ҷавонӣ ва дониши андӯхтаашонро фидои касби муқаддаси омӯзгорӣ дар МТМУ №18-и ноҳияи Шаҳристон намуданд.

Дар чашми ман устоди гиромиқадр ҳамчун як идеал-пайкараи садоқат, назокат ва касбияти беназир таҷаллӣ ёфтаанд. Ҳар боре ки ман дар васфи муаллим шеъре қироат мекунам ё сухани неке мешунавам, беихтиёр симои нуронии ин марди шариф дар пеши назарам ҷилвагар мешавад. Устод дорои чунон хислатҳои ҳамидаи инсонӣ мебошанд, ки ҳатто дар лаҳзаҳои душвортарин бо меҳри падарворона ва сухани гарму умедбахши худ ба шогирдон неру мебахшанд. Дар ёд дорам, ки ҳар як соати дарси устод барои мо на танҳо як дарси муқаррарӣ, балки як олами муъҷизаву кашфиёт буд. Ман ҳоло ҳам он садои ширадор, оҳанги форам ва талаффузи шевои вожаҳои англисиро, ки чун дурри гаронмоя аз забони устод мерехтанд, дар гӯшҳои хеш эҳсос мекунам. Гӯё садои он маро дар ҷодаи таҳсил дар донишгоҳ ҳамроҳӣ мекунад ва дар лаҳзаҳои хастагӣ илҳоми нав мебахшад.

Устод ба мо имло ва луғатҳои забони англисиро омӯхтанд. Ҳамчунин, бо маҳорати баланди суханварӣ ва дониши амиқи хеш тавонистанд дар қалби мо эҳсоси ватандӯстӣ, худшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллиро бедор намоянд. Маҳз ҳамин фидокорӣ ва меҳрубонии эшон боис гашт, ки забони англисиро на танҳо ҳамчун фан, балки ҳамчун калиди дигари дари ҷаҳони маърифат дӯст бидорем:

Китоби ҳикмату маъно муаллим,
Чароге дар раҳи фардо муаллим.
Ба неруе, ки дорад дар бисоташ,
Ҷаҳонеро кунад эҳё муаллим.

Таъсири маънавии устод дар ҳаётам чунон амиқ буд, ки маҷрои сарнавиштамро дигаргун сохт. Вақте тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ба ихтисоси «Биология» ройгон дохил шудам, гӯё роҳи ман муайян буд. Аммо ҳавас ба шахсияти фарҳангии устод ва меҳри бепоёне, ки устод нисбат ба забони англисӣ дар ниҳоди ман бедор карда буд, маро ором намегузошт. Ман дар курси дуюм қарори қатъӣ қабул карда, аз ихтисоси «Биология» даст кашидам ва ба бахши тарҷумонии забони англисӣ гузаштам. Ин на танҳо иваз кардани ихтисос, балки ҳавас ба он идеалҳое буд, ки устоди гиромиқадр дар ниҳоди ман ҷой намуданд. Ман хостам мисли устоди худ донишманд, соҳибзабон ва пули иртибот миёни фарҳангҳо бошам.

Имрӯз, ки ҳамчун донишҷӯйи бахши тарҷумонӣ дар роҳи илм қадам мезанам, ҳар як муваффақияти хешро натиҷаи заҳматҳои шабонарӯзии устодам медонам. Аз минбари нашрияи бароям маҳбуби «Омӯзгор» ба ин марди дарёдил ва соҳибмаърифат сари таъзим фуруд оварда, сипоси бепоёни хешро баён менамоям. Ба устоди азиз тансиҳатии бардавом, сарбаландӣ хоҳонам. Мо, шогирдон, ҳамеша бо номи неки устод ифтихор мекунем ва кӯшиш менамоем, ки давомдиҳандагони арзандаи мактаби маънавии эшон бошем.

Сабрина ЮНУСОВА,
донишҷӯи курси 2-юми Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

АФКОР

Ташаккулбахши хонандагон

Тарбия ва ташаккули қобилияти фикрии наврасон дар тамоми давру замон мавзуи доғу доманадор ва пурбаҳсу талоши ҷомеа буда, дар ин маврид донишмандони зиёде изҳори андеша намудаанд. Бахусус, андешаҳои файласуфони Юнони Бостон дар бораи тарбияи наврасону ҷавонон то имрӯз аҳамияти худро коҳиш надодаанд.

Ин файласуфон бар он бовар буданд, ки пешрафти давлат ва ҷомеа аз тарбияи дурусти ҷавонон вобаста аст. Донишмандони машҳур Суқрот, Афлотун, Арасту ба масъалаи ахлоқ, дониш, тарбия ва камолоти инсон диққати махсус медоданд.

Суқрот (469-399 то милод) бештар ба масъалаҳои ахлоқӣ ва тарбияи инсон таваҷҷуҳ намуда, бар он бовар буд, ки инсон бояд, пеш аз ҳама, худро бишносад. «Худро бишнос» – шиори машҳури ӯ буд ва таъкид менамуд, ки инсон вақте ба роҳи дуруст меравад, ки дониш ва маърифат дошта бошад.

Ин файласуфи бузург тарбияро воситаи асосии ташаккули ахлоқи инсон ва бедор намудани ақл ва тафаккури ҷавонон медонист. Ҷаҳлу нодониро сарчашмаи ҳама гуна бадию бадкирдорӣ дониста, мегуфт, ки бадӣ аз ҷаҳолат сар мезанад. Рушд додани қобилияти фикрӣ, бо саволҳои шавқангезу пай дар пай бедор намудани ҳисси кунҷкобии шогирдон ва водор намудани онҳо ба мустақилона фикр кардан ва изҳори андеша намуданро яке аз усулҳои муҳимми кор бо шогирдон медонист.

Ин усул имрӯз ҳам дар инкишофи мустақилияти фикрӣ, андешаронӣ ва изҳори озодонаи фикр ҳангоми баррасии мавзуи мушаххас хеле муҳим мебошад. Дар маҷмуъ, муносибати босалоҳият дар таълим, ки солҳои охир ҳамчун методи нави дарсӣ муаррифӣ мешавад, аслан ба рушди тафаккури хонандагон, мустақилият ва баёни озоди андеша аз ҷониби онҳо марбут аст.

Аммо чизе, ки дар ин маврид метавонад боиси нигаронӣ гардад, дар сурати каме беаҳаммиятӣ зоҳир намудан, то андозае худхоҳу ҳавобаланд ва якрав шудани наврасон мебошад. Аз ин рӯ, дар баробари омӯзиш, бояд унсурҳои тарбия низ барои ростқавл, одил, ватандӯст ва бомаърифату боандеша ба камол расидани хонандагон мусоидат намоянд.

Дар шароити рушди босуръати ҷомеаи муосир масъалаи тарбия ва ташаккули шахсияти наврасон аҳаммияти махсус касб намудааст. Бахусус, хонандагони синфҳои болоӣ дар марҳалаи муҳимми камолоти равонӣ, иҷтимоӣ ва зеҳнӣ қарор доранд. Маҳз дар ҳамин давра ҷаҳонбинӣ, арзишҳои ахлоқӣ, муносибат ба ҷомеа ва қобилияти мустақилона андешидан ташаккул меёбанд.



Тарбия ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи таълиму омӯзиш ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият мусоидат намуда, инсонро ҳамчун фарди дорои фарҳанг, ахлоқ, масъулият ва ҷаҳонбинии солим ташаккул медиҳад. Барои хонандагони синфҳои болоӣ тарбия воситаи асосии омодагӣ ба ҳаёти мустақилона, интихоби касб ва мавқеи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад.

Тарбия танҳо дар муассисаи таълимӣ маҳдуд намешавад, балки оила, муҳити иҷтимоӣ, воситаҳои ахбори омма ва фарҳанги миллӣ низ дар ин раванд нақши муҳим мебозанд.

Дар педагогика тарбия ҳамчун омили асосии ташаккули шахсият эътироф шудааст. Олимони соҳаи педагогика таъкид менамоянд, ки инсон бе тарбия наметавонад ба шахсияти комил табдил ёбад. Махсусан, дар синни наврасӣ ва ҷавонӣ таъсири тарбия бештар эҳсос мегардад, зеро дар ин давра хонанда ба арзишҳои зиндагӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ пайдо мекунад.

Дар ин радиф, мақом ва ё ҷойгоҳи аввалро оила ишғол мекунад, зеро шахс таҷрибаю муносибатҳои аввалини зиндагӣ, аз қабили одоби роҳ рафтану муносибат кардан бо ҳамсолону калонсолон ва дигар малакаҳои аввалияи зиндагиро дар оила ҳосил мекунад.

Мақоми дувум бевосита ба мактабу омӯзгор марбут мебошад, зеро мактаб даргоҳи маърифат буда, кӯдакон маҳз ба хотири аз худ намудани илму маърифат ва одобу одамият ба мактаб фаро гирифта мешаванд. Устодону омӯзгорон онҳоро ба донишандӯзию хушмуомилагӣ, рафоқату якдигарфаҳмӣ, ватандӯстию инсонпарварӣ ва дигар амалҳои неки инсонӣ даъват намуда, дар тарбия ва камолоти шахсияшон саҳм мегузоранд. Яъне, масъулияту ҷавобгарии омӯзгорону мураббиён дар таълиму тарбияи кӯдак камтар аз масъулияту ҷавобгарии волидайн нест.

Мақоми сеюмро дар таълиму тарбияи кӯдак ҷомеа ишғол мекунад. Таъсири олами атроф ба кӯдак зиёд аст. Бо мурури солҳо алоқаи ӯ бо ҷомеа бештар мегардад. Андешаю афкори кӯдак аз таъсири рӯйдодҳои ҷомеа ба зудӣ ташаккул меёбад. Аксар маълумотеро, ки ӯ аз оилаву мактаб мегирад, дар амалияи ҷомеа мебинад, дарк мекунад ва хулоса мебарорад. Кӯдак тавассути қиёси шунидаю дидаҳояш дар оила ва мактаб, мушоҳидаҳояш дар кӯчаю бозор ва ҳамсуҳбатӣ бо ҳамсолону калонсолон хулоса мебарорад ва кӯшиш менамояд, ки хубро аз бад ҷудо намояд. Ин лаҳза ва ин синну сол давраи ҳассос мебошад.

Ҳар яке аз ин самтҳо дар рушди қобилияти зеҳнӣ ва ташаккули шахсияти хонанда саҳми муайян мегузоранд.

Рушди қобилияти зеҳнӣ яке аз вазифаҳои муҳимми мактаб ба ҳисоб меравад. Зеҳн на танҳо маҷмуи дониш, балки қобилияти фикрронӣ, таҳлил, муқоиса, хулосабарорӣ, эҷодкорӣ, фарҳанги суханронӣ ва ҷаҳонбинии илмиро дар бар мегирад.

Хонандагони синфҳои болоӣ ва хусусан, синфҳои 10-11 дар марҳалаи ташаккули тафаккури мантиқӣ қарор доранд. Онҳо метавонанд масъалаҳоро мустақилона таҳлил намоянд, андешаҳои худро ҳимоя кунанд ва нисбат ба воқеаҳои ҷомеа мавқеи муайян дошта бошанд. Омӯзгор бояд муҳити мусоиди тарбиявӣ фароҳам оварад, то хонанда ба омӯзиш шавқу рағбат пайдо кунад.

Дар шароити имрӯза технологияҳои иттилоотӣ ба зиндагии ҷавонон таъсири калон мерасонанд. Аз ин рӯ, омӯзгор метавонад тавассути усулҳои интерактивӣ, баҳсу мунозира, корҳои таҳқиқотӣ ва лоиҳаҳои эҷодӣ қобилияти зеҳнии хонандагонро рушд диҳад.

Ҳамчунин, муҳити тарбиявии солим барои баланд бардоштани сатҳи донишандӯзии фарзандон мусоидат мекунад. Агар хонанда эҳтиром, дастгирӣ ва муносибати некро эҳсос намояд, фаъолтар мегардад ва ба омӯзиш бештар таваҷҷуҳ мекунад.

Хонанда бояд мафҳумҳои ростқавлӣ, инсондӯстӣ, эҳтироми калонсолон ва масъулиятро дарк намояд. Ин арзишҳо тавассути намунаи шахсии омӯзгор ва муҳити солими мактаб ташаккул меёбанд.

Дар синфҳои 10-11 хонандагон ба интихоби касб омода мешаванд ва аз ин рӯ, тарбияи онҳо дар руҳияи меҳнатдӯстӣ, масъулият ва худшиносӣ аҳаммияти бештаре касб менамояд.

Самаранокии тарбия аз ҳамкории мактаб ва оила вобастагии калон дорад. Агар байни омӯзгор ва волидон ҳамдигарфаҳмӣ вуҷуд дошта бошад, тарбияи хонанда натиҷаи беҳтар медиҳад.

Манижа ЁРМУҲАММАДОВА,
муовини директори МТМУ №61-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ

Тарбияи кӯдакон дар рӯҳияи ватандӯстӣ

Дар шароити имрӯзаи ҷомеаи навин, ки дар он ҷаҳонбинии наврасон зери таъсири омилҳои гуногуни иттилоотӣ ва иҷтимоӣ қарор дорад, масъалаи тарбияи кӯдакон дар руҳияи ватандӯстӣ аҳаммияти махсус касб мекунад. Ватандӯстӣ аз арзишҳои муҳимтарини ахлоқӣ ва маънавии инсон аст, ки заминаи рушди шахсият ва фарди масъули ҷомеа гардидани кӯдакро фароҳам меорад. Мафҳуми ватандӯстӣ аз муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, шинохти таърих, анъана ва фарҳанги миллӣ оғоз мегардад. Агар ин арзишҳо аз овони хурдӣ омӯзонида шаванд, кӯдакон дар оянда шаҳрвандони босавод, худшинос ва ҳимоягари ҳақиқии давлату миллат хоҳанд шуд.

Нахустин мактаби тарбия оила мебошад. Дар муҳити хона падару модар бояд дар кӯдакон ҳисси муҳаббат ба Ватан, забони модарӣ, урфу одатҳо ва таърихи миллатро бедор намоянд. Мактаб ҳамчун зинаи дуюми муҳимми таълиму тарбия вазифадор аст, ки онро густариш бахшад. Омӯзгорон метавонанд тавассути таълими фанҳои таърих, забон ва адабиёт, дарсҳои тарбиявӣ ва чорабиниҳои ватандӯстона ба кӯдакон фаҳмонанд, ки Ватан танҳо як вожа нест, балки асоси ҳастии ҳар як шахс аст.

Зулайхо ҲОҶИЕВА,
омӯзгор

Дар шаҳри Кӯлоб ҳамоиш оид ба масъалаҳои рушди забони давлатӣ ва риояи меъёрҳои он доир шуд.

Зи нокарданӣ кор бартофтан
Беҳ аз дил ба андуҳу ғам ёфтан.
Абулқосими Фирдавсӣ

БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Ашъори Давлати Раҳмониён аз саҳифаҳои матбуот ва тавассути маҷмуаҳои алоҳидааш «Растохези рӯҳ» (1995), «Найистон» 1996), «Марзи нисён» (2002), «Навишта дар пари парвона» (2007), «Қиёми рӯҳ» (2014) «Хайма дар офтоб» (2017), «Дар сояи қалам» (2021), «Ҳаҷми нигоҳ» (2022), «Мурги тӯфон» (2023), китоби ёддоштии «Хотираҳо ва муҳокимаҳо» (2020) пешниҳоди хонандагон гардидааст.

«НОМАИ ОФТОБ» – ГАНҶУРИ МУҲАББАТУ САДОҚАТ



Соли 2024 бо тамғаи нашриёти «Адиб» дар 326 саҳифа китоби нисбатан мукаммали ӯ «Номаи офтоб» ба табъ расид, ки яке аз пурбортарин маҷмуаи шеърӣ дар солҳои охир мебошад.

Ба китоби мазкур Шоири халқии Тоҷикистон Рустам Ваххобзода сарсухани пурмуҳтавое навишта, аз ҷумла, овардааст: «Бо итминони хотир метавон ба хонандаи арҷманди ин дафтари шеър навиди интишори боз як китоби тозаи ҳикматомӯз ва завқпарвари Давлати Раҳмониёнро эълом кард». Ашъори маҷмуа ба ҳафт қисм ҷудо карда шудааст: «Иксири Ватан», «Биҳишти мурғон», «Дар пойи хома», «Лолаи дил», «Дар ҳазрати танҳоӣ», «Рубоӣ» ва «Дубайтӣ». Ҳамаи ин қисматҳо дорои 322 адад пораи шеърӣ мебошанд, ки дар онҳо шоир доди сухан додааст.

«Иксири Ватан» фарогири 20 шеъру ғазал аст. Ин қисмат бо шеъри «Ҳадиси муҳаббат» оғоз мешавад ва саропо мавзуи Ватан, муқаддасот ва тасвир зебоиҳои Ватанро фарогир аст. Шеъри Давлат шеъри олист, на шиору ҳарзаи рӯзмарра.

Чун саҷдагаҳи ҳазор пуштам
Ватан аст,
Н-афтад зи даҳан ҳадиси
ҳуббулватанам.

Шеърҳои ин қисмати китоб «Ғазали ишқу Ватан», «Ватанам лонаи шерони нар аст», «Ватандорӣ», «Иксири Ватан», «Меҳроби Ватан», «Ба коргари Роғун», «Тоҷикона», «Шодиёна» ва ғайра дар сатҳи баланд суруда шудаанд ва аз ҳар нигоҳ тозакоронаанд.

Шеъри «Ба коргари Роғун» аз як байт ва шеъри «Ҷодаи озодагӣ» аз ду байт иборат аст, вале Давлати Раҳмониён тавонистааст дунёи меҳр ва самимияти як инсон - ошиқи Ватанро дар ин ду пораи хурд гунҷонад.

Зулмотро чӣ гуна аз ин марз
рондааст?
Бар фарқи сар кулоҳ зи хуршед
мондааст!

Ё ки:

Мо, ки то озодагӣ дер омадем,
Бо дами борики шамшер омадем.
Дар найистони Ватан оташ
заданд,
Мо аз он оташ бурун шер омадем.

Шоир ҳар пора санги Ватанро аз ҳама дороии олам боло ва волотар мешуморад ва бо шеърҳои беҳамтои хеш пиру барноро ба дӯст доштани Ватан даъват менамояд. Ӯ дар шеъри «Хоро» мегӯяд:

Агар лавҳи мазорам хорасанг аст,
Нишони рӯшане аз ному нанг аст.
Агар, ай кӯҳ, бе санги ту мирам,
Дилам дар гӯр ҳам бахри ту танг
аст.

Шоир далели зинда будани миллатро дар рушди забони миллат медонад ва забонро нишону шаъну шарафи миллат мешуморад. Ӯ ин маъниро дар шеъри «Нишона» дар сатҳи олӣ тасвир намудааст:

Далели зинда будан гар забон аст,
Забони модарӣ ширин чу ҷон аст.
Илоҳо, то ҷаҳон поянда бошад,
Забони модари мо зинда бошад.

Қисмати «Биҳишти мурғон»-и китоб 37 шеъри дилкаши шоирро дар бар мегирад, ки 25 адади онҳо ба модар ва 12 адади дигар ба падар ва дигар азизон бахшида шудааст. Мавзуи модар дар адабиёт нав нест. Аввалин шоире, ки дар забони форсӣ «Модарнома»-и комил офаридааст, Эраҷ Мирзо мебошад. Устод Турсунзода як силсила шеърҳои самимию муассир дар ситоиши модар суруд. Мавзуи модарро дар адабиёти тоҷик Лоиқ Шералӣ ба қуллаи баланд расонд. Давлати Раҳмониён низ бо сабки хоси хеш ин мавзуъро идома додааст ва бешубҳа, силсилаи нави «Модарнома»-е сурудааст, ки дар адабиёти муосир сухани тоза ба шумор меравад.

Модарам рафту пас намеояд,
Рафта ҳамчун нафас намеояд.
Хеҷ кас ҳамсафар нашуд бо ӯ,
З-ин сафар ҳеҷ кас намеояд.
Қафаси хок танг бигрифташ,
Бадар аз ин қафас намеояд…
Баъди ӯ ҳар қадар кашам фарёд,
Каси фарёдрас намеояд.

Қисмати «Дар пойи хома» аз 19 шеър иборат буда, шеърҳоеро фарогир аст, ки ба шахсиятҳои бузурги олами илму фарҳанг Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Гулрухсор, Низом Қосим, Мирзо Файзалӣ, Рустами Ваххоб, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Саидалӣ Саид, Аброри Зоҳир ва дигарон бахшида шудаанд. Ин шеърҳо чанд ҷумлаи бахшоишӣ нестанд, балки ашъоре ҳастанд, ки баробари мутолиаи онҳо руҳ осоиш меёбад.

Шоир дар шеъри «Ручуи Муъмин Қаноат» фармудааст:

Дар боги вуҳуш мондаам, дилгирам,
Дар ҳасрати осмон уқоби пирам.

Ин шеър низ, ки хеле кӯтоҳ мебошад, бозгӯи ҳунари баланди шоирии Давлати Раҳмониён аст.

Дар боби «Лолаи дил» 97 шеър ҷой дода шудааст, ки аз онҳо 72 шеър дар жанри ғазал ва 25 шеър дар шакли чаҳорпора ва шеъри нимоӣ суруда шудаанд.

Дар адабиёти давраи нав ба кам шоире муяссар шудааст, ки дар сурудани ғазал чун Давлати Раҳмониён дасти тавоно дошта бошад. Ҳамаи ғазалҳои шоир мазмун ва мундариҷаи баланд доранд. Дар бораи ҳунари шоирии Давлати Раҳмониён адабиётшиносону ҳамқаламон ақидаҳои худро баён кардаанд ва ба асари ӯ баҳои баланд додаанд.

Аксарияти ғазалҳои ин боби китоб дар мавзуи ишқ суруда шудаанд ва муҳим он нукта аст, ки тақлид ба касе дар онҳо мушоҳида намегардад. Хонанда хуб мушоҳида мекунад, ки ғазалҳои шоир бо сабки хос ва нигоҳи тозаи шоирона эҷод гардидаанд. Ба ин ғазал таваҷҷуҳ намоем:

То ман касе фиреби гарибӣ нахӯрда
буд,
Баргаштам аз сафар ба Ватан,
ишқ мурда буд.
Бехоб чашми соати девори бурҷи
шаҳр
Шабҳо садои пои муҳаббат
шумурда буд.
Дил хоб буд, гарчи тапидан баҳона
кард,
Зеро ки бӯи ишқ димоғаш набурда
буд…
Ҳарчанд аз набарди касе сар
натофтам,
Андар миёна бахти бади ман
багурда буд.
То ман ба зери ҷоғи замонаш
фароварам,
Дил аз фишори сахт чу мушти
фушурда буд.
Ай зиндагӣ, ба сӯи ту
баргаштанам бубин,
Ҳаргиз магӯ: умеди пасин ҷон супурда
буд.

Шоир дар гуфтани чаҳорпора ва ашъори нимоӣ ҳам чирадаст аст. Иқтибосе аз як чаҳорпораи ӯ:

Равад аз чархи мошин бар ҳаво гард,
Бигардонам рухамро ҷониби пушт.
Надорам тоқати якрӯза дурӣ,
Ҳамин бетоқатӣ хоҳад маро кушт.
Танам пешу дилам пас меравад боз,
Дили бечора бо ман ҳамсафар нест.
Намехоҳад туро аз даст додан,
Ки ишқи охирин астӣ, дигар нест.

Шоир дар шеъри «Нома», ки шеъри озод аст, хеле самимӣ ва эътимодбахш роз мегӯяд:

Ба сатре метавон кардан хулоса
ҷумла ашъорам:
Туро ман дӯст медорам!
Бигӯям бо сари бубрида,
Гар бо ҷурми гуфтан
Сар ба зери тег бигзорам,
Туро ман дӯст медорам.
Агар ошиқ шудан бошад гунаҳ,
Бегуфтугӯ,
Бе ҳеҷ шак,
Сар то ба по марди гунаҳгорам,
Туро ман дӯст медорам.

87 ғазал ва барчидае аз шеърҳои тозаэҷоди шоир боби дигари китоб – «Дар ҳазрати танҳоӣ»-ро ташкил додаанд. Давлати Раҳмониён, аслан, шоири соҳибистеъдоди ғазалсарост. Ин боби китобаш низ аз 72 ғазал ва 15 чаҳорпораю шеъри нимоӣ иборат аст.

Дар ин боб шоир ба мавзуъҳои гуногун даст задааст. Ҳамаи ашъори ин боб дилчаспу дилпазиранд.

Шоир бо камоли устодӣ дар «Ятими кул» ном ғазали хеш мефармояд:

Шоир ойинадори танҳоист,
То дами марг ёри танҳоист.
Сафҳа-сафҳа китоби ашъораш
Лавҳаи ёдгори танҳоист.
Як тани бо ҳазор кас танҳо,
Шаҳрванди диёри танҳоист…
Шоирӣ чун ятими кул умре
Зистан дар канори танҳоист…
Баъди мурдан чу гӯри Фирдавсӣ
Гӯри шоир мазори танҳоист.
Ин хок тахти бахти ман асту
мазори ман,
Таркам кунад, ба тахту мазори кӣ
меравам?!

Дар қисмати «Рубоӣ» 34 адад рубоии шоир пешниҳоди хонанда гардонда шудааст. Рубоиҳои Давлати Раҳмониён бо руҳияи баланд суруда гардидаанд:

Тоқадривафобаробарихаснашавад,
Парвардани ишқ дар дилам бас
нашавад.
Дар сад биравам, ба пои худ хоҳам
рафт,
Ҷуз қомати ман асои ман кас
нашавад.

«Дубайтӣ», ки қисмати охири китоб аст, ҳамагӣ 28 адад мебошад. Аз мутолиаи ин дубайтиҳо хонанда ба хулосае мерасад, ки Давлати Раҳмониён дар эҷодиёти ин жанри адабиёт низ тозагӯиҳо дорад:

Маро пешат гаравгон дорӣ, эй шеър,
Даме осудаам нагзорӣ, эй шеър.
Кунӣ таъқиб оҳуи диламро,
Ту шери бешаӣ, хунхорӣ, эй шеър.

Бешубҳа, маҷмуаи ашъори шоири тозагӯву хушсалиқа Давлати Раҳмониён «Номаи офтоб» сазовори Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакист.

Исмоил ЗАРИФӢ,
омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики
МТМУ №25-и шаҳри Панҷакент

ШАРАФМАНДОН

Омӯзгору пажуҳишгари мумтоз



Олимон дар ҳар давру замон ҷомеаро ба сарсабзӣ, шукуфоӣ ва рушди баланди фарҳангию маданӣ мерасонанд. Андешаи созандаи онҳо боиси хушбахтии ҷомеаи башарӣ мегардад. Яке аз ҳамин гуна олимон устоду муҳаққиқи пуркору муваффақ, доктори илми филология, профессор Бадриддин Мақсудзода мебошад, ки бо илму амали созандааш дар ҷомеа эътибору эътимоди зиёд пайдо намудааст.

Профессор Б.Мақсудзода яке аз донишмандони сермаҳсул ва маъруф дар миёни адабпажуҳони тоҷик буда, дар рушду таҳаввули адабиётшиносии тоҷик саҳми сазовор дорад. Устодро миёни фарҳангиён ва аҳли илму адаби ҷумҳурӣ ҳамчун адабиётшиноси касбӣ мешиносанд ва эҳтиром мегузоранд. Мавсуф умри пурбаракати хешро ба пажуҳишу таҳқиқи осори пурбори адабиёти форсу тоҷик бахшидааст ва ҳамзамон, ба таҳлилу баррасии адабиёти даврааи нав низ машғул мебошад. Яъне, профессор Б.Мақсудзода аз зумраи устодони заҳматкашест, ки доираи фаъолияти илмӣ-пажуҳишиаш гуногунпаҳлуву фарох буда, дар ин самт таҷрибаву собиқаи кории зиёд дорад.

Устод дар омода намудани мутахассисони соҳиби дараҷаҳои илмии соҳаи филологияи тоҷик низ саҳмгузор аст. Бо роҳнамоии ӯ 6 нафар унвонҷӯи риштаи суханшиносии форсии тоҷикӣ рисолаҳои номзадӣ дифоъ кардаанд. Ин олими пухтакор зиёда аз 500 мақолаи илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва 27 китоби дарсӣ, монографию, воситаи таълим, дастури методӣ ва маҷмуаи мақолаҳо ба нашр расонидааст. Сабаби доманфарохии таҳқиқоти илмии профессор Б.Мақсудзода дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар самтҳои гуногуни илми филология қалам мефарсояд. Самтҳои фаъолияти илмӣ-пажуҳишии устодро метавон ба бахшҳои зерин дастабандӣ кард: а) таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ; б) таҳқиқи методикаи таълим ва тадриси адабиёт; в) нусхашиносӣ ва матншиносӣ; г) ба хатти имрӯзаи тоҷикӣ баргардон ва нашр кардани осори олимону адибони форсизабон; ғ) пажуҳиш ва баррасии масъалаҳои гуногуни адабиёти муосири форсии тоҷикӣ.

Фаъолиятҳои гуногунпаҳлуи мавсуф сабаб шудааст, ки ӯро ба унвони яке аз олимони варзидаи тоҷик на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар ҳавзаҳои илмии адабпажуҳии форсии тоҷикии берун аз марз низ бишиносанд, зеро номбурда дар ҳамоишҳову симпозиумҳо ва конференсияҳои байналмилалии кишварҳои гуногун ширкат кардаву мақолаҳои илмиаш дар Амрико, Фаронса, Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Эрон, Туркия, Афғонистон, Ҳинд ва Покистон чоп шудаанд.

Тавре ки аз осори илмӣ-пажуҳишии профессор Б. Мақсудзода бароямон равшан аст, мавсуф яке аз нодиртарин адабиётшиносони тоҷик аст, ки дар масъалаҳои баҳсбарангези илмӣ истиқлоли андеша дорад ва дари баҳсро низ ба рӯйи касе намебандад. Бо далелу бурҳон фикру андешаи худро исбот мекунад, ки бисёр мақбулу самарабахшанд. Ба ҷузъитарин масъалаи илмӣ бо равиши ба худ хос, ки натичабахш низ мебошад, назар дорад ва бо ин шеваи кор дар арсаи илму пажуҳиш аз эътибору эътимоди зиёд барҳурдор гардидааст.

Профессор Бадриддин Мақсудзода дар тӯли фаъолияти меҳнатиаш, дар баробари он ки ҳамчун донишманди пурмаҳсул эътироф гардидааст, омӯзгори асил низ мебошад. Аксарият медонанд, ки ӯ улуми адабиро бо эҳсосоти баланд ва ошиқона дарс мегӯяд ва ин усули дарсдиҳиаш беандоза дилчаспу шавқовар аст. Пайваста шогирдонро ба донишомӯзӣ ташвиқ менамояд, ба шогирдон аз фанҳои «Таърихи адабиёти тоҷик», «Балоғат ва суханварӣ», «Матншиносии осори адабӣ», «Таҳлили матни адабӣ», «Усули таълими адабиёт», «Равиши таҳқиқи адабиётшиносӣ», «Нусхашиносӣ» дарс мегӯяд. Ҳамзамон, мавсуф дар таҳқиқи методикаи таълим ва тадриси адабиёт яке аз мутахассисони варзидаи ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад ва асарҳои дар ин росто таълифнамудааш аз аҳаммияти баланди илмӣ ва методӣ-таълимӣ барҳурдоранд.

Яке аз бахшҳои муҳимми корҳои илмӣ-пажуҳишӣ ва таълимии ин олим нусхашиносӣ маҳсуб меёбад. Устод дар ин ҷода низ корҳои шоиставу боистае анҷом додааст. Бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон китоби дарсӣ аз фанни нусхашиносӣ барои донишҷӯёни ихтисоси мероси хаттӣ аз ҷониби ӯ таълиф гардидаву ба чоп пешниҳод шудааст. Барои ин ҳама заҳмату талошҳои бисёрсолаю бенуқсонаш профессор Б. Мақсудзода бо ифтихорномаву сипосномаҳо, медалу орден ва мукофотҳои соҳавию давлатӣ сарфароз гардонида шудааст. Аз ҷумла, нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон», ордени «Шараф» дараҷаи II», «Ҷоизаи ба номи Камоли Хуҷандӣ», Сипосномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, медали «Фидоии маънавият» (Ӯзбекистон), унвони «Корманди шоистаи Тоҷикистон». Ба устод тандурустии комил, умри пурбаракат ва дар фаъолияти илмиву омӯзгориаш барору комёбиҳо хоҳонем.


Рустам НАБОТӢ,
мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи ДМТ, номзади илми филология

Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон даври ноҳиявии Озмуни «Илм – фурӯғи маърифат» оғоз гардид.

БА ОЗМУНИ «УЛУҒЗОДА-ТАБЛИҒГАРИ ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ»

Дар дили мардуми сарзамин парваридани ҳисси худшиносиву ифтихори миллӣ, меҳру муҳаббат ба меҳан, зинда кардани хотираи таърихӣ, ҳақталошиву ҳифзи расму суннат, шарафу номус, махсусан, дар ҳолатҳои фишори шадиди идеологӣ ва ҳукмфармоии аҳнабиён ҳадафи волои эҷодии шахсиятҳои асили арсаи адабиёт будааст. Ин падидаро дар паҳнои адабиёти навини тоҷик, ки аз ибтидои қарни бист оғоз меёбад, дар талошу заҳматҳои пайваставу пурбараkати Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, узви вобастаи АИ Тоҷикистон, сарбози Ҷанги дуюми ҷаҳон устод Сотим Улуғзода басо равшану амиқ метавон мушоҳида кард.

ЁДИ УСТОД ҶОВИДОНИСТ



Фақат адибе метавонад оид ба таърихи гузашта, симоҳои барҷастаи таърихию фарҳангӣ асар эҷод кунад, ки аз таърихи миллат хуб огоҳ бошад. Ва танҳо адибе ин ҷодаро бо сарбаландӣ мепаймояд, ки дар баробари ҳунари воло андешаву дониши фарох, иродаи мустаҳкаму дили шерона дошта бошад, миллаташро сидқан дӯст дорад, аз корномаҳои ниёгон биболад, дарду доғ ва фоҷеаҳоро аз рӯйи адолату инсоф тасвир бикунад. Устод Сотим Улуғзода, барҳақ, аз ҷумлаи суханварони камзамир буд, ки таҳкимбахшии бедориву ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати мардумро қарзи фарзандии хеш мешуморид. Ба назари мо, дар асри XX пас аз устод С. Айнӣ ягон адиби тоҷик дар бахши тасвири бадеии таърихи саропо хуншор ва пурфоҷеаи миллат, муборизаҳои мардум барои озодиву истиқлол ва умри дубора бахшидан ба абармардони илму адаб, фарзонагони сиёсат, ҷигарбандони шердилу истиқлолхоҳи тоҷик ба мисли Сотим Улуғзода ошиқона ва беминнат хидмати олӣ накардааст. Чи хеле ки худи устод Улуғзода мегӯяд: «Одамӣ бояд ниёгони хешро хуб бишносад, то бидонад, ки худи ӯ кист ва ба ҷаҳон баҳри чӣ коре омадааст. Бидонад, ки некӣ чист ва бадӣ чист, одамият чист муруввat чист? Меҳандӯстӣ, некхоҳӣ ва некандешӣ биёмӯзад».

Андеша ва образҳои офаридаи дилангези насри таърихии устод Улуғзода шавқу ҳавас ва эҳтироми мардумро ба омӯзиши таърихи саропо дилхарош ва ибратомӯзамон афзуда, дар қалби пиру барно ҳисси гарму ҷӯшони меҳанпарастӣ, нафрат ба ғосибону яғмогарон, дареғ аз шикасту парокандагиро парварида, ҳамаро ба ваҳдату ягонагӣ, худогоҳиву ҷоннисорӣ баҳри арзишҳои миллӣ ҳидоят менамоянд. Устод ҳушдор медиҳанд, ки «надонистани таъриху фарҳанги миллат авфнопазир аст», зеро иродаи ҳар як халқ аз донистани таърихи миллат қавию устувор мегардад.

Оре, ба гузашта, хоҳ нишотбахш бошад, хоҳ мудҳишу яъсовар, ба чашми ибрат бояд нигарист. Яъне, реша ва роҳи тайкардаи миллатро бояд дақиқ омӯхт ва донист, ки нокомӣ ва шикасти давлат бо кадом сабабҳо пеш омад, кӣ ба хотири сарвату ҷоҳу шуҳрат ба миллати худ хиёнат кард, ба давлат завол оварад.

Сотим Улуғзода бо асарҳои безаволи худ – «Субҳи ҷавонии мо», «Фирдавсӣ», «Восеъ», «Ёрони боҳиммат», «Ривояти суғдӣ», «Марги ҳофиз» ва асарҳои драммавиашон «Калтакдорони сурх»,»Қисмати шоир», «Темурмалик», «Восеъ», «Алломаи Адҳам» тавонист ормонҳои халқи худро ифода кунад. Дар қиссаи «Ривояти суғдӣ» муколамаи зани шердили тоҷик Маликаи Бухоро бо Саид, ки барои ғасби Бухоро омода буд, тасвир шудааст Малика дар иҳотаи арабҳои ғаддор Халифа Саид ва ҳаммаслаконашро ба калламушҳое, ки пораи нони хушкшударо медузданд, баробар ва яғмогаронро таҳқир мекунад.

Дар «Ёрони боҳиммат» адиб фидокориҳои занони тоҷикро дар образи Зайнаб нишон додааст. Зайнаб шавҳари пешинаашро, ки аз ҷанг маъюб баргашта буд, мепазирад ва бо меҳру муҳаббати занонаи хеш Ҷӯрабеки бедасту пойро ба зиндагӣ бори дигар бармегардонад.

Дар романи «Фирдавсӣ» зимни мубоҳиса бо шоири арабинавис Мутафаъӣ ба саволи «Чаро шоир «Шоҳнома»-ро бо забони арабӣ нанавиштааст?» Фирдавсӣ ҷунин ҷавоб медиҳад: «Ҳоҷат набуд, мехостам ашъори маро ҳаммеҳанони ман, ки ғайр аз як идда олимону фозилонаш, дигарон арабӣ намедонанд, бихонанд ва бифаҳманд».

Вақте ки Мутафаъӣ мегӯяд: «Охир, ғайр аз ҳамин олимону фозилони аҷамӣ, дигар ҳамватанони шумо ҳама бесавод ва ҷоҳиланд, магар шумо барои бесаводон ва ҷоҳилон шеър мегӯед?»

Ба ин савол чунин посух мешунавад: «Ҳаммеҳанони ман гарчанд бесавод бошанд ҳам, аммо ҷоҳил нестанд, онҳо дар олами худ доноянд. Арабони бесавод ашъори арабиро ҳар қадар мефаҳмида бошанд, ҳаммеҳанони ман сухани шоирони ҳамзабони худро ҳамон қадар ва ҳатто беҳтар мефаҳманд». Ин нигориши нависандаи таърихнигори тоҷик Сотим Улуғзода ӯро чун шахси дӯстдори забони модарии худ ва меҳану ҳамватанони худ нишон медиҳад.

Романи «Восеъ» ҳикояти шӯриши халқ зери сарварии ин қаҳрамони халқӣ алайҳи ҷабру ситам ва зулму бедодгариҳои амирони манғиту косалесони онҳо дар Бухорои Шарқӣ нест ва даъват ба муборизаи ҷовидона барои ҳимояи шарафи миллӣ, Ватану озодӣ мебошад.

Улуғзода дар асари «Марги ҳофиз» дар бораи яке аз сарояндагони Ҳиндустон Шевоҷӣ, ки бо навои шӯрангез қиссаи озодии меҳанро месарояд, ҳикоят мекунад. Ҳофиз ба хиёнати писараш Шондия ба Ватан рӯ ба рӯ мешавад ва худ ҷазои писари хиёнаткорашро муайян мекунад: «Хоин бояд бимирад. Писаркушӣ агар гуноҳ аст, хоинкушӣ савоб аст». Ин фоҷеа сардтарин қалбро ба ҷӯш ва кундтарин зеҳнро ба ҷунбиш меорад.

Устод Сотим Улуғзода бо асарҳои худ бузургони миллати тоҷик Рӯдакӣ, Сино, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Восеъ, Темурмалик, Аҳмади Донишро аз нав зинда гардонидааст. Имрӯзҳо мо дар остонаи 115-солагии ин абармарди адабиёти тоҷик қарор дорем ва бори дигар аз корномаи бузурги ӯ ёдовар мешавем.

Мутолиаи асарҳои устод Улуғзода моро ба тайёр будан ба ҳифзи марзу бум, мардонагӣ, эҳтироми забон, дӯстӣ, ифтихори миллӣ ва меҳанпарастӣ даъват менамояд. Устод таблиғгари ормонҳои халқи тоҷик буд ва ин халқ номи неки ин шахси бузург, ин нависандаи ватанпарварро ҳамеша пос хоҳад дошт.

Полвон САРҲАТОВ,
омӯзгори таъриху ҳуқуқи
МТМУ №24, ноҳияи Айнӣ

ЧАШМАНДОЗ

МАОРИФИ ҶАҲОН

Лесото

Лесото як кишвари хурди Африқои Ҷанубӣ ба ҳисоб рафта, пойтахташ шаҳри Масеру аст. Ин мамлакат зиёда аз 2 миллион аҳолӣ дорад. Соҳаи маорифи Лесото низоми расмии худро дошта, аз таҳсилоти томактабӣ то таҳсилоти олиро фаро мегирад. Таҳсил дар мактабҳои ибтидоӣ одатан барои кӯдакони 6 то 13-сола буда, ҳатмӣ ва ройгон мебошад. Баъд аз он хонандагон ба мактабҳои миёна мегузаранд, ки то синфи 12 давом мекунад.

Яке аз мушкилоти асосии маориф дар кишвари болозикр камбуди захираҳо ва нобаробарии таҳсил дар ҳамаи минтақаҳо буда, ҳукумати кишвар барои бартараф намудани ин мушкилот чораҳо андешида истодаааст.

Россия

Дар соли таҳсили 2025-2026 зиёда аз 35 ҳазор кӯдак дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи назди бемористонҳои Россия таҳсил карданд. 27-уми майи соли равон дар шаҳри Москва дар Маркази миллии тадқиқотии тиббии онкология ба номи Н.Н. Блохин ҷашни анҷоми соли таҳсил баргузор гардид, ки дар он барномаи идона низ пешниҳод шуд. Дар ин чорабинӣ намояндаи Вазорати маорифи Россия Александр Реут иштирок намуда, ба кӯдакон орзуи муваффақият ва ба омӯзгорону табибон изҳори сипос кард.

Дар 72 мактаби наздибемористонии лоиҳаи «УчимЗнаем» кӯдакон аз тамоми минтақаҳои Россия таҳсил намуда, на танҳо барномаи таълимиро азхуд намуданд, балки дар олимпиадаҳо ва омодагӣ ба имтиҳонҳо низ фаъол буданд. Лоиҳаи «УчимЗнаем» бо дастгирии омӯзгорон, табибон, равоншиносон ва волидон ба кӯдакон имконият медиҳад, ки дар шароити табобати тӯлонӣ низ таҳсилро идома диҳанд ва худро қисми ҷомеаи мактабӣ эҳсос кунанд.

Тува

Форуми сеюми байниминтақавии мураббиён бо номи «Каа-Хем – 2026» дар минтақаи Сизими Ҷумҳурии Тува оғоз шуд. Маросими расмии ифтитоҳ бо суханронии намояндагони соҳаи маориф ва меҳмонони фахрӣ баргузор гардид. Дар он роҳбарони соҳаи маориф ва мутахассисони илмӣ аз минтақаҳои гуногун иштирок карданд. Барномаи форум ду самти асосиро дар бар мегирад: рушди касбии омӯзгорони ҷавон ва беҳтарсозии сифати таълим тавассути мураббигӣ.

Иштирокчиён масъалаҳои дастгирии хонандагони боистеъдод ва кор бо кӯдаконе, ки дар таҳсил душворӣ мекашанд, муҳокима мекунанд. Дар доираи барнома бахшҳои мавзуӣ, мусобиқаҳои педагогӣ ва муҳокимаҳои касбӣ баргузор мешаванд. Форум ба мубодилаи таҷриба ва рушди усулҳои муосири таълим равона гардидааст. Иштирокчиён имкони омӯзиши таҷрибаҳои нав ва гузаронидани мастер-классҳоро доранд. Дар маҷмуъ, форум ба таҳкими низоми мураббигӣ ва рушди маорифи минтақавӣ мусоидат мекунад.

Танзания

Дар Танзания кӯдакистонҳо мавҷуданд ва онҳо қисми низоми таҳсилоти томактабии кишвар мебошанд. Ин зинаи таҳсил асосан барои кӯдакони 3 то 6-сола пешбинӣ шудааст. Кӯдакистонҳо дар шакли давлатӣ ва хусусӣ фаъолият мекунанд. Дар шаҳрҳои калон, махсусан, Дар-эс-Салом шумораи кӯдакистонҳо бештар ва дорои шароити беҳтар аст. Дар деҳот бошад, дастрасӣ ба кӯдакистонҳо маҳдудтар мебошад. Барномаи таълим дар кӯдакистонҳо ба омодасозии кӯдакон ба мактаби ибтидоӣ равона шудааст. Кӯдакон дар он ҷо алифбо, рақамҳо ва малакаҳои одии омӯзиширо азхуд мекунанд. Ҳамчунин, ба рушди малакаҳои иҷтимоӣ ва бозии омӯзишӣ диққати махсус дода мешавад.

Донишгоҳи Ҷанубии Укёнуси Ором

Донишгоҳи Ҷанубии Уқёнуси Ором як донишгоҳи давлатӣ дар минтақаи Укёнуси Ором мебошад, ки маркази асосии таҳсилоти олӣ барои давлатҳои ҷазиравии ин минтақа ба ҳисоб меравад. Он соли 1968 таъсис ёфтааст ва аз ҷониби 12 давлат якҷоя идора карда мешавад: Вануату, Кирибати, Ҷазираҳои Маршалл, Науру, Ниуэ, Ҷазираҳои Кук, Самоа, Ҷазираҳои Соломон, Токелау, Тонга, Тувалу ва Фиҷӣ.

Ин донишгоҳ дар рушди маориф ва илм дар Уқёнуси Ором нақши муҳим бозида, махсусан, дар соҳаҳои фарҳанг, экология, уқёнусшиносӣ ва рушди устувор мутахассис омода месозад. Дар донишгоҳ факултетҳои илмҳои гуманитарӣ ва ҳуқуқ, иқтисод ва тиҷорат, инчунин, илм, технология ва муҳити зист фаъолият мекунанд. Ҳамчунин ин муассиса мутахассисонро дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, омӯзгорӣ, ҳуқуқ, муҳандисӣ ва кишоварзӣ низ омода мекунад.

Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА,
«Омӯзгор»

Раиси вилояти Хатлон татбиқи барномаи рақамии «E-Khonish»-ро дар муассисаҳои таълимӣ таъкид намуд.

Вафодорӣ куну миннатшиносӣ,
Ки бадфарҷомӣ орад носипосӣ.
Саъдии Шерозӣ

ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

«Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ»

Ҳафтаномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори ҷашни бузурги таърихӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо ҳадафи тавзеҳу баррасию муаррифии густардаи марҳалаҳои рушди маорифи ҷумҳурӣ ва тавсифи дастоварду навгониҳои соҳа барои беҳтарин асарҳои публитсистӣ таҳти унвони **«Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ»** озмун эълон мекунад.

Навиштаҳо бояд инъикосгару тавзеҳбахши сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, корномаи аҳли маориф дар самти пойдории Истиқлоли давлатӣ ва марҳалаҳои рушди соҳаи маориф, фаъолияти фидокорони соҳа, комёбиҳои маорифи мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳаводиси муассиру хотирмон вобаста ба ислоҳоти соҳа, тозакорию навгониҳо дар соҳа, омӯзгорони эҷодкору навовар, мақому мартабаи аҳли таълиму тарбия ва амсоли инҳо бошанд.

Ба навиштаҳое, ки саҳеҳу муъҷазу навоварона эҷод шудаанду забони шевою пуробуранг, таҳлилу пешниҳодҳои судманд, андешаҳои ҷолиб доранд ва дар онҳо умумигӯию якрангӣ ба мушоҳида намерасад, афзалият дода мешавад.

Ҳаҷми мақолаҳо набояд аз 4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times New Roman, андозаи 14, интервали 1) зиёд бошад. Дар сурати ба инобат нагирифтани ин талабот, нигоштаҳо ба чоп иҷозат дода намешаванд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то 20 августи соли 2026 идома меёбад ва дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ (09.09.2026) ҷамъбаст мегардад.

Мукофотҳо барои ғолибон:

Ҷойи 1 – 7 000 сомонӣ
Ҷойи 2 – 5 000 сомонӣ
Ҷойи 3 – 3 000 сомонӣ

Ғолибон, ҳамчунин, соҳиби ифтихорнома ва туҳфаҳо хоҳанд шуд. Гулчини мақолаҳо дар шакли китоби алоҳида ба табъ мерасад.

ТОЗАНАШР



«ЗИЁЙ» чоп шуд

Дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон китоби нави муҳаққиқи ҷавон, номзади илмҳои филологӣ Эҳсон Сафарзода таҳти унвони «Зиёй» аз чоп баромад.

Китоб маҷмуаи мақолаҳои муаллифро дар бар гирифта, ба масъалаҳои муҳимми худшиносиву худогоҳии миллӣ, нақши зиёиён дар ҷомеаи муосир, тарбияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва баланд бардоштани маърифати ҷомеа бахшида шудааст.

Муаллиф дар навиштаҳои худ фаъолияти Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун намунаи олии зиёӣ ва шахсияти барҷастаи давлатсоз мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин, дар китоб масъалаҳои таҳкими Истиқлоли давлатӣ, Ваҳдати миллӣ, ҳифзи фарҳангу забони миллӣ ва рисолати зиёиён дар шароити ҷаҳонишавӣ матраҳ шудаанд.

Ба иддаои муаллиф, ҳадафи асосии китоб саҳм гузоштан дар таҳкими худшиносии миллӣ, тарбияи маънавии насли ҷавон, дӯст доштани Ватан, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба арзишҳои миллӣ ва дар маҷмуъ, маърифатманд намудани ҷомеа мебошад.

Ҳамзамон, муаллиф масъалаи худшиносии миллӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангиро яке аз омилҳои асосии бақои миллат арзёбӣ мекунад. Дар китоб таъкид мешавад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технология ҷомеа беш аз ҳар вақти дигар ба афроди донишманд, равшанфикр, ватандӯст ва зиёӣ ниёз дорад. Дар навиштаҳои китоб ба нақши фарҳанг ва адабиёти классикии тоҷик низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Аз ҷумла, «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ ҳамчун оинаи таъриху тамаддуни миллат ва ҷашни байналмилалии Наврӯз ҳамчун рамзи дӯстӣ, эҳёи зиндагӣ ва ҳамбастагии мардум таҳлил шудаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки маҳз чунин арзишҳои бузурги маънавӣ метавонанд насли ҷавонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва худогоҳӣ тарбия намоянд.

Маҳз баланд бардоштани маърифати ҷомеа, таҳкими худшиносии миллӣ, тарбияи насли огоҳу ватандӯст метавонанд кафили пойдории Истиқлоли давлатӣ ва фардои дурахшони Тоҷикистон бошанд. Аз ин рӯ, китоб ба масъалаҳое рӯ овардааст, ки имрӯз барои ҷомеа аҳаммияти хосса доранд ва метавонанд дар бедории шуури миллӣ ва таҳкими ваҳдат саҳми муассир гузоранд.

Китоб метавонад барои муҳаққиқон, омӯзгорон, донишҷӯён, рӯзноманигорон ва доираи васеи хонандагон ҳамчун манбаи муфиди илмӣ ва маърифатӣ хизмат намояд.

Ҷасури ҚИЁМИДДИН,
«Омӯзгор»

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

МУАММОИ «ЛОМОНОСОВ»


Аз боло ба поён:

2. Муродифи вожаи «инсон». 3. Бонг, нидо, савт, садо. 5. Нидои мамнуният. 6. Фоида аз фаъолият, ки ба давлат супорида мешавад. 7. Як навъи феълии забони тоҷикӣ. 8. Илму ***, маҷмуи дониш. 10. Давлат дар қитъаи Африқо. 11. Амонатнигоҳдоранда, исми маъмулии мардонаи тоҷикӣ.

Аз чап ба рост:

1. Донишманд, энсиклопедисти рус. 4. Фоида, натиҷа. 7. «Агар аҳли *** бигзарад, боқӣ бувад номаш». 9. Нахустин повести адабиёти муосири тоҷик. 12. Насиҳат, панднома. 13. Забони давлатӣ дар Арманистон. 14. Далерӣ, қаҳрамонӣ.

Муратгиб
Ҳотам ҲОМИДЗОДА, «Омӯзгор»



Ҷавоби муаммои «Об барои рушди устувор» («Омӯзгор», №21, 28.05.2026)

1. Об барои рушди устувор. 2. Рангкӯл. 3. Лена. 4. Айсберг. 5. Гектар. 6. Руд. 7. Душанбе 8. Европа. 9. Амонатбонк. 10. Кӯлоб. 11. Бод. 12. Данғара. 13. Афросиёб 14. Булбул. 15. Лоиқ. 16. Қавс. 17. Саноатикунонӣ. 18. Исмоили Сомонӣ. 19. Исроф. 20. Фирдавсӣ. 21. Ирам. 22. Марз. 23. Зарафшон. 24. Ниагара. 25. Асад. 26. Девештич. 27. Чилдухтарон. 28. Норак. 29. Киштӣ. 30. Икром. 31. Маблағ. 32. Ғунд. 33. Дида. 34. Арал. 35. Ливо. 36. Обанбор. 37. Роғун. 38. Нил. 39. Лото.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №1243778, ки онро соли 2024 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №98-и ноҳияи Сино ба Шарипова Гурдофарид Шоруховна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №0392773, ки онро соли 2017 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Шоҳмансур ба Сайдалиев Ҳамза Умаралиевич додааст, эътибор надорад.

ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1992 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Анвар САФАРЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилчон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА (ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотам ҲОМИДЗОДА 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА (муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА (шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61 (масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА (ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 46150 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
Ҷ. Қиёмиддин